ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

Қодиров Довар Саидаллоевич

# САҲМИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ АФҒОНИСТОН

Диссертатсия

бароидарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

07.00.02.– таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои таърих Искандаров Қ.

Душанбе–2020

МУНДАРИҶА:

**САРСУХАН.................................................................................................3**

**БОБИ I. ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ВА ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР СОЛҲОИ 30-50-УМИ АСРИ XX...........................................................................................................18**

1.1.Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров.........................................................................................................18

1.2.Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон...............................40

**БОБИ 2.ИНЪИКОСИ ҶУНБИШҲОИ ОММАВИИ МАРДУМӢ ВА МАОРИФПАРВАРИИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX АФҒОНИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ.............54**

2.1.Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX...............................................................................54

2.2.Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX...........................................................................................................65

2.3.Арзёбии чунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ..................93

**БОБИ 3. САҲМИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР ОМӮЗИШИ МАҚОМИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН....................................109**

3.1.Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон ....109

3.2.Ҳақназар Назаров ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ……………………………………...123

3.3.Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон……………………………...162

**ХУЛОСА……………………………………………………………….175**

**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА..181**

# САРСУХАН

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Мактаби афғонистоншиносии тоҷик аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз мактабҳои пуршуҳрат ва бонуфузи илмӣ ба ҳисоб мерафт. Олимони шарқшиноси Тоҷикистон дар баробари тавсифи манбаъҳои хаттӣ ва омӯхтани адабиёти классикии форсу тоҷик, ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таъриху иқтисодиёт ва забону адабиёти халқҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамлакатҳои араб машғул гардида, асарҳои бунёдӣ таълиф намудаанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он маълуму машҳур гашта буданд. Ташаккул ва рушди илми шарқшиносӣ ва яке аз шохаҳои муҳимми он – афғонистоншиносӣ баъд аз таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШСТ) дар соли 1951 ва Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶШС Тоҷикистон соли 1958, ки соли 1970 ба Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон тағйири ном намуд, мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард. Таъсиси Институт барои таҳқиқи самтҳои гуногуни илми таърих ва фарҳанги ҷумҳурии ҷавон пешомадҳои навро боз намуд, барои таҳқиқи масъалаҳои зиёди ҳалногашта ва норавшани таърихи гузаштаю дурнамои ояндаи рушди илм имконият фароҳам овард.

Яке аз олимони барҷаста таърихшинос, афғонистоншинос, ки баъд аз ташкили Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ тамоми фаъолияти илмиашонро ба омӯхтани таъриху фарҳанги Афғонистон бахшидааст, профессор Ҳақназар Назаров буданд. Чи тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми суханронии худ дар ҷашни 20 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда буданд: «...мақому манзалати ҳар миллат ба андозаи саҳми он дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва маънавиёти башарӣ, илму адаб, ҳунару санъат ва пурғановат сохтани махзани арзишҳои олии инсонӣ муайян карда мешавад. Аз ин нуқтаи назар, нақш ва маҳсули кору пайкори тоҷикон дар рушди илму фарҳанги оламиён ба эътирофи умум хеле назаррас аст... Мо бояд аз ин ифтихор кунем ва ҳамеша саъю талош намоем, ки

пайравони сазовор ва ворисони арзандаи абармардони миллатамон бошем ва чароғи илму маърифатро ҳамеша фурӯзон нигоҳ дорем»[1].

Намояндаи мактаби афғонистоншиносии тоҷик, узви вобастаи АИ ҶТ Ҳ.Назаров ҳам бо маҷмӯи асарҳои илмии таълифнамудааш ва ҳам бо саҳме, ки дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва Осиёи Марказӣ гузоштааст, дар қатори ходимони барҷастаи илми шарқшиносии классикӣ – академикҳо С.С.Айнӣ, Б.Ғ.Ғафуров, З.Ш.Раҷабов, А.М.Мирзоев, М.С.Андреев, А.Ю.Якубовский, А.П.Окладников, А.А.Семёнов, В.М.Массон, Р.Т.Ахрамович, Б.Искандаров ва дигарон қарор дорад.

Вобаста ба ин, мавзӯи мазкур, бешубҳа дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад. Мубрамияти мавзӯъ бо чанд далели дигар низ мушаххас мегардад:

1. Ҳ. Назаров ҳамчун муҳаққиқи намоёни таърих ва фарҳанги Афғонистон ва халқҳои Осиёи Марказӣ, шухрати ҷаҳонӣ дошта, берун аз ҳудуди Осиё низ маъруфият пайдо карда буд. Аз ин нигоҳ, таҳқиқ ва ҷамъбасти андешаҳои Ҳ. Назаров, саҳми ӯ ба хусус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, баҳогузории илмӣ ва таҳлили осори ӯ, бешубҳа дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад.

2.Мубрамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки имрӯз дар ин кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя 40 сол аст, ки ҷанг идома дорад. Бисёре аз масъалаҳои дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров гузошташуда, махсусан зарурати ҳалли масъалаи миллӣ, тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯ дар ин замина барои ҳалли буҳрони имрӯзаи Афғонистон аҳамияти зиёд доранд.

3. Аҳамияти илмии мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ аз он низ иборат аст, ки то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ, ҷомеъ ва ҷамъбастӣ оид ба саҳми профессор Ҳ.Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон анҷом нашудааст.

4. Мубрамияти мавзӯъ дар он низ ифода меёбад, ки муайян

[1]Раҳмон Э. Суханронӣ ба муносибати 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 08.09.2011.Манбаи дастрасӣ://http://www.president.tj/node/196 (санаи муроҷиат: 31.10.2018).

намудани хизмати шоёни ашхоси бузурги миллат дар рушди илму фарҳанги мамлакат, яке аз вазифаҳои муҳимми таърихнигории миллии тоҷик мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надорад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд. Ашхоси аз решаву насаби хеш канда одатан аз хотираи таърихӣ, гузаштаи пурифтихор ва мероси фарҳангии миллати худ бенасиб монда, чун махлуқи худпарас, бемасъулият ва бегонапарвар ба камол мерасанд ва гирифтори тафакури ғуломона мегарданд. Ин бадбахтии бузург касро хоҳу нохоҳ ба инкори гузашта, ба фориғболию бехабарӣ ва носипосӣ нисбат ба рӯҳи бузурги фарзандони миллат ва ниҳоят бегонапарастию қадр накардани таъриху тамаддуни миллӣ бурда мерасонад»[1].

5. Имрӯзҳо баъзе муаллифони афғон «консепсия» ва «фарзияҳо»-и бо ном илмӣ пешниҳод карда, бо кӯшиши паст задани нақши тоҷикон дар таърихи Афғонистон, ба таври ғаразнок далелҳои таърихиро таҳриф месозанд. Нуқтаи назари Ҳ.Назаров аз рӯи бисёр масъалаҳои муҳимми таърихи муосири Афғонистон на танҳо аз таърихнигории расмии Афғонистон, балки аз афғонистоншиносони Шӯравӣ низ фарқ мекунад. Худи ин масъала аҳамияти илмии таҳқиқи мавзӯъро барҷастатар мекунад.

6. Мубрамияти мавзӯъ дар он низ ифода меёбад, ки Ҳ.Назаров таърих ва равандҳои фарҳангию этникии Афғонистонро беғаразона ва объективона омӯхта, ҷойгоҳ ва нақши ҳақиқии тоҷиконро дар таърихи ин кишвар муайян мекунад. Таҳқиқи муқоисавии муҳтавои асарҳои профессор, ки мавқеи устуворро дар доираҳои илмӣ нигоҳ медоранд, барои ҳалли мушкилоти душвори Афғонистони муосир аҳамияти

---

[1]Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён - Лондон, 2001.С. 5.

бузурги илмӣ–назариявиро доро мебошанд.

7. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи илмӣ–педагогӣ ва илмӣ–таҳқиқотии профессор Ҳ.Назаров дар рушди мактаби афғонистоншиносии тоҷик, ҳамчунин дар тарбияи насли нави афғонистоншиносон мусоидат менамояд.

Дар шароити таърихии нав майлу рағбати муҳаққиқон барои омӯзиши асарҳои олим, ошкорсозии нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва ташаккулу рушди илми таърих дар ҷумҳурӣ меафзояд, ки ин низ мубрамияти таҳқиқи масъалаи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти саҳми профессор Ҳ.Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон аҳамиятнок буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ, балки аҳамияти сиёсиро низ доро мебошад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Мавзӯи мазкур то имрӯз мавриди таҳлили махсуси илмӣ қарор нагирифтааст. Маводҳои ба ҳаёт ва фаъолияти олим бахшидашуда дар солҳои 50–80–уми асри XX мақолаҳои алоҳидаи илмӣ–оммавӣ дар бораи фаъолияти илмии Ҳ.Назаров оид ба Афғонистон дар матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Дар маҷмӯъ осори дар бораи Ҳ.Назаров чопшударо метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард.

**Ба гурӯҳи якум** мақолаҳо ва ё очеркҳое, ки ба муносибати рӯзҳои ҷашн ва ё кадом воқеаи муҳим дар ҳаёти олим навишта шудаанд ва асосан хислати илмӣ-оммавӣ доранд.

Аввалин мақолаҳо дар бораи Ҳ.Назаров аз ҷониби донишҷӯи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) М.Қодиров ва директори Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶШСТ А.Мирзоев ҳанӯз соли 1958 навишта шуда буданд[1]. Баъдан олимони номдор М.Бобохонов, А. Слонимский, Д.Исмоилов, С.

---

[1]Қодиров М. Дастпарвари университет– Нахустин номзади илми таърих//Ба қуллаҳои дониш.– 1958.– 20 февр.; Мирзоев А. Молодой ученый//Комсомолец Таджикистана. – 1958.- 19 октябр.– №126(2239).

Дӯстмурод, Саиданвар Ш., И.Қосимшоҳ, Қ.Пӯлод, Ҳ. Нуриддинов, Қ.Искандаров, С.Шохуморов, Н.Амиршоҳӣ, Ҷ.Назриев, М.Амирбеков ва дигарон[1] дар бораи зиндагинома ва фаъолияти илмии Ҳ.Назаров дар матбуот ва маҷаллаҳои илмӣ мақолаҳо нашр намуданд.

**Ба гурӯҳи дувуми** корҳо асосан тақризҳои илмиро метавон дохил намуд, ки доир ба муаррифӣ ва таҳлили муҳтавои ин ва ё он китоби муаллиф навишта шудаанд. Бояд зикр намуд, ки тақрибан доир ба ҳама китобҳои Ҳ. Назаров ҳам олимони тоҷик ва ҳам шарқшиносони хориҷӣ тақриз навишта, ба муҳтавои онҳо баҳои баланд додаанд.

Дар солҳои 70-80-ум олимони Тоҷикистон Ю.Малтсев, М.Мирзошоев, С.Шохуморов, У.Абдураҳмонов, М.Гулҷонов, А.Мухторов, М.Бобохонов, А.Ёрмаҳмадов, Д.Бобоев ва дигарон[2] ба

---

[1]Бобохонов М., Слонимский А., Исмоилов Д. Муҳаққиқ ва омӯзгори нуктасанҷ //Газетаи муаллимон.– 1981.– 28 апрел.; Дӯстмуроди С., Саиданвари Ш., Қосимшоҳи И., Пӯлоди Қ. Афғоншиноси номдор //Садои мардум.– 1991.– 22 май; Искандаров Қ., Нуриддинов Ҳ. Муҳаққиқи равшанзамир //Шоҳроҳи Ваҳдат.-№6(30) июн 2001. С.28-37;.Искандаров К. Хакназар Назарович Назаров. Жизнь, отданная науке//Ирано-славика.–2006.–№4; Искандаров К., Шохуморов С. Талантливый ученый и блестящий организатор науки//Ирано-славика.–2006.–№4.; Искандаров Қ. Нақши профессор Хақназар Назарӣ дар пажӯҳиш перомуни Афғонистон/Гузориш дар намоиши бузургдошт аз 75 солагии шарқшиноси маъруф Ҳакназар Назарӣ //Маҷаллаи посдори фарҳанги Ориё.–Канада, 2006. Манбаи дастрасӣ: http://www./apfariaye.com. (санаи истифодабарӣ: 20.04.2017.); Нурмуҳаммади А. Пири афғонистоншиносии тоҷик //Фарҳанг, март-апрели 2006.С.49-51.;Искандаров Қ.Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. С.85-97. Назриев Ҷ. Аввалин таърихшиносе, ки унвони номзади фанҳои таърихро гирифт [манбаи электронӣ]. http://www.ruzgor.tj/tarih/4995– avvalin– tarikhshinose–ki– unvoni– nomzadi– fanhoi– tarikhro– girift– 9295.html (санаи истифодабарӣ: 24.11.2018).; Искандаров Қ. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир //Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистони (маводи конфронси илмӣ бахшида ба ёдбуди олими шинохта, профессор Ҳ.Назаров).-Душанбе, 2014. С.3-8.; Амирбеков М. Ҳақназар Назаров//Фарзонагони Раштонзамин. – Душанбе; Эр-граф,2015. С.339-340.

[2] Мальцев Ю. Рец. на кн.: К. Асадуллоев, Х. Назаров, Т. Мухиддинов, Новое пособие. Новая и новейшая история стран Среднего Востока.– Душанбе, 1973.– 173 с.//Коммунист Таджикистана.– 1973.– 19 декабр.; Мирзошоев М.Ташаббуси нек. Тақриз ба китоби Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов, Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна.– Душанбе, 1973 .– 173 с.//Комсомоли Тоҷикистон.– 1974.– 7 апрел.; Шохуморов С., Абдураҳмонов У. Таърихи ду кишвари ҳамсоя. Тақриз ба китоби Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов, Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна. –Душанбе, 1973.– 173 с. //Маориф ва маданият.– 1974.– 23 июл.; Гулҷонов М. Тадқиқот оид ба таърихи Афғонистон //Маориф ва маданият.– 1977.– 17 март; Мухтаров А., Бабаханов М. Новое по истории Афганистана //Коммунист Таджикистана.– 1977.– 9 феврал.; Гульджанов М. Новое исследование по истории Афганистана //Изв. АН ТаджССР. Отд-ние обществ. наук.– 1979.–№1(95).С.113-115.; Ёрмаҳмадов А. Равшанфикри озодипараст Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ.–Душанбе:Дониш, 1980.//Газетаи муаллимон.–

монография ва китобҳои дарсии олим тақриз навишта ба чоп расониданд. Аз муҳтавои ин мақолаҳо баръало саҳми устод дар таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни таърихи Афғонистон ва арзиши китобҳои таълифнамудаи ӯ зоҳир мешавад.

Дар солҳои 90–уми асри XX низ як зумра мақолаю тақризҳо ба китобҳои тозанашри ин давраи ӯ аз ҷониби шогирдон ва дӯстонаш Қ. Искандаров, П. Қаландарбеков, С. Шохуморов, С. Дӯстмурод, Ф. Зикриёев, Ҳ. Нуриддинов ва М. Лутфуллоев[1] дар матбуот ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расиданд.

Соли 1993 аз ҷониби Қ.Искандаров ва М.Раҷабова дар доираи бахши «Библиографияи аъзои АИ ҶТ»[2], ба муносибати 60-солагии олим китобе тартиб дода шуд, ки дар он оид ба санаҳои асосии ҳаёт ва фаъолият, очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии ӯ, рӯйхати асарҳои чопшуда, таҳриркарда ва тартибдода, адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ӯ маълумот дода шудааст.

---

1981.– 28 апрел.; Назаров Ҳақназар//Энсиклопедияи советии тоҷик.– Душанбе,-1984.Ҷ.5 С.66-67.; Бобоев Д. Ситоиши бародарӣ. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, И. Раҳматов Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон.– Душанбе, Дониш,1987//Адабиёт ва санъат.-1988.-10 март.; Байматова Т.А. Общее собрание отделения общественных наук. Список действительных членов (академиков) и членов-корреспондентов АН ТаджССР от 11 декабря 1987 г// Изв. АН ТаджССР. Сер.: Философия, экономика, правоведения.– 1988.– №1(9).С.69-70.

[1]Искандаров Қ., Қаландарбеков П. Таҳқиқоти муҳимме дар афғоншиносӣ Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане.- Душанбе, 1989 //Тоҷикистон.– 1990.-№10.С.24.; Шохуморов С. Х.Назаров Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане.– Душанбе:Дониш, 1989.– 265 с. // Изв. АН ТаджССР .Сер. Востоковедение, история, филология,– 1990.– №3(19). С.77-78.; Зикриёев Ф. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.Душанбе, 1998. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.Душанбе:Дониш, 1998.-656с. //Анис.-1999.-№2.- С.85-87.; Искандаров Қ., Нуриддинов Ҳ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ. Тақриз оид ба китоби Ҳ. Назаров Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.Душанбе, Дониш, 1998.-656с //Шоҳроҳи Ваҳдат-1999.-№6.С.54-63.; Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон //Ҷумҳурият.– 1999.– 17 март.– №22 (20.092); Ҳамин муаллиф Таърихи холисонаи соҳибватанон//Ҷумҳурият.– 1999.– 20 март.– №23 (20.093).; Ҳамин муаллиф Таърихи холисонаи соҳибватанон //Ҷумҳурият.– 1999.– 24 март.– №24 (20.094).

[2]Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров // Ҳақназар Назаров. Материалҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55, Душанбе, 1993. С.13-26.; Искандаров К. Краткий очерк научной и научно-организаторкской деятельности Х. Назарова//Хакназар Назаров. Материалы к библиогрфии ученых Таджикистана, Вып. 55.Душанбе,1993.С.27-41.; Искандаров К. Основные даты жизни и деятельности Х. Назарова //Хакназар Назаров. Душанбе,1993. С.10-12.; Искандаров К., Раджабова М.Р. //Хакназар Назаров. Библиография материалы библиографии ученых Таджикистана, Вып. 55.Душанбе,1993. С.42-46.

Соли 2001 ба муносибати 70–умин солгарди зодрӯзи олим як силсила мақолаю китобҳо ба чоп расиданд, ки дар онҳо ба таври нисбатан муфассал роҳи пурпечутоби илмии тайкардаи устод ва саҳми ӯ дар шарқшиносии тоҷик таҳлил шудааст. Аз ҷумла метавон ба мақолаҳои Ш.Имом ва Қ.Искандаров[1] ишора намуд. Аммо як рисолаи мукаммалтар дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти илмии олим китоби «Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон» аст, ки ба муносибати 70-солагии ӯ аз ҷониби Қ.Искандаров таҳия ва нашр гардидааст[2]. Дар он на танҳо марҳилаҳои асосии ҳаёти Ҳ.Назаров, балки фаъолияти илмию педагогии олим оварда шуда, осори гаронбаҳои таълифнамудааш таҳлил гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки дар бораи осори Ҳ.Назаров ва шахсияти илмии ӯ дар хориҷи кишвар низ мақолаю тақризҳо ба нашр расидаанд. Метавон аз тақризҳои олими чех И.Бечка[3], олими рус В.Бойко[4] ва дигарон ном бурд. И.Бечка ба ду китоби Ҳ.Назаров «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро» ва «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ-зиддифоедалӣ дар Афғонистон (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) » тақриз навишта, ба таҳқиқоти олими тоҷик баҳои баланд додааст. Китоби олими рус В.С.Бойко хислати дарсӣ ва таърихнигорӣ дорад. Ӯ менависад: «Дар байни насли баъдазҷангии шарқшиносон-афғоншиносони осиёимиёнагии ҷойи махсусро Ҳ.Назаров ишғол мекунад. Ӯ дар натиҷаи фаъолияти хастанопазири бисёрсолаи илмиаш тавонист на танҳо силсилаи корҳои илмии беназир оид ба таърихи

---

[1]Имом Ш. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.Душанбе:Дониш, 1998.-656с.// Анис.-2000.-№1.-С.81-83.; Искандаров Қ. Афғоншиносии тоҷик дар 10 соли истиқлол// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе, 2003, № 1.
[2]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон Душанбе: Амри илм, 2001.-119 с.
[3] Becka I.// Archiv orentalni. -1966.-Vol.34.– P.467-469. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурраниҳо то ғалтидани аморати Бухоро.– Душанбе,1963.– 173 с.; Becka I. Contsribution to new Afghan history=Саҳме дар таърихи навини Афғонистон.Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) //Archiv orentalni.-1978.-Vol.3.– P.258-264.
[4]Бойко В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX — начале XXI вв. : учебное пособие. Барнаул: АлтГПУ, 2016.

Афғонистони охири асри XIX — даҳсолаҳои аввали асри XX ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия намояд, балки мактаби барҷастаи пайравони худро тарбия намояд, ки андешаҳои ӯро инкишоф дода, саҳми арзандаи худро дар шарқшиносӣ гузоштаанд»[1].

В.С. Бойко хусусияти фарққунандаи андешаҳои илмии Ҳ.Назаровро аз дигар олимони афғонистоншиноси ҷаҳонӣ таъкид карда, менависад: «Корҳои Ҳ.Н.Назаров аз лаҳзаи чопи онҳо то имрӯз мавриди баҳс мебошанд, зеро дар онҳо проблемаҳои берун аз ҷараёни ҳам афғонистоншиносии шӯравӣ ва ҳам афғонистоншиносии ҷаҳонӣ— таърихи ҷунбишҳои ҷамъиятӣ (этнополитикӣ) , пеш аз ҳама тоҷикон, саҳми онҳо дар рушди давлати Афғонистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос шудаанд»[2].

Ҳамин тавр, асарҳои дар боло нишондодашуда, бешубҳа барои коркарди масъалаи таҳқиқшаванда, саҳми назаррас гузоштаанд. Вале, дар маҷмӯъ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳоло таҳқиқоти махсусе вуҷуд надорад, ки бевосита ба омӯзиши ҷомеъ ва ҷамъбастии саҳми Ҳ.Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон бахшида шуда бошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2021 дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги идоракунии давлатӣ ва ҷомеашиносӣ, асосҳои назариявӣ ва амалияи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ» иҷро гардидааст.

**Заминаҳои манбаъшиносии таҳқиқот** васеъ ва гуногунҷанба буда,

[1]Бойко В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX — начале XXI вв. : учебное пособие. С.39-40.
[2]Бойко В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX — начале XXI вв. С. 40.

онро шартан метавон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намоем.

**Ба гурӯҳи аввал** асарҳои илмӣ, мақолаҳо ва маърӯзаҳои худи Ҳ.Назаров дохил мешаванд, ки барои омӯзиши таърих, фарҳанг ва дигар масоили муҳимми Афғонистон ва Осиёи Марказӣ дар давраи таҳқиқшаванда сарчашмаи арзишманд маҳсуб меёбанд[1]. Асарҳои илмӣ–таърихии олим асосҳои консептуалии нуқтаи назар ва ғояҳои ӯро вобаста ба масъалаҳои гуногуни таърихи асрҳои миёна ва муосири Афғонистон равшан мекунад. Дар асоси омӯзиши онҳо метавон саҳми бузург ва назаррасе, ки муҳаққиқ дар рушди таърих ва фарҳанги Афғонистон гузоштааст, муайян намоем, ки ӯро натанҳо дар мамлакати мо, балки дар хориҷа низ шӯҳратёр кардаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** мақолаҳои Ҳ.Назаров, ки характери илмӣ– оммавӣ дошта, дар саҳифаҳои нашриёти даврӣ интишор гардидаанд ва ба омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва Осиёи Марказӣ бахшида

[1]Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро / Муҳаррири масъул М. Боқиев. Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе,1963.– 179 с.; Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане // Тадж. гос. ун-т. им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1968.– 48 с.; Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века /Отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун-т. им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 87 с.; Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи миёна. /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т.Муҳиддинов./Муҳаррири масъул Д. Саидмуродов; Ун-ти. давл. Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Фак. таърих.– Душанбе, 1973.– 260 с; Назаров Х.Народные и просветительско– антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков) / Отв. ред. Б.И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т. им. В.И. Ленина– Душанбе: Ирфон, 1976.– 262 с.; Назаров Ҳ. Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ /Муҳаррири масъул Ғ.А. Ашуров; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фалсафа.– Душанбе:Дониш, 1980.– 105 с.; Назаров Ҳ., Мерганов С. Афғонистони навин – Душанбе: Ирфон, 1982– 174 с.; Назаров Ҳ., Раҳматов И. Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон /Муҳаррири масъул С. Мерганов; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Ин-ти шарқшиносӣ.– Душанбе: Дониш, 1987.- 41с.; Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане/Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. – Душанбе: Дониш, 1989.– 265 с.; Назаров Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа/Отв. ред. М. Диноршоев АН Республики Таджикистан.– Душанбе: Дониш,1993– 268 с.; Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон – Душанбе: Дониш,1998.- 656 с.; Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён / Муҳаррири масъул М. Диноршоев. – Душанбе:Ирфон, 1999.– 138 с.; Назаров Ҳ. Афкор ва андешаҳои Сайид Ҷамолиддини Асадободӣ /Ба хатти форсӣ. Тарҷумаи Сайид Ҷамолиддини Шафеӣ ва Муҳаммад Алии Аҷамӣ. Пажуҳишгоҳи фарҳанг ва ҳунари исломӣ.- Теҳрон,1999.– 119 с.; Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии.– Душанбе, 2004.– 103 с.; Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон.– Душанбе:Пайванд,2005.– 492 с.

шудаанд, ташкил медиҳанд[1]. Мақолаҳои илмӣ–оммавии олим ҳудудҳои иловагии маҳорати ӯро ҳамчун олим–таърихчӣ ва ҳамчун тарғибкунандаи донишҳои илмӣ байни табақаҳои васеи аҳолӣ бозгӯ менамоянд.

**Ба гурӯҳи сеюм** маводи бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳ. Назаров, ки доир ба фаъолияти меҳнатии олим маълумоти муҳим дорад, дохил карда шудааст[2]. Ин маводи бойгонӣ ба мо имкон дод, ки маълумоти шарҳиҳолии ҳаёт ва фаъолияти олимро аниқ созем, раванди ташаккулёбӣ ва марҳилаҳои асосии роҳи тайкардаи ӯро омӯзем. Қайд кардан ба маврид аст, ки маъхазҳои аксарияти бойгониҳо мутаассифона пурра нестанд ва дар дараҷаи зарурӣ ба танзим даровaрда нашудаанд. Ин ҳолат мушкилоти муайянро ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ ба миён меоварад. Умуман бойгонии профессор Ҳ.Назаров, ки дар утоқи хотиравии ӯ дар Маркази мероси хаттии АИ ҶТ нигоҳдорӣ мешавад, ба тартиби муайян даровaрда нашудааст.

**Гурӯҳи чоруми** манбаъҳоро мусоҳибаҳои самаранок бо шогирдон, дӯстон ва аъзои хонаводаи Ҳ.Назаров ташкил медиҳад[3].

**Мақсади таҳқиқот.** Дар асоси мубрамияти мавзӯъ ва дараҷаи омӯзиши он, мақсади кори диссертатсионӣ аз омӯзиши ҷомеъ ва муайянсозии саҳми профессор Ҳ.Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон иборат мебошад. Дар робита бо ин ҳадаф вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

---

[1]Назаров Ҳ. Рӯзи истиқлолияти Афғонистон //Тоҷикистони Советӣ.– 1959. – 27 май.; Назаров Ҳ. Робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии мо (Дар бораи ҳамкориҳои шӯравию афғонӣ) //Маориф ва маданият.– 1976.– 22 июл; Назаров Ҳ. Инқилоб ақиб намегардад //Тоҷикистони Советӣ.– 1980.– 24 янв.; Назаров Ҳ. Орзӯю умедҳои ба амал омада (Ба муносибати 100-солагии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия) //Тоҷикистони Советӣ.– 1959. – 21 май.; Бобохонов М., Назаров Ҳ..Олими намоён ва муаллими меҳрубон (Ба муносибати 60-солагии рӯзи таваллуд ва 35– солагии фаъолияти илмии З.Ш. Раҷабов) //Комсомоли Тоҷикистон.– 1966.– 16 ноябр.

[2]Маводҳои бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳақназар Назаров. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус.

[3]Мусоҳибаҳо бо д.и.т., профессор Искандаров Қ., декабри соли 2017; бо д.и.ф., профессор Назриев Ҷ., январи соли 2018; н.и.т., дотсент Нуриддинов Ҳ., марти соли 2018; бо котиби илмии Маркази мероси хаттии АИ ҶТ Абдуллоев Р., апрели соли 2018; бо ҳамсари профессор Ҳақназар Назаров, Назарова Ирина Борисовна майи соли 2018.

– мушаххас намудани марҳилаҳои зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров;
– нишон додани саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии кадрҳои илмии соҳаи таърих, махсусан афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон;
– таҳлили хулосаҳои илмии Ҳ.Назаров доир ба вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX;
– таҳлили чигунагии инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар осори Ҳ.Назаров;
– арзёбии андешаҳои Ҳ.Назаров дар бораи ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон ;
– таҳлилии консепсияи пешниҳоднамудаи Ҳ.Назаров оид ба таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон;
– муайян намудани нақши Ҳ.Назаров дар таҳлили моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ;
– мушаххас кардани саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон.

**Навгонии илмии** диссертатсия аз инҳо иборат мебошад:

– бори аввал, дар асоси сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ–таҳқиқотӣ, фаъолияти илмии Ҳ.Назаров мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтааст;

– нақши олим дар таъсиси мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– нақши Ҳ.Назаров дар рушди илми ховаршиносӣ дар Тоҷикистон, саҳми шахсии ӯ дар омодасозии мутахасисони соҳа, дар таҳияи китоб ва маводи таълимӣ оид ба таърихи мамлакатҳои Шарқ, ба таври объективӣ ҷамъбаст ва муайян карда шудааст;

– саҳми шахсии муҳаққиқ дар таҳлили вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX муайян карда шудааст;

– саҳми устод дар таҳқиқи ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баррасӣ ва мушаххас

шудааст;

– мавқеъ ва баҳои Ҳ.Назаров ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон таҳлил гардидааст;

– нуқтаи назари муҳаққиқ ба масъалаи миллӣ, таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон таҳлил гардидааст;

– консепсияи Ҳ.Назаров оид ба омӯзиши шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ арзёбӣ шудааст;

– исбот карда шудааст, ки хулосаҳои илмии олим вобаста ба масоили таърих ва фарҳанги Афғонистон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мубрамияти худро нигоҳ медоранд.

**Объекти таҳқиқоти дессертатсияро** мероси илмии профессор Ҳ.Назаров оид ба таърих ва фарҳанги Афғонистон ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқоти** диссертатсияи мазкур таҳлили асарҳои асосии муҳаққиқ, саҳми ӯ дар омӯзиши ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти** диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки саҳми Ҳ.Назаров ҳамчун таърихшинос ва афғонистоншинос дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими таърих ва фарҳанги Афғонистон, бо диди нав ва пешниҳоди консепсияи нав, хеле барҷаста буда, барои рушди минбаъдаи афғонистоншиносӣ ва таҳқиқи воқеъбинонаи таърихи Афғонистони ду асри охир мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон

метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

**Асоси методологии диссертатсия** инъикоси объективии фаъолияти муаррих ва афғонистоншиноси намоён Ҳ.Назаров вобаста ба омӯзиши масъалаҳои таърих ва фарҳанги Афғонистон мебошад. Ҳангоми омодасозии диссертатсия усулҳои гуногуни таҳқиқоти асарҳои таърихӣ: омӯзиши фактҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ–муқоисавӣ, тавсиф, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, мавқеи интиқодӣ ва мусоҳиба истифода шудаанд.

**Асосҳои назариявии рисолаи диссертатсиониро** осори олимони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил намудаанд, ки ба таърих ва фарҳанги Афғонистон бахшида шудаанд. Бахусус осори Ҳ.Назаров, М.Бобохонов, Қ.Искандаров, Ҳ.Нуриддинов, Ш.Имом, А.Нурмуҳаммад, Р.Маҳмадшоев, Ш.Зарипов, К.Абдуллоев, М.Шукурзода, М.Ғ.М. Ғубор, А.Ҳабибӣ, М.С.Фарҳанг, М.И.Рейснер, В.Г.Коргун, М.А.Бобохоҷаев ва дигарон ҳамчун асоси назариявӣ дар таҳияи рисолаи мазкур хидмат намудаанд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

1.Ташаккули Ҳ.Назаров ҳамчун олим, муҳаққиқ–таърихшинос ва афғонистоншинос дар ду боргоҳи илмию маърифатӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ оғоз ва ҷараён гирифтааст.

2.Олим–муаррих ва афғонистоншиноси барҷаста, профессор Ҳ.Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон саҳми назаррас гузоштааст. Дар асоси омӯзиши амиқ ва муносибати интиқодӣ ба сарчашмаҳои зиёд ва гуногун, муҳаққиқ тавонист комилан объективона воқеаҳои таърихиро баррасӣ намояд, хусусиятҳои равандҳои дар ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фарҳангии Афғонистон баамаломадаро ошкор созад.

3.Таҳқиқоти Ҳ.Назаров ба масъалаҳои вазъи иҷтимоӣ–сиёсӣ ва

иқтисодии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX, ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон бахшида шуда, ки дар асоси маводи бойгониҳо ва сарчашмаҳои муътамад замина қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва сабаби шикасти онҳоро илман асоснок ва исбот намудааст.

4.Муҳаққиқ консепсияи нави омӯзиши ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми асри XX, бахусус шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллои Калакониро пешниҳод намудааст, ки мавриди қабули муҳаққиқини дохилию хориҷӣ қарор гирифтааст.

5.Ҳ.Назаров яке аз идомадиҳандагони консепсияи илмии И.Рейснер дар масъалаи миллӣ буда, ин назарияро такмил намудааст.

6.Дар баробари фаъолияти босамари илмӣ, олим инчунин фаъолияти пурсамари педагогиро дар муассисаҳои олии таълимӣ пеш мебурд.Зери роҳбарии ӯ дар давоми чаҳор даҳсола китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии курсҳои махсус ва семинарҳо барои омӯзиши проблемаҳои муҳимми илми таърих, хосса афғонистоншиносӣ таҳия карда шуданд.

7.Ҳ.Назаров гурӯҳи қавии олимон-пайравонашро омода намуда, мактаби афғонистоншиносии тоҷикро бунёд гузошт, ки шогирдонаш онро идома ва такмил медиҳанд.

**Чаҳорчӯбаи замонии** таҳқиқот асрҳои XIX–XX-ро дар бар мегирад, ки давраи ташкили давлати Афғонистон ва дигаргуниҳои назаррас дар ҳаёти сиёсӣ- иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии он мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки якум, муаллиф осор ва консепсияи илмии профессор Ҳ.Назаровро доир ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, бо шогирдон, дӯстон ва хонаводаи олим мусоҳибаҳои муҳим анҷом додааст. Дувум, натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хислати амалидошта

бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои илмҳои иҷтимоӣ–гуманитарӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи №.2 аз 03.10.2019) ва дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ (суратҷаласаи №.11 аз 06.12.2019) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Нуктаҳои асосии кор дар маърӯзаҳои илмӣ дар конфренсияҳои илмӣ–назариявӣ ва амалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос гардидаанд.

Аз рӯи мавзӯи рисола муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 197 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ВА ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР СОЛҲОИ 30-50-УМИ АСРИ XX

## 1.1. Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров

Таърих ҳама вақт ҳамчун омили муайянкунанда дар ташаккули худшиносии миллии ин ё он халқ нақши муҳимро мебозад. Ин андеша дар он ифода меёбад, ки шаҳрванди ҳар як мамлакат таърихи халқи худ ва хизматҳои шахсии шахсиятҳои бузурги онро дар худмуайянкунии миллат, рушди илм ва фарҳанг бояд донад. Дар он сурат ҳисси шаҳрвандӣ, эҳтиром ба урфу одат, таъмини ваҳдати миллӣ ва тарбияи ватандӯстиро дар худ ташаккул медиҳад. Муҳаққиқ З.Ш.Сайидзода андешаҳои сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар китоби худ ҷамъоварӣ намуда таъкид менамояд: «Маҳз, ба шарофати тамаддуни пешрафта, суннату ойинҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, тафаккури зиндагисоз ва маърифати баланди аҷлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият – аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абӯалӣ Синову Носири Хусрав, Шайх Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Сайидо – садҳо нобиғаи илму адабу фарҳангро ато кардаанд»[1]. Яке аз чеҳраҳои дурахшони илму адаби Тоҷикистон узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои таърих, профессор марҳум Ҳ.Назаров маҳсуб меёбад.

Олим зодаи деҳаи Сангвори ноҳияи Тавилдара (айни ҳол ноҳияи Сангвори) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мавсуф 20 апрели соли 1931 дар ҳамин минтақа таваллуд шуда буд[2].

Солҳои кӯдакӣ ва навҷавонии Ҳақназар дар шароити бисёр мушкил-даврони таҳкими Ҳокимияти Шӯравӣ, баъдан даврони Ҷанги

---

[1]Сайидзода З.Ш. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон.– Душанбе, Контраст, 2018.С.16.

[2]Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров// Ҳақназар Назаров. Маводҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55, Душанбе, 1993.С.7.

Бузурги Ватанию мушкилоти баъди ҷангӣ рост меояд. Гарчанде даврони то вафоти падараш ва зиндагиаш дар Сангворро Ҳ.Назаров ба некӣ ёд мекунад ва дар хотироти худ мегӯяд: « Падарам ҳангоми мудири мактаб буданашон, гумон мекунам 400-500 сум бештар маош намегирифтанд ва ин маблағи хурд ба ҳисоб намерафт. Ба ҳар ҳол дар хонаи мо молҳои саноатӣ, чой, қанд, либос, ва дигар сомони саноатии хона мавҷуд буд. Мо ҳатто ду патефон доштем ва аз ҷиҳати таъмини маишӣ парвои ҷаҳон надоштем»[1]. Эҳтимолан ин зиндагии бофароғати Ҳақназари ҷавон вобаста ба вазифаи падараш буд, ки ба қавли А.Нурмуҳаммад «аз ҷумлаи коммунистони фаъол ва дар ҷамоати деҳот раиси он фирқаро бар ӯҳда дошт ва ҳам муддате раиси ҷамоат, каме баъдтар директори мактаби деҳа буд»[2]. Бо вуҷуди ин Ҳ.Назаров тасдиқ мекард, ки «умуман зиндагии аҳолии деҳот пеш аз ҷанг нисбатан осуда буд»[3].

Дар тарбияи Ҳақназари ҷавон волидонаш саҳми бориз гузоштаанд. Муҳити хонаводагӣ шароит фароҳам овард, ки истеъдоди Ҳақназар ташаккул ёбад. Ӯ писари нозпарвар буд, дар хонавода аз ҳеҷ чиз камбудӣ надошт.

Ҳақназар таҳсили ибтидоиро дар деҳаи худ оғоз кард. Аммо таҳсили Ҳақназар, зиндагии бофароғати бачагӣ зиёд давом накард. Бо қарори ҳукумати Шӯравӣ аз охири солҳои 30–юм бо қарори Ҳукумат муҳоҷиркунии аҳолии деҳоти кӯҳистон ба водии Вахш шурӯъ шуд.

Соли 1940 Назари Бадеъ, ки худ яке аз масъулони муҳоҷиркунии аҳолии ин диёр буд ба хонаводааш ба ноҳияи Ҷиликӯл кӯч баст[4].

Роҷеъ ба ин муҳоҷиркунӣ М.Амирбеков чунин менависад: «Солҳои 30–40–уми қарни XX–ро мардуми кӯҳистон бо сабаби муҳоҷиршавӣ хуб дар ёд доранд, вале аз худ кардани водии Вахш тақозои замон буду амри виҷдон. На ҳамаи муҳоҷирон ободии Вахшро дида тавонистанд, яке аз

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон С.9.
[2]Нурмуҳаммади А. Пири афғонистоншиносии тоҷик //Фарҳанг март-апрел 2006. С.49.
[3] Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон С.9.
4Искандаров Қ.Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. С.85.

гармо мурду дигаре аз сармо, яке аз гурӯснагӣ ҷон доду дигаре аз беморӣ»[1]. Умуман, сиёсати муҳоҷирсозии ҳукумати Шӯравӣ дар баробари музаффариятҳо таъсири амиқтар ва манфитар аз худ боқӣ гузошт, зеро дар заминаи он сокинони манотиқи кӯҳистонии шарқ ва ҷанубу шарқии кишвар аксаран муҳоҷир шуданд. Муҳаққиқ Шарофиддин Имом сиёсати муҳоҷирсозии ҳукумати Шӯравиро таҳлил намуда таъкид менамояд, ки «муҳоҷирсозӣ ба бунёди асолати миллӣ, ки ба муҳити зист ва ниҳодҳои суннатӣ пайванди ногусаста дошт зарбаи сахт зад ва сонияи заминаи амалии рақобату зиддиятро муҳайё кард»[2]. Умуман андешаҳои ин муҳаққиқро мо низ ҷонибдорӣ намуда, дар тақвият ба онҳо гуфтанием, ки муҳоҷирсозии ҳукумати Шӯравӣ дар баробари ҷанбаҳои мусбат доштанаш мушкилоти мардумро бештар сохт. Падари Ҳ.Назаров намояндаи босалоҳияти Шӯрои Вазирони Тоҷикистон оид ба муҳоҷиркунии деҳоти ноҳияи Сангвор буд.

Ҳ.Назаров дар хусуси падару модараш дар тарҷумаи ҳолаш чунин менигорад: «Падарам Назар Бадеъ маълумоти ибтидоиро дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ гирифта буд ва дар ташкилотҳои гуногуни ҳизбии Шӯравӣ кору фаъолият менамуд. Дар солҳои охири ҳаёти худ, ки ман дар хотир дорам, падарам мудири мактаб буд. Баъд аз муҳоҷиршавӣ аз Сангвор ба Ҷиликӯл мудири фермаи колхози «Пахтакор» буд. Баъд аз ин падарам намояндаи босалоҳияти Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба муҳоҷиркунии баъзе аз деҳоти дурдасти ноҳияи Сангвор ба ҳисоб мерафт. Модарам бошад, Шарипова Гулхонум дар колхоз кор мекард»[3].

Баҳори соли 1942 падари устод дар синни 45 солагӣ аз олам даргузашт, тақрибан дар ҳамин солҳо модараш низ аз ҳаёт чашм пӯшид ва Ҳақназар тани танҳо монд[4].

---

[1]Амирбеков М.Ҳақназар Назаров//Фарзонагони Раштонзамин. С.339.
[2]Имом Ш.Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон.Душанбе,2003.С.124.
[3]Маводҳои бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти маросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳақназар Назаров. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус.С.5.
[4]Искандаров Қ.Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон.С.85-86.

Марги бармаҳали падару модар Ҳақназари навҷавонро якбора аз ҳама чиз маҳрум сохт. Зиндагии хеле сахти давраи ҷанг, фақру бенавоӣ, бесарусомонӣ ҷисму рӯҳи ӯро сахт фишурда намуд.

Дар ин солҳои мудҳиши Ҷанги бузурги Ватанӣ Ҳақназари ҷавон то ҳатто оворагӣ, дарбадарӣ ва нонгадоӣ кардааст, то даме ки тирамоҳи соли 1943 ба хонаи бачагони Шулмак пазируфта шуд. Хонаи бачагони Шулмак барои устод сарпаноҳ гардид ва зиндагии ӯро то ҷойе ҳамвор сохт.

Ҳ.Назаров аз соли 1943 то соли 1947 дар хонаи кӯдакони Шулмак тарбия ёфта, соли 1945 ба омӯзишгоҳи педагогии Ғарм дохил шуд ва онро соли 1948 бомуваффақият хатм намуд[1].

Баъд аз оне ки соли 1948 Ҳ.Назаров омӯзишгоҳи педагогии Ғармро бо баҳои аъло хатм намуд, ҳамон сол бидуни имтиҳон донишҷӯи курси 1–уми факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон гардид. Соли 1948, таъсисёбии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд ва Ҳақназар яке аз аввалин донишҷуён ба шумор мерафт.

Дар он солҳо дар Донишгоҳ Ҳ.Назаров аз беҳтарин олимон ва устодон ба мисли З.Ш.Раҷабов, А.А.Андреев, А.А.Семёнов, Д.Е. Хайтун, С.В.Володарский, А.Г. Слонимский, Ю.А.Шибаева, К.А.Богомолова ва дигарон дарс омӯхтааст. Асоси комёбиҳои Ҳақназари донишҷӯ бешубҳа заҳмати шабу рӯзиаш дар фарогирии илму дониш буд. Муҳити донишҷӯйи он солҳо низ ба ин мусоидат мекард.

Баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон Ҳ.Назаров соли 1953 ба сифати муаллим ба Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб роҳат гирифта, то соли 1954 дар он ҷо кор кард. Қ.Искандаров менависад: «Истеъдоду малакаи таҳқиқотӣ ва дониши баланди Ҳ.Назаров дар айёми донишҷӯӣ ба тамоми устодон ва роҳбарони Донишгоҳ маълум буд ва ба ӯ тавсия дода шуд, ки ба аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии

---

[1]Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров.// Ҳақназар Назаров. Маводҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55. -Душанбе:Дониш, 1993. С.13-26

Тоҷикистон дохил шавад»[1]. Дар ин замина ҷиҳати ба аспирантура дохил шудани Ҳ.Назаров, Соҳиб Табаров, ки он вақт ҷонишини ректори Университет буд, мусоидат намуд. Ҳатто шахсан ӯ ба унвонии раёсати Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб мактуб навишта, хоҳиш намуд, ки Ҳ.Назаровро дар Кӯлоб манъ накунанд. Аз он сабаб, ки Донишкадаи Кӯлоб муаллими таърих надошт, Ҳ.Назаров як сол дар он ҷо кор кард.

Ибтидои соли 1955 Ҳ.Назаров ба аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Аз ибтидои фаъолияти илмиаш муҳаққиқи ҷавон ба таҳқиқи сарнавишти гузаштаи халқи тоҷик, пешвоёни он ва муборизаи аҳли заҳмат барои озодӣ ва рифоҳ дилбастагии махсус дошт. Ибтидо мехост дар бораи Восеъ рисолае нависад. Аммо ҳарчанд талош кард, сарчашмаҳои боэътимоде дар бораи Восеъ пайдо карда натавонист, бинобар ин бо тавсия ва ҳидояти роҳбари илмии худ Зариф Шарифович Раҷабов мавзӯи «Очерки таърихи Кӯҳистон (болооби Зарафшон) дар нимаи дуюми асри XIX ибтидои асри XX»–ро, ки маводи зарурии дастрас дошт, интихоб намуд[2].

Академики АИ Тоҷикистон, З.Ш.Раҷабов яке аз маъруфтарин таърихнигорони тоҷик, ташкилотчии моҳир, устоди забардаст дар камолоти маънавии устод ҳамчун тадқиқотчии соҳаи таърих нақши бузург бозидааст.

Мавзӯи рисолаи номзадии Ҳ.Назаров яке аз мавзӯъҳое буд, ки то он замон мавриди таҳқиқи илмӣ қарор наёфта буд. Устод барои инъикоси таърихи воқеии ин минтақа миқдори зиёди маъхазҳои бойгонӣ ва хаттӣ, адабиёти тоинқилобии рус ва маълумоти шифоҳие, ки аз мӯйсафедони ин минтақа ҷамъоварӣ намуда буд, дар таҳқиқоташ истифода намудааст. Мавсуф нахустин бор таърихи сохти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии Кӯҳистонро аз ибтидои қарни XVIII то барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор дод.

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон С.19.
[2]Ҳамон ҷо. С.20.

Яке аз фаслҳои рисола ба ҳамроҳшавии Кӯҳистон ба Россия, ки соли 1870 ба анҷом расида буд, бахшида шудааст. Чунон ки муаллиф таъкид кардааст, бо ҳамроҳшавии Кӯҳистон ба Россия ба парокандагии сиёсии он хотима гузошта шуд. Вале аҳволи оммаи заҳматкаш, ки дар шароити хеле вазнини иқтисодӣ зиндагӣ мекард, беҳтар нашуд[1].

Рисолаи номзадии Ҳ.Назаров, бисёр саҳифаҳои торики таърихи халқи тоҷики ин минтақаро равшан сохт ва аз тарафи олимони машҳур А.А.Семенов, А.М.Мухторов ва дигарон баҳои баланд гирифт.

Ҳ.Назаров 26–уми феврали соли 1957 дар Шӯрои махсуси ҳимояи корҳои номзадии Университети давлатии Тоҷикистон рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илми таърих гардид[2].

Қисми асосии рисола ба унвони «сохти иҷтимоӣ– иқтисодии Кӯҳистон дар нимаи дуюми қарни XIX ва ибтидои қарни XX» дар маҷмӯаи аввалини корҳои илмии аспирантони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин соли 1957 чоп шудааст[3].

Ҳ.Назаров аз ҷумлаи хатмкардаҳои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аввалин касе буд, ки соҳиби дараҷаи номзади илми таърих гардида буд. Дар ин бора мақолаи зер дар шумораи 21–уми марти соли 1958 рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш», ки ба қалами донишҷӯи шуъбаи таърихи Донишгоҳ Муқим Қодиров тааллуқ дошт, хабар медиҳад[4].Мусоҳибаҳои анҷомдодаи мо низ ба шогирдон ва дӯстони устод башорат аз он медиҳад, ки мавсуф яке аз аввалин нафароне ҳисоб

---

[1]Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров. // Ҳақназар Назаров. Материалҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55. Душанбе:Дониш, 1993.С.14.

[2]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.21.

[3]Муфассалтар ниг. ба: Назаров Х.Социально-экономический строй Кухистана во второй половине XIX и начале XX веков // Из истории Таджикистна/ Тадж. гос. ун-т им. В. И. Ленин.– Сталинабад, 1957.– Вып. 1: Сборник работ аспирантов кафедры истории. С.3–50; Назаров Х.Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начале XX вв.: автореф. дис.… канд. ист. наук./Тадж. гос. ун-т им. В. И. Ленин.– Сталинабад, 1957.– 17 с.; Назаров Х.Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начале XX вв.: дис… канд. ист. наук.– Сталинабад, 1957.– 237 л.

[4]Қодиров М. Дастпарварони университет – Аввалин номзади фанҳои таърих //Ба қуллаҳои дониш.– 1958.– 21 март.

меёфт, ки соҳиби дараҷаи номзади илмҳои таърих аз ҷумлаи хатмкардаҳои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон гардида буд[1].

Баъд аз ифтитоҳи Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ Тоҷикистон бо даъвати Абдулғанӣ Мирзоев моҳи апрели соли 1958 Ҳ. Назаров барои кор ба ин шуъба ҷалб карда шуд.

А.Мирзоев аз рӯзҳои аввал ба пажӯҳишгари ҷавон таваҷҷуҳи махсус дошт ва ба қавли Ҳ.Назаров таъкид кард, ки агар хоҳиши омӯзиши таърихи тоҷиконро дошта бошӣ ин корро дар Шуъбаи шарқшиносӣ ҳам хеле хуб метавонӣ иҷро кунӣ, зеро қисми зиёди тоҷикон дар Афғонистон зиндагӣ мекунанд[2].

А.Мирзоев баъд аз чанд моҳи оғози кори Ҳ.Назаров дар Шуъба дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз 19–уми октябри соли 1958 мақолае дар бораи олими ҷавони боистеъдод навишт[3].

Кам иттифоқ меафтад, ки мудири шуъба амалан директори Институт дар бораи як муҳаққиқи ҷавон мақола нависад. Навишта шудани ин мақола аз тарафи мудири шуъба академик А.Мирзоев таваҷҷуҳ ва нишони эътимод нисбати муҳаққиқи ҷавон ва умедбахш Ҳ. Назаров маҳсуб меёфт.

Баъд аз ба кор дар Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶШС Тоҷикистон омаданашон тамоми фаъолияти илмӣ–педагогӣ, ҷамъиятӣ ва таблиғотии Ҳ.Назаров ба Афғонистон пайваст гардид.

Вале бояд ёдовар шуд, ки зимни омӯзиши ин кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя таҳқиқи воқеъбинонаи таърих ва сарнавишти тоҷикон мӯҳтавои асосии тамоми осори пурбаҳои ӯро ташкил медод[4].

Устод то вопасин лаҳзаҳои охири умр ғамшарики доимии ин кишвари ҷангзада ва ин мардуми қурбони манофеи ҷангсолорони дохилӣ ва қудратҳои ҷаҳонӣ гашта буд.

---

[1]Мусоҳибаҳо бо д.и.т., профессор Искандаров Қ., декабри соли 2017; бо д.и.ф., профессор Назриев Ҷ., январи соли 2018; н.и.т., дотсент Нуриддинов Ҳ., марти соли 2018.
[2]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон. С.23.
[3]Мирзоев А. Молодой ученый//Комсомолец Таджикистана. – 1958.-19 октябр.– №126(2239).
[4]Искандаров Қ.Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон.С.86.

Ҳ. Назаров дар солҳои 60–уми асри XX як қатор корҳои муҳимми илмӣ анҷом додааст.

Аз ҷумла соли 1963 асари «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дуррониҳо то ғалтидани аморати Бухоро» ба табъ расонд, ки дар он бар асоси сарчашмаҳо, маводи бойгонӣ ва соири аснод таърихи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳанги ду кишварро мавриди баррасӣ қарор дод. Ин асар баъдан дар Афғонистон хонандаи зиёде пайдо намуд ва бархе аз бобҳои он рӯи чопро дид. Шарқшиноси машҳури чехословакӣ Иржи Бечка дар маҷаллаи «Аршив Ориентал» (№34, 1966) тақризеро дар бораи он нашр намуд ва онро мавриди таҳлил қарор дода, баҳои баланд дод[1].

Устод ба ғайр аз монографияи «Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дуррониҳо то ғалтидани аморати Бухоро»[2] дар ин солҳо як зумра китоб, мақолаҳо ва ба асарҳои муаррихони кишварамон тақриз навиштанд.

Ҳ.Назаров дар соли 1962 ҳамчун олими шинохта дар Маҷлиси машваратии Умумииттифоқии шарқшиносон аз рӯи проблемаҳои мубрами таърих ва иқтисодиёти Шарқӣ хориҷӣ дар шаҳри Боку иштирок намуд. Барои устод иштирок намудан дар чунин маҳфил ва шиносоӣ ба як зумра шарқшиносони маъруф, аз ҷумла афғонистоншиносон бениҳоят муҳим буд. Яке аз он шахсиятҳои маъруфе, ки Ҳ.Назаров дар ин маҳфили илмӣ ба он шинос шуд, доктори илмҳои таърих, профессор Р.Т. Ахрамович буд, ки он замон муовини директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравиро ба ӯҳда дошт. Устод маҳз аз забони ҳамин муҳаққиқ тавсифи Б.Ғафуровро шунидааст. Ба қавли Ҳ.Назаров чун Р.Т.Ахрамович муовини Б. Ғафуров буд ӯро «вазири бузург» мегуфтанд. Дӯстии самими ин ду олим Ҳ.Назаров ва Р.Т. Ахрамович маҳз баъд аз ҳамин маҷлис оғоз гардида, то охири умри

[1]Дӯстмуроди С., Саиданвари Ш., Қосимшоҳи И., Пӯлоди Қ. Афғоншиноси номдор //Садои мардум.– 1991.– 22 май.С.4.

[2]Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дуррониҳо то ғалтидани аморати Бухоро/Муҳаррири масъул М.Бақоев; Шӯъбаи шарқшиноси ва осори хаттӣ Акад. Фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе, 1963.– 179 с.

Ахрамович давом кард. Тафсилоти ин дӯстии муҳаққиқон сари масъалаҳои афғонистоншиносӣ дар асари Қосимшоҳ Искандаров инъикос ёфтааст[1].

Аз солҳои 60–уми асри XX устод Ҳ.Назаров самти фаъолияти илмии худро ба масоили ҷунбишҳои оммавии мардумӣ равона намуд, ки ин раванд дар солҳои баъди низ идома намуд. Дар китобҳои устод «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон» (1968) ва «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардуми Афғонистон дар ибтидои қарни XX» (1969), оид ба тағйироти иқтисодӣ–иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва сабабҳои ба вуқӯъ омадани ҷунбишҳои мардумӣ дар Афғонистон маълумоти арзишманд оварда шудааст[2].

Дар ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмӣ Ҳ.Назаров дар бойгониҳои гуногун бо маводи зиёде дучор омад, ки то ҳол мавриди истифода қарор нагирифта буданд. Миқдори зиёде аз аснод дар бойгонии Вазорати умури хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дошт, ки истифодаи илмӣ аз онҳо метавонист асрори бисёре аз воқеаҳои охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX Афғонистонро ифшо намояд.

Устод ба хулосае омад, ки таҳқиқотро дар ин замина идома дода, натиҷаи онро ба сифати рисолаи докторӣ барои ҳимоя пешниҳод намояд. Р. Т. Ахрамович ба нақшаи кори илмии устод шинос шуда, онро «бисёр дилчасп» хонд ва дар мактуби худ аз 2–юми феврали соли 1969 дар хусуси кори таҳқиқотии дӯсташ чунин навишта буд: «Дар кори Шумо интизор меравад, ки аз ҷумла бахши иҷтимоию идеологии он ҷолиб мебарояд. Хоҳиш мекунам, лутфан, мувофиқи макон, ба таъсири мутақобилаи падидаҳои (Осиёи Миёна-Осиёи Марказӣ-Осиёи Ҷанубӣ) ба шаклҳои дарк ва интиқоли таъсири идеяҳои гуногун, аз ҷумла аз хориҷ (Россия, Аврупо, Япония) диққат диҳед»[3]. Бешак, Р.Т.Ахрамович

[1]Ниг.: Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон…С.28-29.
[2]Назаров Х.К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане/ Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1968.– 48 с.; Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века/Отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 87 с
[3]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.32.

ҷиҳати хонданибоб ва мукаммал гардидани рисолаи доктории дӯсташ Ҳ.Назаров кӯшиши зиёд ба харҷ дод.

Р.Т.Ахрамович инчунин кӯшиши зиёд намуд, ки барои Ҳ.Назаров заминаи истифода аз асноди бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравиро мусоид созад. Ӯ шахсан ба Р.М. Уляновский, ки он вақт дар КМ ҲК Иттиҳоди Шӯравӣ шахси масъуле буд мактуб навишта, хоҳиш намуд, ки чунин кӯмакеро дареғ надорад[1]. Ба ин далел дар ҷамъоварии маводи илмӣ аз бойгониҳо ба устод, Р.Т.Ахрамович кӯмаки бедареғ намудааст.

Ба қавли муҳаққиқ Қ. Исқандаров «Солҳои 1970–1973 сафари Афғонистон барои Ҳ.Назаров имконият дод, ки бо Афғонистон аз наздик ошно шавад, бо мардуми он сӯҳбат кунад, дониши андӯхтаашро бо воқеият муқоиса намояд ва албатта барои таҳиқиқоти баъдинаи худ маводи зарурӣ ҷамъоварӣ кунад. Дар ин солҳо ӯ ба сифати тарҷумон ҳамроҳи гурӯҳи маъданшиносони Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон адои вазифа намуд»[2]. Умуман дар давоми ин се соли истиқомат дар Афғонистон олим маводи зиёди илмӣ ҷамъоварӣ намуд, ки барои корҳои илмии минбаъдааш хидмат намуданд.

Устод соли 1973 пас аз бозгашт аз Афғонистон китоби дарсӣ бо ҳаммуаллифии Қ. Асадуллоев ва Т. Муҳиддинов таҳия намударо бо номи «Таърихи нав ва навтарини мамолики Шарқи миёна» барои донишҷӯёни факултетҳои таърихи мактабҳои олӣ ба нашр расониданд[3].Ба ин воситаи таълимии муаллифон як зумра муҳаққиқон тақриз навиштанд ва онро таҳқиқоти барҷаста номиданд[4]. Ҳ.Назаров дар давоми сафараш дар Афғонистон ҳамчунин ба як қатор чеҳраҳои мондагони Афғонистон

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.33.
[2]Искандаров Қ. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир//Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистони. (маводи конфронси илмӣ бахшида ба ёдбуди олими шинохта, профессор Ҳ.Назаров).Душанбе, 2014.С.5.
[3]Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамолики Шарқи миёна. Китоби дарсӣ /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т.Муҳиддинов/Муҳаррири масъул Д. Саидмуродов; Ун-ти давл. Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Фак. таърих.– Душанбе, 1973.– 260 с.
[4]Мальцев Ю. Новое пособие.//Коммунист Таджикистана.– 1973.– 19 декабр.; Мирзошоев М.Ташаббуси нек.//Комсомоли Тоҷикистон.– 1974.– 7 апрел; Шохуморов С., Абдураҳмонов У. Таърихи ду кишвари ҳамсоя.//Маориф ва маданият.– 1974.– 23 июл.

Мирғулом Муҳаммад Ғубор, Равон Фарҳодӣ, Муҳаммад Тоҳир Бадахшӣ, Муҳаммад Сиддиқи Тарзӣ ва ғайраҳо вохурию суҳбатҳо дошт, ки барои дарки амиқи Афғонистон замина фароҳам сохтанд.

Ба қавли Қ.Искандаров «дар Афғонистон зери унвони «Афғонистон дар 10 соли охир (1963–1973)» устод китобе навишт, ки як давраи хеле муҳимми таърихи навтарини Афғонистон, ё даҳаи Қонуни асосӣ ҳисоб мешавад, ки мувофиқи Қонуни асосии соли 1964 ба фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, матбуоти хусусӣ иҷозат дода шуд. Ин даврае буд, ки мафҳумҳои демократия, интихоби озод ба парламент, озодии сухан ва ғайра сари забонҳо буд. Бо бозгашт ба Тоҷикистон дар нақшаи нашриёт барои солҳои 1973–1974 чопи он китоб пешбинӣ шуда буд ва омодаи нашр шуда, тамоми мароҳили заруриро тай намуда буд, вале нашри он аз тарафи Маскав иҷозат дода нашуд ва китоби мазкур пора–пора карда шуд»[1]. Эҳтимол сабаби асосии ба нашр иҷозат надодан созгор набудани муҳтавои он ба сиёсати даври Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ буд.

Фақат баъди ҳодисаҳои апрелии соли 1978, яъне Инқилоби Савр, ин китоб васеътар карда шуд ва бо хаммуаллифии С.Мерганов баъди тапу талошҳои зиёд соли 1982 бо номи «Афғонистони навин» дар нашриёти «Ирфон» аз чоп баромад[2].

Дар бойгонии Ҳ. Назаров нусхаи мактубе маҳфуз аст, ки директори нашриёти «Ирфон» Ш. Маърупов замимаи дасхати китоб намуда, ба унвонии мудири Шуъбаи мамлакатҳои Шарқи миёнаи Вазорати корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ В.К.Болдирев фиристода аст ва аз ӯ хоҳиш намудааст, ки ба чопи китоб иҷозат диҳанд[3]. Мо дар ин ҷо аз шарҳу тафсили он мактуб худдорӣ намуда, танҳо ҳаминро хотирасон менамоем, ки он вақт илми таърихнигорӣ бо сиёсат сахт печида буд ва китоби мазкур бо мушкили рӯи чоп баромад.

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон. С.35-36.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Муфасалтар ниг.: ба Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.36-37.

Иқдоми дигари муҳаққиқ пас аз бозгашт аз Афғонистон ҳамчун коммунист ба унвони КМ ҲК Тоҷикистон навиштани мактуб буд. Дар ин мактубаш аз 24–уми апрели соли 1973 ӯ доир ба масъалаи миллӣ, аз ҷумла доир ба тоҷикон ибрози андеша намуд ва пешниҳоди мушаххасе ироа намуд[1].

«Ӯ баъд аз ин бо ҷиддияти тамом таҳқиқоти худро дар мавзӯи ҷунбишҳои мардумӣ ва маорифпарварӣ, ки ҳанӯз пеш аз сафар ба Афғонистон шурӯъ карда буд, идома дод ва соли 1976 асари калонҳаҷми таҳқиқотии ӯ зери унвони «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)» дар нашриёти «Ирфон», зери таҳрири Б.И. Искандаров аз чоп баромад, ки асоси рисолаи докторӣ қарор гирифт. Соли 1977 дар Институти мамлакатҳои Осиё ва Африқои назди Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносов онро бомуваффақият дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид»[2], менависад Қ.Искандаров.

Китоби нави Ҳ.Назаров идомаи корҳои илмии солҳои 60–ум оғоз кардааш буд. Ҷунбишҳои мардумӣ ва зиддифеодалӣ дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX то ҳол на дар таърихнигории Афғонистон ва на дар таърихшиносии шӯравӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи махсус қарор нагирифта буд. Дар маҷмӯъ як консепсияи умумии омӯзиши ин ҷунбишҳо вуҷуд надошт. Муаллиф заҳмати зиёде ба харҷ дод, то хосияту моҳияти асосии қиёмҳои мардумӣ, ҳадафи аслии онҳоро муайян намояд. Барои ин мебоист бо мантиқу далелҳои раднашаванда хулосаҳои илмии худро собит созад. Зеро ҳам дар Душанбе ва ҳам дар дигар шаҳрҳо мутахассисоне буданд, ки ё аз рӯи ғараз ё аз рӯи надоштани дарки моҳияти масъала ба баррасиҳои илмии устод мухолифат меварзиданд ва

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.37-40.
[2]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.41.; Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков./Отв. ред. Б. И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1976– 262 с.; Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX вв.): автореф. дис… д-ра ист. наук/ Ин-т стран Азии и Африки при МГУ им. М.В. Ломоносова.– М., 1977.– 36 с.

иддао мекарданд, ки муаллиф исёнҳои феодалиро шӯришҳои халқӣ таллақӣ номидааст, ё ки ин масъалаҳо гӯё аллакай таҳқиқ шуданд ва ҳоҷати баррасии онҳо нест ва ғайра. Рисолаи доктории Ҳ.Назаров барои тақризи берунӣ ба Тошканд фиристода шуда буд, лекин афғонистоншиноси ӯзбек М. Бобохоҷаев тақриз навиштан нахост ва як сол корро кашола дод ва ниҳоят тақризи танқидии худро фиристод. Ҳимояи рисола дар ҳузури аъзои Шӯрои махсус дар Маскав, ки аз олимони барҷастаи соҳа ташкил ёфта буд баҳои баланд гирифт, ки ҳам аъзоёни шӯро ва ҳам доварон (оппонентон) ба кори илмии Ҳақназар Назаров баҳои баланд доданд ва дурустии далелҳои илмии муаллифро тасдиқ намуданд[1].

Қ.Искандаров дар хусуси ҳимояи рисолаи доктории Ҳ.Назаров чунун менигорад: «Бояд ёдовар шуд, ки оппонентҳои расмии рисолаи доктории Ҳ.Назаров олимони машҳури шарқшинос ва афғонистоншиносони ҳамон давра доктори илми таърих Н.А.Халфин аз Институти шарқшиносии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ, доктори илми таърих (ҳоло узви вобастаи АИ Россия) Д.П.Новоселсев аз Институти таърихи АИ Иттиҳоди Шуравӣ ва профессорон А.И.Павлов аз Институти мамлакатҳои Осиё ва Африқои назди Университети давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов буданд. Ҳамаи онҳо дар тақризҳои худ ба китоби Ҳ.Назаров баҳои хеле баланд доданд»[2]. Ба андешаи мо низ аз ҳимояи рисолаи доктории Ҳ.Назаров зиёда аз 40 сол сипари гашта бошад ҳам, андешаҳои муҳаққиқ то кунун арзиши худро гум накардаанд.

Профессор А.П.Новоселсев, дар тақризи худ аз ҷумла чунин навиштааст: «Кори Ҳ.Назаров саҳми пурарзише дар таҳқиқи илми таърихи Афғонистон мебошад. Ин саҳм пеш аз ҳама дар табақабандӣ ва омӯзиши мушаххаси давраҳои муборизаи иҷтимоии оммаи мардуми Афғонистон дар тӯли марҳалаи бисёр тӯлонӣ ва муҳим аз солҳои 80–уми қарни XIX то арафаи Инқилоби Октябр ифода ёфтааст. Муаллиф

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон С.42.
[2]Ҳамон ҷо.

тавонистааст нишон диҳад, ки инкишофи муборизаи халқӣ дар Афғонистон дар маҷмӯъ хатти сууди ҷомеъаи афғониро муайян намуда, шаклҳои гуногуни фарогирии миллату ақвоми мухталифро ба вуҷуд овардааст»[1].

Дар тақризи мудири кафедраи таърихи мамлакатҳои Осиёи Ҷанубии Институти мамлакатҳои Осиё ва Африқои Донишгоҳи давлатии Масква ба номи М.В. Ломоносов, В.Н. Павлов аз ҷумла чунин омадааст: «Кори Ҳ.Назаров як таҳқиқоти тоза ва бикр аст, ки дар он муаллиф маъхазҳои гуногунро истифода намуда, тасвири бисёр ҳам равшан ва боварибахши на танҳо муборизаи синфиро дар ҷомеа, балки инчунин рӯҳияи иштирокчиёни онро нишон додааст. Дар ин кор гарчанде муаллиф онро вазифаи асосии худ қарор надодааст, хислатҳои ҷолиб ва боварибахши гурӯҳҳои асосии этникиро мебинем. Гузашта аз он, дар ин масъалаи хеле нозук ва ҳассос, олими тоҷик аз худ як рафтори холисона, интернатсионалистӣ ва воқеъбинона нишон медиҳад. Кори илмӣ бисёр боварибахш навишта шудааст. Аксари фаслҳои он бо як дилчаспии хос хонда мешавад. Бояд қайд кард, ки кори мазкур дорои аҳамияти бевоситаи амалӣ мебошад ва бидуни фаҳмидани фарозу нишеби ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ, мавқеъгирии қуввaҳоро дар дохили табақоти иҷтимоӣ ва ҷунбишҳои миллӣ дарк кардан хеле душвор аст»[2].

Аъзоёни Шӯрои махсуси илмӣ В.Н.Зайтсев, профессорон Д.Н.Еремеев, Л.А.Фридман ва дигарон низ дар баромадҳои худ бо вуҷуди баъзе мулоҳизаҳо ба кори илмии Ҳ.Назаров баҳои баланд доданд. Масалан, В.Н.Зайтсев, аз ҷумла чунин гуфт: «Ман мехостам, инчунин баъзе ҷиҳатҳои умумии ин корро ёдовар шавам, ки бархурди инфиродии олимро зоҳир месозад. Пеш аз ҳама кӯшиши баррасии оммаи халқ на ҳамчун объекти фаъолияти неруҳои сиёсӣ, балки ҳамчун субъект ва ба вазъияти мамлакат аз нуқтаи назари ҳамин оммаи халқ баҳо додан ба мушоҳида мерасад. Барои ҳамин вазъи воқеии онҳо дар китоб на бо

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.42-43.
[2]Ҳамон ҷо.С.42-43.

категорияҳои умумӣ, на бо рақамҳо, ки меъёри даромади феодалиро ба намоиш мегузоранд, балки ҳамчун тасвири зиндаи таъсирбахши беҳуқуқӣ, мазлумӣ, ки ба эътирозот ва инфиҷор меоранд, нишон дода шудааст. Ин нукта бисёр муҳим аст ва як хислати бикр ва худ вежагии ин кор аст»[1].

Профессор Д.Е. Еремеев ин рисоларо «таҳқиқоти бисёр ҷолиби шарқшиносӣ» номида буд[2].

Дар охир раиси ҷаласа профессор Р.Т. Ахрамович кори ҷаласаро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла чунин гуфт: «Ҳимояи имрӯзаи кори доктории рафиқ Назаров ин худ нишондиҳандаи рушд ва таҳкими афғонистоншиносии мост. Мехостам махсус таъкид кунам, ки рисоларо намояндаи шарқшиносии Тоҷикистон ҳимоя мекунад. Дар Душанбе, дар ҷараёни чандин солҳо боз маркази хеле ҷолиб ва аз рӯи имконоти вуҷудоштаю натиҷаҳои амалигардидаи ҷустуҷӯйҳои илмӣ маркази афғонистоншиносӣ ташаккул меёбад. Ин чиз бисёр муҳим аст, рафиқони тоҷики мо ба таври хеле фаъол дар амалӣ гардонидани чорабиниҳои иқтисодӣ ва фарҳангие, ки дар барномаи ҳамкориҳои байнидавлатии Шӯравию Афғонистон пешбинӣ шудаанд, фаъолона иштирок менамоянд. Ҳақназар Назаров солҳои зиёд дар Донишгоҳ, дар Душанбе кор карда, баъд дар дастгоҳи иқтисодии сафорати Шӯравӣ дар Кобул худро хоксорона тарҷумон номида, ифои вазифа намуд. Дар ҳоле, ки моҳиятан коршинос буд. Вай якчанд китоб доир ба таърихи Афғонистон ба нашр расонида аст– асарҳои бисёр бикр, ки аз тарафи афғонистоншиносони Маскав ва дигар шаҳрҳо бо ҷалби таваҷҷуҳи махсусе истиқбол гардидаанд ва бархурди амиқу самараноки муҳаққикро нисбат ба масъалаҳои омӯхташаванда қайд мекунанд. Солҳои дар Афғонистон буданаш, Назаров он қадар маводе вобаста ба

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.42-43.
[2]Ҳамон ҷо.

зиндагии халқ ҷамъ карда овард, ки инро фақат рафиқи тоҷик мо карда метавонад»[1].

Ба монографияи устод «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон» (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX) як зумра муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ тақриз навишта, онро таҳқиқоти арзишманд эътироф намуданд.

Таърихнигорони барҷастаи тоҷик Аҳрор Мухторов ва Мансур Бобохонов ба монографияи «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)» «саҳми ҷиддӣ дар илми шарқшиносии шӯравӣ» номидаанд, ки «метавонад на танҳо барои мутахассисон, балки барои ҳама дилбастагони таърихи ҳамсояи ҷанубӣ кумаки бисёр арзишманд ва муфиде намояд»[2].

Муҳаққиқи чехи Иржи Бечка дар тақризи худ аҳамияти илмӣ ва амалии онро махсус қайд кардааст[3]. Донишманди дигари тоҷик М. Гулҷонов низ таҳқиқоти Ҳ. Назаров бисёр арзишманд ва қобили қадр донистааст[4].

Дар солҳои 70–уми қарни XX устод ба ғайр аз ҳимоя намудани рисолаи докторӣ ҳамчунин як қатор мақолаҳоро ба табъ мерасонад, ки аз ҷониби хонандагон хуб қабул карда шуданд.

Солҳои 80–уми қарни XX муҳаққиқ бо тамоми нерӯ ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, якчанд асарҳои бунёдӣ чоп намуд, ки аз онҳо то ба имрӯз хонанда истифода мебаранд.

Асарҳои муҳимми бунёдии устод дар ин солҳо «Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ», «Афғонистони навин», «Назаре ба

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.43-44.

[2]Мухтаров А., Бабаханов М. Новое по истории Афганистана //Коммунист Таджикистана.– 1977.– 9 феврал.

[3]Becka I. Contsribution to new Afghan history=Саҳме дар таърихи навини Афғонистон. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков). //Archiv orentalni.-1978.-Vol.3.P.258-264.

[4]Гулҷонов М. Тадқиқот оид ба таърихи Афғонистон //Маориф ва маданият.– 1977.– 17 март.; Ҳамин муаллиф. Новое исследование по истории Афганистана //Изв. АН ТаджССР.. Отд-ние обществ. наук.– 1979.– №1(95) С.113-115;

равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон» ва «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми асри XX» ба ҳисоб мераванд.

Аз ин силсилаи китобҳо махсусан омӯзиши афкори иҷтимоӣ–сиёсии пешқадами Саид Ҷамоллидини Афғониро махсус бояд қайд карда шавад. Зеро ҷаҳонбинӣ ва таълимоти Саид Ҷамоллидини Афғонӣ бешак имрӯз низ барои ҷаҳони Шарқ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Муҳаққиқи тоҷик А.Ёрмаҳмадов зери унвони «Равшанфикри озодипараст» тақризе ба китоби Ҳ.Назаров, «Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ» навишт ва онро тадқиқоти барҷаста арзёбӣ намуд[1].

Барои асари илмию бадеии «Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон» номзади илмҳои фалсафа Домулло Бобоев тақриз навишта, чунин таъкид медорад: «Ҳарчанд дар Иттифоқи Советӣ доир ба Афғонистон асарҳои илмию бадеӣ хеле фаровон ба нашр расидаанд, рисолаи мазкур ба ҳавасмандони таърихи Афғонистон маълумоти тоза мебахшад»[2].

Дигар асари бунёдии муаллиф «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX» маҳсуб меёфт, ки дар он шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ инъикос ёфтааст. Бояд иброз намоем, ки шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ яке аз масъалаҳои баҳсноктарини таърихи навини Афғонистон маҳсуб меёбад.

Давоми солҳои 80-уми қарни XX Ҳ.Назаров дар баробари монографияҳои бунёдӣ мақолаҳои арзишмад навишт. Ба қатори онҳо «Инқилоби Савр ва ҳалли масоили арзӣ дар Афғонистон», «Ҷунбишҳои солҳои 1920 дар Афғонистон аз рӯи арзёбии муаррихи афғон М.Ғубор дар асари ӯ «Афғонистон дар масири таърих», «Саид Ҷамолиддини Афғонӣ–муждарасони нуҳзатҳои машрутаҳоҳӣ дар Шарқ» ва ғайра ба табъ расонд, ки бешубҳа дар шинохти равандҳои таърихию сиёсии Афғонистон нақши калон доштанд.

---

[1]Ёрмаҳмадов А. Равшанфикри озодипараст.Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, -Душанбе: Дониш, 1980.//Газетаи муаллимон.– 1981.– 28 апрел.
[2]Бобоев Д. Ситоиши бародарӣ //Адабиёт ва санъат.– 1988.– 10 март.

Дар солҳои 90–уми қарни XX ва ибтидои қарни XXI новобаста аз вазъи ногувори ҷумҳурӣ устод боз ҳам ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, асару мақолаҳои бунёдӣ чоп намуданд. Бояд хотирасон намуд, ки ин таҳқиқоти илмӣ дар чаҳорчубаи манофеи миллии тоҷикон ва дар шароити соҳибистиқлолии кишварамон суръат гирифтааст. Агар дар марҳилаи аввали таҳқиқоти илмии худ солҳои 50–80–уми қарни XX муҳаққиқ дар доираи реҷаи низоми коммунистӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом медод ва манофеи ин иттиҳодро аввалан ба инобат мегирифт, аммо дар замони истиқолият тамоми асару мақолаҳои устод дар меҳвари манфиатҳои Тоҷикистон суръат гирифтааст.

Аммо Ҳ.Назаров аз рӯзҳои нахустини таҳқиқоти илмии худ аз соли 1958 то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар шуъбаи шарқшиносӣ АИ Ҷумҳурӣ кору фаъолият намуд ва новобаста аз идеологияи ин Иттиҳод аз манофеи миллати тоҷик хоса аз тоҷикони Афғонистон дифоъ менамуд.

Таҳқиқоти илмии профессор Ҳ.Назаровро дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мо ба ду марҳила ҷудо менамоем. Марҳилаи аввал аз соли 1991 то соли 1999 ва марҳилаи дуюм аз соли 2000 то рӯзҳои вопасини ҳаёт, яъне соли 2006.

Дар марҳилаи аввал солҳои 1991–1999 муҳаққиқ як қатор осори бунёдӣ дар такя ба манофеи миллӣ ва диди нав ба табъ расонид. Бояд иброз намуд, ки дар замони истиқлоли кишвар низ самти таҳқиқоти илмии устодро афғонистоншиносӣ ташкил медод. Дар ин солҳо устод асару мақолаҳои «Перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Тоҳири Бадахшӣ кист», «Саид Ҷамолиддини Афғонӣ ва мактаби иҷтимоӣ–сиёсии ӯ», «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», «Авомили суӯд ва суқути давлати Сомониён»,«Афкор ва андешаҳои Сайид Ҷамолиддини Асадободӣ» ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар китоби «Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва мактаби ҷамъиятию сиёсии вай» муаллиф фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ ва илмию фалсафии

Сайид Ҷамоллидини Афғониро дар мамлакатҳои Шарқи Миёна ва Наздик ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор додааст[1].

Дигар китоби пурмуҳтаво ва калонҳаҷми олим «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» маҳсуб меёфт. Дар пешгуфтори китоб аслан матлаб ва ҳадафи асосии муаллиф аз навиштани он ба таври возеҳ баён ёфтааст. Ҳатто барои он ки шубҳае дар номгузории он пайдо нашавад, муаллиф менависад: «Барои онҳое, ки аз таърих ва фарҳанги Хуросон ба хубӣ огоҳӣ доранд, шояд номгузорӣ беҷо ва бемаврид бошад, лекин чӣ метавон кард дар ҳоле агар муаллифони афғон дар ним қарни охир тамоми комёбиҳо ва дастовардҳои Хуросонро асосан ба афғонҳо (паштунҳо) нисбат дода, тоҷиконро ба ҷумлаи «қабилае аз қабоили паштун» ба қалам медиҳанд… нақш ва мақоми халқи тоҷикро нодида мегирифтанд»[2].

Дар соли 1999 Ҳ.Назаров китоберо бо номи «Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён» ба муносибати 1100 солагии давлати Сомониён дар нашриёти «Ирфон» чоп намуд, ки асари бунёдии муҳаққиқ ба ҳисоб меравад. Бо ин асараш муаллиф наслҳои имрӯзу фардои миллати тамаддунсози тоҷикро ҳушдор медиҳад, аз истиқлолияти давлатӣ ва озодии худ дифоъ намоянд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифозат намоянд[3].

Дар марҳилаи дуюми таҳқиқоти илмии худ солҳои 2000–2006 Ҳ.Назаров асар ва мақолаҳои «Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон», «Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Абармарде, ки дар пешгоҳи мардуми Афғонистон ояндаи дурахшонро ифтитоҳ намуд», «Таърихи пайдоиш ва паҳншавии ақвом ва халқиятҳои Осиёи Марказӣ» ва «Нақши эрониён–тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон»–ро навиштанд.

---

1Назаров Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа /Отв. ред. М. Диноршоев; АН Республики Таджикистан.– Душанбе:Дониш,1993– 268 с.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон – Душанбе, Дониш,1998. С.3
[3]Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён. – Душанбе:Ирфон, 1999.– 138 с.

Аз ҷумла дар мақолае, ки дар хусуси қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳ Масъуд навиштааст, чунин нигоштааст: «Ба яқини комил метавон қазоват кард, ки дар миёни муборизони озодии Хуросони бузург шахсеро пайдо кардан душвор аст, ки бо хулқу атвор, шуҷоъат ва ҷавонмардӣ, покӣ ва сафоии худ дар баробари Аҳмадшоҳи Масъуд қарор гирифта тавонад. Ҳарчанд вай бо ҷанговарӣ ва қаҳрамони миллӣ номдор шуда бошад ҳам, вале дар асл вай як шахси наҷиб ва фарзонаи фарҳангӣ буд ва дар тамоми даврони мубориза ва муҷоҳадаи худ ҳамеша «Қуръони Маҷид», «Шоҳнома»–и Абулқосими Фирдавсӣ ва «Маснавӣ»–и Мавлавиро бо худ медошт»[1].

Дар асари «Нақши эрониён–тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон» низ муаллиф фикрҳои ҷолиб баён намудааст. Мавсуф дар такя ба Ибни Халдун таъкид менамояд, ки «Куллияи уламои илми калом ва низ муфассирони Қуръон эронӣ буданд ва ҷуз эрониён касе ба ҳифз ва тадвини улум қиём накард ва аз ин рӯ мисдоқи гуфтори пайғамбар (с) падид омад, ки фармуд «агар дониш ба гардани осмон даровезад, қавме аз мардуми форс бад–он ноил меоянд ва онро ба даст меоваранд»[2].

Ҳ. Назаров як зумра асарҳои шогирдони худро дар ин давра таҳрир кардааст. Ба қатори ин асарҳо «Ҷунбиши ҷавонон дар Афғонистон солҳои 1945–1990»[3], «Давлати куртҳои Ҳирот (1245–1381)»[4], «Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV»[5] ва «Кобул дар гузаргоҳи таърих»[6] ва дигарҳо маҳсуб меёбанд.

Агар ба муҳимтарин асарҳое, ки шодравон Ҳ.Назаров оид ба Афғонистон ва дар маҷмӯъ оид ба форсизабонон–тоҷикон навиштааст назар намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки ин муҳаққиқ яке аз чеҳраҳои

1Назаров Ҳ. Абармарде, ки дар пешгоҳи мардуми Афғонистон ояндаи дурахшонро ифтитоҳ намуд.//Фарҳанг.– 2003.-№7-9.С.21.
2Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон.– Душанбе:Пайванд, 2005.С.194-195.
3Искандаров К. Молодежное движение в Афганистане (1945– 1988 гг).– Душанбе, 1992.
4Амиршоҳӣ Н. Давлати куртҳои Ҳирот (1245-1381).– Душанбе, 1996.
5Амиршоҳӣ Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV.– Душанбе, 1999.
6Соҳибназар М. Кобул дар гузаргоҳи таърих.– Душанбе, 2000. (Бо хатти форсӣ)

дурахшони илми тоҷик ва бунёдгузори мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Марги нобаҳангоми устод дар таърихи 12–уми феврали соли 2006 имкон надод, ки тамоми фаъолияти илмии ӯ оид масоили таърихшиносӣ ва афғонистоншиносӣ то ба охир анҷом дода шавад. Сарфи назар аз ин асарҳое, ки ӯ дар тӯли умри бобаракати худ навиштааст, метавонанд ӯро барҷастатарин шарқшинос ва афғонистоншиносӣ қарни XX ва ибтидои XXI муаррифӣ намоянд.

Барои хизматҳои илмиаш ӯ инчунин бо нишони «Барои муваффақиятҳои бузурги корӣ дар мактаби олии ИҶШС» қадр шудааст. Соли 1979 аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ унвони доктори илми таърих, солҳои 1979–1981 иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедараи таърихи нав ва навтарини Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, соли 1981 аз тарафи Комиссияи олии аттестасионӣ рутбаи илмии профессор дода шудааст. Иштирокчии маҷлиси ҳамоҳангии Умумииттифоқӣ аз рӯи проблемаҳои мубрами фалсафӣ ва афкори иҷтимоии Шарқи хориҷӣ (шаҳри Душанбе) буд. Солҳои 1981–1982 мудири бахши Афғонистони Институти шарқшиносии Академияи улуми ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1982–1986 мудири Шуъбаи таърих, иқтисодиёт ва афкори иҷтимоии мамлакатҳои Шарқи хориҷӣ, соли 1985 иштирокчии маҷлиси машваратии умумииттифоқии «Исломи муосир: проблемаҳои сиёсат ва идеология» (шаҳри Москва), соли 1987 мудири Шуъбаи афғонистонии Институти шарқшиносии Академияи улуми ҶШС Тоҷикистон ва ҳамин сол ба сифати узви вобастаи Академияи улуми ҶШС Тоҷикистон интихоб шудааст. Соли 1988 иштирокчии Конференсияи III умумииттифоқии шарқшиносон «Таъсири мутақобилаи тамаддун дар Шарқ» (шаҳри Душанбе), соли 1989 Иштирокчии Семинари I байналхалқӣ оид ба Афғонистон (шаҳри Москва), соли 1990 Вакили Конгресси байналхалқӣ ба муносибати 1000–солагии Шоҳнома (шаҳри Кобул). Аз соли 1992 Директори Институти

шарқшиносии Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуд[1].

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши бойгонии шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Институти мероси хаттии АИ ҶТ, маълум гардид, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфарознома бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов аз 31 августи соли 1996 таҳти рақами 564 барои корҳои илмии бунёдие, ки ба инкишофи адабиёт ва фарҳанг мусоидат намудаанд, хизматҳо дар фаъолияти илмию педагогӣ, тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос ба Ҳақназар Назаров – сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи осори хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони фахрии «Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» дода шудааст[2].Аз ин ҷо маълум мегардад, ки хизматҳои устодро ҳукумати кишвар, хосса Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон қадрдонӣ намуданд. Аммо устод ба ҳамаи ин унвону мукофот, эътибору эътирофҳо бо дидаи хоксоронаи худ менигарист.

Ҳамин тавр, дар ташаккулёбии шахсияти Ҳ.Назаров ва оғози фаъолияти касбии ӯ ҳамчун таърихшинос ва афғонистоншинос хизмати олимон З.Ш.Раҷабов, А.Мирзоев, Р.Т.Ахрамович ва дигар устодон бениҳоят калон аст. Ҳамчунин кӯшишу заҳматҳои бардавоми худи устод дар давоми умри бобаракати худ ба ӯ имконият доданд, ки дар қатори барҷастатарин таърихшиносон ва афғонистоншиносони дохил ва хориҷӣ кишвар қарор гирад.

Фаъолияти илмию омӯзгории устод шаҳодат медиҳад, ки имрӯз дар Тоҷикистон як мактаби қавии афғонистоншиносӣ ташаккул ёфтааст, ки муассиси он Ҳ.Назаров мебошад. Маҳз дар ҳамин мактаб консепсияҳои нави омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни таърихи Афғонистон, ҷунбишҳои мардумӣ, таърихи миллати тоҷик ба вуҷуд омадаанд. На ба ҳама олимон

---

[1]Искандаров К. Основные даты жизни и деятельности Х. Назарова //Хакзазар Назаров. Душанбе,1993. С.10-12.
[2]Маводҳои бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳақназар Назаров. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус. С.13.

муяссар мегардад соҳибмактаб бошад. Олими рус В.С.Бойко ӯро «классики шохаи Осиёмиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон»[1] номидааст.

Дар мактаби шодравон Ҳ.Назаров даҳҳо олимони ҷавони тоҷик ва афғон тарбия гирифта, ба қуллаҳои баланди эҷодӣ ва илмӣ расиданд. Бе муболиға Ҳ.Назаров таърихшинос ва афғонистоншиноси машҳур, инсони поксиришт ва дӯсти самимии Афғонистон буд.

## 1.2.Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон

Доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров ҳамчун олими шинохтаи тоҷик ва ҷаҳон, омӯзгори варзида, аълочии маорифи ҷумҳурӣ, арбоби шоистаи илм ва техника, узви вобастаи АИ ҶТ дар омодасозии муҳаққиқони соҳаи таърих, хусусан афғонистоншиносӣ саҳми бениҳоят калон гузоштааст.

Хосатан рушди илми афғонистоншиносии собиқ Ҷумҳуриии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Тоҷикистони соҳибистиқлол ба номи ин шахсият сахт алоқаманд аст.

Чуноне дар боло ишора гардид В.С.Бойко -афғонистоншиноси маъруфи рус саҳми Ҳ.Назаров дар афғонистоншиносии собиқ Ҷумҳуриии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва  ташкили мактаби қавии афғонистоншиносӣ бисёр барҷаста донистааст. Бешубҳа, афкор ва ҷаҳонбинии илмии Ҳ.Назаров дар хусуси Афғонистон ба таври куллӣ аз афғонистоншиносони дигари Шӯравии собиқ ва ҷаҳонӣ фарқ менамояд, ки ин хислати хоси таҳқиқоти ӯро ташкил медиҳад.

Тавре қаблан зикр намудем, устод Ҳ.Назаров баъди хатми Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) сарнавишти худро ба таҳқиқоти илмӣ пайваст. Мавсуф ба фаъолияти самараноку пурмаҳсули илмӣ аз солҳои ба аспирантура дохил шудан то рӯзҳои охирини ҳаёташ

---

[1]Искандаров Қ.Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон.С.85.

машғул буд. Дар ин радиф мавсуф барои таҳқиқоти илмӣ донишҷӯёни қобилиятнок ва боистеъдодро ҷалб менамуд. Аз байни донишҷӯёни қобилиятнок ва боистеъдоди устод шахсиятҳои баркамол сабзиданд. Онҳо ҷустуҷӯҳои илмии устоди худро сармашқи кори худ қарор доданд ва худи онҳо низ ин роҳи пурмашақати илмиро интихоб намуданд. Аз байни донишҷӯёне, ки профессор дар мактабҳои олии кишвар сабақ меомӯхт, минбаъд номзадҳо ва докторони илм ба камол расиданд. Имрӯз роҳи тайнамудаи устоди худро шогирдонаш дар ҷодаи илм пеш бурда истодаанд ва худи онҳо низ даҳҳо шогирдонро дар самти илм ба қуллаҳои мақсуд расонданд.

Устод илми таърих ва хосса афғонистоншиносии тоҷикро ба сатҳи ҷаҳонӣ баровarda буд, шогирдони ӯ низ самти таҳқиқоти илмии худро ба афғонистоншиносӣ пайвастанд ва аз шогирдии устод будан ифтихори азим доранд. Зери роҳбарии ин олими пухтакор, пуркор, ҳақҷӯю ҳақгӯй ва пири афғонистоншиносони тоҷик шогирдон рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро дар самтҳои муҳимми илми таърих анҷом додаанд.

Яке аз аввалин шогирдони устод Холиқназаров Худобердӣ маҳсуб меёбад. Мавсуф хатмкунандаи факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мебошад. Солҳои 70–уми қарни XX ба сифати тарҷумони забони дарӣ ва форсӣ дар Афғонистон ва Эрон қарор дошт.

Баъдан ба Институти шарқшиносии АИ ҶТ ба сифати ходими хурди илмӣ ба кор қабул карда шуд ва зимнан дар аспирантураи ғоибона таҳсил мекард.

Ҳ.Назаров роҳбарии рисолаҳои илмиеро ба уҳда мегирифт, ки худаш дар он мавзӯъҳо комилан ворид ва дониши зиёд андӯхта буд. Мавзӯи рисолаи Х.Холиқназаров ҳам яке аз ин мавзӯъҳо буд. Зеро устод таҳти унвони «Омолу афкори Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ» ҳанӯз дар соли 1980 китобе чоп намуда буд. Дар ин китоб Ҳ.Назаров, он назари манфие, ки дар таърихнигории Шӯравӣ оид ба Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ҳамчун «назариётчии панисломистӣ» ва як шахси иртиҷоӣ арзёбӣ менамуданд, ба таври интиқодӣ ба ин андешаҳо бархурд

намудааст. Ҳ.Назаров дуруст андешаронӣ намудааст, ки Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ аз зумраи он равшанфикроне буд, ки бо назариёти иҷтимоию сиёсии худ дар инкишофи нуҳзатҳои миллӣ–озодихоҳии халқҳои Шарқи Миёна ва Наздик хидмати босазое анҷом додааст. С.Ҷамолиддин муқобили зулм ва истибдоди феодалӣ, таассуботи динӣ ва истеъмори сармоядорӣ баромад намуда, асоси ақибмондагии мамолики Шарқро маҳз дар онҳо медид. Ин мутафаккир барои ҳамин гузариш аз низоми мутлақият ба низоми машрутиятро барои мамолики Шарқ дар он замон пешниҳод намуда буд. Аз ин рӯ, пешниҳод шудани мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ аз ҷониби Ҳ.Назаров таҳти унвони «Фаъолияти иҷтимоӣ–сиёсии Ҷамолиддини Афғонӣ ва шогирдони ӯ дар Эрон дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX» ба Х.Холиқназаров барои он замон бешак муҳим арзёбӣ мегардид.

Қабл аз ҳимояи рисола дар Институт бо ҳидояти Ҳ.Назаров мақолаҳои зиёдеро Х.Худобердӣ ба чоп расонид, ки асосан ба мавзӯъҳои таърихи Эрон ва Афғонистон иртибот доштанд. Аз байни ин мақолаҳо ва гузоришҳои илмӣ метавон «Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва ҳаракати миллии «Шӯриши тамоку» дар Эрон»; «Малқомхон чун намояндаи равшанфикрони Эрон»; «Муборизаи Малқомхон ва Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ бар зидди режими шоҳӣ дар Эрон дар охири асри XIX»; «Фаъолияти зиддиистеъморӣ ва зиддиимпералистии Ҷамолиддин Афғонӣ дар Эрон»–ро ном бурд[1]. Таҳлилу баррасиии рисолаи номзадии Х.Худобердӣ «Фаъолияти иҷтимоӣ–сиёсии Ҷамолиддини Афғонӣ ва шогирдони ӯ дар Эрон дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX», аз он шаҳодат медиҳад, ки мавсуф дар пайравӣ ба андешаҳои роҳбари илмиаш ва нуктаи назари худ шахсияти Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва шогирдони ӯро дар сатҳи олӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Нуктаҳои Х.Худобердӣ оид ба Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва шогирдонаш имрӯз низ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзиши худро гум нахоҳанд кард.

[1]Амиршоҳӣ Н.Холиқназаров Худобердӣ.//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. С. 525.

Баъд аз баргаштан ба Ватан Х. Худобердӣ дар вазифаҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолият намудааст. Ҳамаи фаъолиятҳои Х. Худобердӣ аз таҳсил дар донишгоҳ то ҳол бо шарқшиносии тоҷик хосса афғонистоншиносӣ алоқа ва пайванди судманду ҳамешагӣ дорад.

Баъд аз марги нобаҳангоми устод дар санаи 12–уми феврали соли 2006 ин шогирди устод баъд аз нӯҳ сол дар мавзӯи «Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди Созмони ҳамкории Шанхай дар солҳои 1996–2014» рисолаи доктории худро бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид[1].

Шогирди дигари устоди зиндаёд Ҳ.Назаров, Қосимшо Искандаров мебошад. Қосимшо Искандаров ба факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил гардида, онро бо баҳои аъло хатм намуд. Ҳанӯз аз овони донишҷӯи зери роҳбарии устод Ҳ. Назаров ба омӯзиши таърихи Афғонистон оғоз кард. Ба қавли Қ.Искандаров шӯриши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ мавзӯе буд, ки диққати устодро он солҳо бисёр ҷалб карда буд. Бинобар ин он солҳо ба шогирдонаш ин мавзӯъро пешниҳод намуд ва ӯ рисолаи дипломии худро зери номи «Шӯриши Бачаи Сақо дар Афғонистон» таҳия ва ҳимоя кард. Қ.Искандаров солҳои 1981–1985 бо роҳхати КМ комсомол ба сифати тарҷумони гурӯҳи мушовирон дар Созмони Демократии Ҷавонони Афғонистон фаъолият намудааст ва бо истифода аз фурсат дар бораи ҳаракати ҷавонон маводи зиёд ҷамъоварӣ намуд.

Баъди бозгашт аз Афғонистон ба аспирантураи Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида, моҳи марти соли 1989 дар шӯрои диссертатсионии Институти кишварҳои Осиё ва Африқои Университети давлатии шаҳри Маскав ба номи М.В. Ломоносов, зери роҳбарии Ҳ. Назаров рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ҷунбиши ҷавонон дар Афғонистон солҳои 1945–1988» дифоъ менамояд. Рисолаи номзадии Қ.Искандаров дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои

[1]Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничество (1996-2014 гг.): дис. д-ра. ист. наук./ЦСИ при Президент Респ. Таджикистан.– Душанбе, 2015.– 357 с.

таърихӣ аввалин маротиба кӯшиши таҳқиқи намудани раванди ташаккулёбӣ ва паҳн гардидани ҷунбиши ҷавонон дар Афғонистон баъд аз ҷанги дувуми ҷаҳонӣ ба амал бароварда шуд. Муаллиф диққати асосиро ба омӯзиши марҳилаҳои асосии инкишофи наҳзати ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии кишвар равона намуд.

Моҳи декабри соли 2004 бошад, дар Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶТ рисолаи доктириро дар мавзӯи «Ҷунбишҳои иҷтимоӣ–сиёсӣ дар Афғонистон солҳои 1945–2001» ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих гардид[1]. Дар рисолаи доктории худ устод Қ.Искандаров ба таърихи зуҳур, ташаккулёбӣ ва таҳаввули фаъолияти доираи васеи аҳзоб, созмонҳо ва ҷунбишҳои сиёсии Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XX равшанӣ меандозад. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва адабиёти илмии мавҷуда масъалаҳои авзои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Афғонистон, ки дар заминаи онҳо аҳзоб ва созмонҳои сиёсӣ ба вуҷуд меомаданд, таъсири омилҳои беруна ба равандҳои сиёсии Афғонистон ва фаъолияти аҳзоби сиёсии кишвар мавриди баҳс қарор гирифтааст. Муҳаққиқ Қ.Искандаров дар рисолаи доктории худ баробари нишон додани фаъолияти аҳзоби гуногуни сиёсӣ моҳияти буржуазӣ, майдабуржуазӣ, коммунистӣ ва миллатгародошта аҳамият дода, ба раванди паҳн гардидани афкори «исломи сиёсӣ» ва ташкил ёфтани аҳзоби мухталифи исломӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои сиёсии ҷомеаи Афғонистон аҳамияти хос дода шуда аст. Устод Қ.Искандаров дар рисолаи доктории худ дар хусуси Афғонистон чунин менависад: «Омӯзиши таърих ва таҳаввули фаъолияти ҷунбишҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ аҳамияти махсуси худро дар робита бо тағйироти умумиҷаҳонии геополитикӣ дар минтақа ба миён омада, нигоҳ медорад. Ҳудуди Афғонистон дар давоми қарнҳо аҳамияти бузурги геополитикии худро

---

[1]Абдуллоев Р.Искандаров Қосимшо//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. С. 365-366.

ҳифз намуда, то ба ҳол ин мавқеъро нигоҳ медорад...»[1]. Ба назари мо устод Қ.Искандаров тавонистааст, ки ҳамчун муҳаққиқи нозукбин ва нуктасанҷ ва яке аз шогирдони болаёқати Ҳ.Назаров равандҳои иҷтимоӣ-сиёсие, ки дар нимаи дуюми қарни XX ва ибтидои XXI дар Афонистон ба миён омадаро ба таври холисона мавриди пажӯҳиш қарор диҳад.

Аз сӯи дигар, Қ.Искандаров ба қавли Р.Абдуллоев «давоми ин солҳо монографияҳо ва китобҳои «Ҷунбишҳои ҷавонон дар Афғонистон солҳои 1945–1988», «Афғонистон: толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ», «Ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои Афғонистон дар нимаи дуюми асри XX», «Нури шаҳри офтоб» ва амсоли инҳоро ба чоп мерасонад»[2].

Аз мутолиаи ин асарҳои устод Қ. Искандаров ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки устод чеҳраи намоёни афғонистоншиноси тоҷик маҳсуб меёбад ва идомадиҳандаи мактаби афғонистоншиносии устод Ҳ.Назаров мебошад.

Муҳаққиқон ва сиёсатшиносон дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ба рисолаҳои мазкур баҳои баланди илмӣ доданд. Мақолаҳои навиштааш дар маҷаллаҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Теҳрон, Алмаато, Луело (Шветсия), Маскав, Киев ва ғайра нашр гардиданд[3].

Устод Қосимшо Искандаров дар баробари ин фаъолияти васеи илмӣ–ташкилӣ ва ҷамъиятиро пеш мебарад. Вай аъзои кумитаҳои Ҷоизаҳои давлатӣ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Муҳаммад Осимӣ, узви Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон ва Институти шарқшиносиии Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон, узви ҳайати илмии Донишгоҳи Ориё (шаҳри Мазори Шариф) мебошад[4].

---

[1]Искандаров К. Общественно-политические движения в Афганистане (1945–2001гг.): дис. д-ра. ист. наук. С.3.
[2]Муфассал ниг.: Абдуллоев Р. Искандаров Қосимшо//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов.С. 365-370.
[3]Абдуллоев Р. Искандаров Қосимшо//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов.С. 369.
[4]Абдуллоев Р. Искандаров Қосимшо//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. С.370

Тахти роҳбарии мавсуф 20 нафар аспирантон ва унвонҷӯён рисолаҳои номзадии худро таҳия ва дифоъ намуда истодаанд

Шогирди дигари Ҳ.Назаров, Назаров Носир Ҷобирович (Назарзода Носир Ҷобир) мебошанд. Н.Назаров дар рисолаи номзадии худ дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ аввалин маротиба кӯшиши таҳқиқ намудани ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистони Шӯравиро бо Афғонистон ба роҳ монд. Муаллиф диққати асосиро ба омӯзиши марҳилаҳои асосии ин ҳамкориҳо аз солҳои 60–ум то охири солҳои 80–ум равона намудааст[1]. Н.Назаров таъкид намудааст, ки ҳамкориҳои фарҳангӣ қисми таркибии муносибатҳои байналхалқӣ мебошанд.Мақом ва аҳамияти ҳамкориҳои фарҳангӣ бо он муайян мегардад, ки тавассути онҳо ҳамдигарфаҳмӣ ва наздикшавии халқҳо ба миён меояд. Н.Назаров дар рисолаи худ менависад: «Таърихи муносибатҳои инсонӣ шаҳодат медиҳад маҳз тавассути ҳамкориҳои фарҳангӣ бо дигар мамлакатҳо на танҳо ба қавигардонии фарҳангӣ ин ё он халқ, балки самаранокии густариши тамаддунро дар маҷмӯъ таъмин менамояд»[2]. Хулоса, Н.Назаров яке аз шогирдони донишманди Ҳ.Назаров тавонист, таърихи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистони Шӯравиро бо Афғонистон дар солҳои 1945–1988 дар ҳамаи самтҳои фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад, ки то он замон объекти таҳқиқоти махсус дар таърихнигории Шӯравӣ қарор нагирифта буд.

Муҳаққиқ Н. Назаров пеш аз ҳимоя намудани рисолаи номзадӣ ва дар рафти он дар ҳамоиши ҷумҳуриявии илмӣ–амалии олимони ҷавон дар Душанбе ва Кобул иштирок намуда, бо мақолаҳои пурмуҳтаво аз қабили «Ҳамкории Тоҷикистони Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Демократии Афғонистон дар соҳаи маорифи халқ», «Инкишофи ҳамкориҳои фарҳангии байни Тоҷикистони Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Демократии Афғонистон солҳои 1978–1984», «Саҳми «Анҷумани илмии Тоҷикистон» дар омӯзиши Афғонистон дар солҳои 20–ум», «Ҳамкориҳои Тоҷикистони

[1]Назаров Н.Дж. Из истории культурных связей Советского Таджикистана с Афганистаном (1945– 1988 гг.) : дис. канд. ист. наук/Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина. – Душанбе, 1990.– 199 с.
[2] Ҳамон ҷо. С.3.

Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Афғонистон дар соҳаи маориф солҳои 1978–1986», «Ҳамкориҳои Тоҷикистони Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Афғонистон дар соҳаи мубодилаи нашаротӣ ва табодули китоб баъд аз инқилоби Савр», «Нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими дӯстии шӯравӣ–афғонӣ (дар мисоли иштироки ҶШСТ)» баромад намуданд[1].

Муҳаққиқ Н.Назаров баъд аз даргузашти устод соли 2007 дар мавзӯи «Асосҳои ташкилӣ–ҳуқуқии ташаккул ва рушди милитсияи Тоҷикистон солҳои 1917–2006» рисолаи доктории худро ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи доктори илмҳои ҳуқуқ гашт[2].

Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович доктори илмҳои сиёсӣ, профессор мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шогирди дигари устод Ҳ.Назаров ҳисоб меёбад. Р.Ш.Нуриддинов соли 1983 факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ро хатм намуда, то соли 1985 дар Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб ба шогирдон дарс медод. Дар соли 1985 барои хизмат ба мақомоти Кумитаи бехатарии давлатии ИҶШС даъват мешавад ва то соли 1992 дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Узбекистон хизмат намудааст. Баъд аз фурӯпошии ИҶШС аз соли 1992 то соли 2002 хизматро дар мақомоти Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон давом додааст. Соли 1999 факултети ғоибонаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм намуд ва маълумоти дуюми олӣ-ҳуқуқшиносро соҳиб гардид. Солҳои 2002 ва 2005 сармутахассиси шуъбаи мудофиа ва тартиботи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии муовини сарвазири мамлакат кору фаъолият намудааст. Аз моҳи январ то декабри соли 2005 ёрдамчии раиси Кумита оид ба ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои 2006–2012 ба сифати профессори Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи

---

[1]Назаров Н.Дж. Из истории культурных связей Советского Таджикистана с Афганистаном (1945– 1988 гг.) : дис. канд. ист. наук/Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина. – Душанбе, 1990.– 199 с.
[2]Назаров Н.Дж. Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.): автореф. дис. д-ра. на соиск. учен. степ. юрид. наук./Акад. управ. МВД России. – М., 2007.– 63 с.

Россия кор мекард. Аз соли 2013 то ҳоло ба сифати мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Р.Ш.Нуриддинов мутахассиси соҳаи шарқшиносӣ маҳсуб меёбад. Дар соли 1991 дар мавзӯи «Ташаккулёбии нерӯҳои чапгарои демократӣ дар Афғонистон ва фаъолияти ҲХДА дар муттаҳидии онҳо» рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуда, бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Шӯрои Вазирони ИҶШС соҳиби дараҷаи номзади илмҳои таърих гардид. Соли 2003 дар мавзӯи «Муборизаи ғоявии неруҳои чапгарои демократӣ ва ростгарои исломӣ дар Афғонистон», зери машварати Ҳ.Назаров рисолаи докторӣ ҳимоя намуд ва бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия аз 10-уми июни соли 2013 ба ӯ унвони илмии профессор дода шуд[1].

Р.Ш.Нуриддинов дар фарқият аз Қ.Искандаров, ки ба таври жарфтар раванди эҳё ва таҳаввули ҳизбҳои сиёсӣ, ҷараёнҳо ва ҷунбишҳои гуногунро дар Афғонистон мавриди пажӯҳиш қарор додааст, мавсуф дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба таърихи муборизаи ғоявии нерӯҳои чапу рости демократӣ ва исломӣ дар Афғонистон дар нимаи дуюми қарни XX таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки таҷрибаи сохтмони ҳизбҳои сиёсӣ дар Покистон ва Эрон, ба вазъи сиёсии Афғонистон таъсиргузор мебошад. Таҳқиқоти Р.Ш.Нуриддинов аз нигоҳи сохтори мафҳумҳои назариявӣ фарқ менамояд ва дарбаргирандаи мулоҳизаҳо дар хусуси низоми ҷаҳонии ҳизбҳои сиёсӣ, мебошад, аммо диққати асосии худро мавсуф ба “қаноти чапу рост” дар равандҳои сиёсии Афғонистон равона намудааст.

Муҳаққиқ Р.Ш.Нуриддинов муаллифи ду китоби таълимӣ оид ба сиёсатшиносӣ ва дипломатия барои мактабҳои олии кишвар, 8

[1]Нуриддинов Р.Ш. Идейная борьба лево-демократических и право-исламистских сил в Афганистане: дис. … д-ра. политических наук./АН. Респ. Таджикистан. Ин-т. востоковедение и письменного наследие. – Душанбе, 2003.–371 с.

монография, 30 дастури таълимӣ-методӣ ва зиёда аз 60 корҳои илмӣ оид ба масоили сиёсат ва геополитикаи Афғонистон ва минтақа мебошад.

Р.Ш.Нуриддинов бо маърӯзаҳои пурмухтавои худ дар ҳамоишҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои Истанбул, Кобул, Новосибирск ва дигар шаҳрҳо иштирок намудааст.

Амиршоев Нурмаҳмад Қурбонович (Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ) шогирди дигари устод Ҳ.Назаров мебошад. Соли 1978 ба факултети таърихи УДТ ба номи В.И. Ленин дохил шуда, онро соли 1983 бо баҳои аъло хатм намуд. Пас аз хатми университет барои кор ба Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон роҳхат мегирад ва аз 17 октябри соли 1983 ҳамчун корманди илмӣ дар ҳамин институт ба кор шурӯъ намуд.

Ӯро дар институт аввал ба сифати лаборанти калон дар шуъбаи таърих ва иқтисодиёти Афғонистон ба кор қабул намуда, баъдан аспирант (1984–1986) ва ходими илмӣ то ба замони барҳам хӯрдани институт (1992) буд. Пас аз нав барқарор шудани институт дар соли 1993 бо номи Институти дастхатҳо ва баъдан Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ низ ба сифати ходими илмӣ, ходими калони илмӣ ва ходими пешбари илмӣ фаъолияти илмии худро қатъ накарда, идома дод[1].

Самти омӯзиш ва таҳқиқи Н.Амиршоҳӣ асосан таърихи халқи тоҷик дар асрҳои миёна дар доираи ҷуғрофиёи таърихии он (дар ҳудуди имрӯзаи давлатҳои Мовароуннаҳр, Афғонистон ва Эрон) мебошад. Инчунин дар мавзӯъҳои муҳимми муосир роҷеъ ба таърих ва фарҳанги миллати тоҷик таҳқиқот мебарад. Дар ҳаллу баррасии баъзе аз масоили муҳимми ҷамъиятӣ ва давлатӣ иштироки фаъол дорад[2].

Дар рисолаи номзадии Н.Амиршоҳӣ «Инъикоси таърихи давлати Куртҳои Ҳирот(1245–1381) дар «Таърихномаи Ҳирот»–и Сайфии Ҳиравӣ ва дигар сарчашмаҳои хаттии форсӣ», ки роҳбарии онро Ҳ.Назаров ба уҳда гирифта буд, дар хусуси ин давлат дар заминаи сарчашмаҳои аслӣ

---

[1]Искандаров Қ. Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ //Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. С. 245.
[2]Ҳамон ҷо.С.246

маълумоти нодир дода шудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти Н.Амиршоҳӣ дар он ифода меёбад, ки «дар илми таърихнигории ватанӣ таҳқиқи давлати Куртҳои Ҳирот нахустин иқдом ҳисоб меёфт. Аввалин бор масъалаи таҳқиқи ҳуҷуми муғулҳо ба Афғонистон, махсусан ба вилояти Ғур ва Ҳирот таҷассум ёфтааст, ки аҳолӣ дар ин давра муборизаи мардона ба муқобили муҳоҷимин мебурданд. Дар баробари таҳлили таърихи сиёсии сулолаи Куртҳо, муаллиф диққати асосиро ба муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ равона намудааст. Нахустин бор дар шарқшиносии тоҷик ҳаёт, эҷодиёт ва фаъолияти маорифпарварии намояндагони алоҳидаи адабиёт ва илми форсу тоҷик, ки дар ин давра ҳаёт ба сар мебурданд ва ҷонибдории моддии сулолаи Куртҳоро соҳиб гардида буданд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст»[1]

Н.Амиршоҳӣ дар таҳияву тадвини осори таърихӣ низ саҳми арзишманде мегузорад. Ӯ ба омӯзиш ва таҳқиқу таҳияи китоби «Равзату–с–сафо»–и Мирхонд, «Муқаддима»–и Ибни Халдун ва дигар асарҳо машғул шуда, онҳоро омодаи чоп намуда истодааст.

Фаъолияти амалии Н. Амиршоҳӣ дар ҳаёти рӯзмараи давлатӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ низ баръало намудор аст.

Аз ҷумла, ӯро соли 2006 ба ҳайати бонуфузи коммисия барои таъсиси нишон ва диравши президентӣ ҳамроҳ намуданд, ки дар натиҷа маҳз бо пешниҳоди ӯ тарҳи диравши ковиёнӣ барои диравши президентӣ пазирифта шуд, яъне пас аз 14 асри аз миён рафтанаш (дар ҷанги аъроб) ин диравши аҷдодӣ бори аввал барафрошта шуд[2].

Шогирди дигари Ҳ.Назаров, Соҳибназар Муродӣ мебошад. Самти омӯзиш ва таҳқиқоти мавсуф ин таърихи шаҳри бостонии Кобул дар маъхазҳои таърихӣ мебошад.

Ба таъкиди шогириди Ҳ.Назаров дар кори илмии таҳқиқотии худ «маҳз дар Кобул аксарияти сулолаҳои тоҷикон ташкил ёфтаанд. Дар

---

[1]Амиршоев Н.К. Государство Куртов Герата (1245-1381): На основе «Таърих- нама-и Хирот» Сайфи Харави и др. персид. письм. источников: дис. канд. ист. наук. С.3.

[2]Искандаров Қ. Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ //Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов.С.251

таърихи халқи тоҷик давлати Кушониён дар баробари сулолаҳои Ҳахоманишиён, Сосониён ва Сомониён ҷои муҳимро ишғол менамояд. Зери ҳокимияти Кушониён ҳамаи ҳудуди Осиёи Марказӣ, Хуросон ва Ҳиндустони Шимолӣ қарор гирифта буд. Дар замони ҳукмронии ин сулола дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои ориёи комёбиҳои бузург ба амал омаданд. Ёдгориҳои ин сулола дар Кобул низ боқӣ монданд, ки аз мевқеи муҳимми стратегӣ доштани ин шаҳр шаҳодат медиҳанд. Ин шаҳрро муаррихони давраи бостон бо номи «Каспатириус» («Гузаргоҳ») ном бурданд»[1].

Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки нақши шаҳри Кобулро дар гаҳвораи тамаддуни ҷаҳонии Осиёи Миёна, ҳамчун маркази муҳимми таърихӣ ва фарҳангии давлатҳои Кушониён, Муғулҳои Кабир ва муосири Афғонистон нишон диҳад. Кобул яке аз марказҳои бузурги тиҷорат дар шоҳроҳи бузурги абрешим ҷой гирифтааст. Умуман, Кобул дар муттаҳидкунии тамоми мардуми Афғонистон дар замони се ҷанги ин халқ ба муқобили англисҳо дар солҳои 1838–1842,1880 ва 1919 нақши калон бозидааст. Масъалаҳои дигари таҳқиқоти М. Соҳибназар дар мақолаҳо ва монографияи ӯ таҳти унвони «Кобул дар гузаргоҳи таърих»[2] баён ва дарҷ гардиданд.

Устод Ҳ.Назаров ба рисолаи номзадии шаҳрванди эронӣ Ҳумо Аббосиён дар мавзӯи «Муносибатҳои Эрону Тоҷикистон дар солҳои 1991-2005»[3] низ роҳбарӣ намуд, ки мутаасифона баъд аз вафоти устод онро ҳимоя намуд.

Ҳамин тавр, Ҳ.Назаров дар баробари оне, ки ба тайёр намудани мутахассисони илми таърих ва афғонистоншиносӣ машғул гардида буд

---

[1] Сахибназар М.Кабул в исторических источниках: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. С.3.

[2]Соҳибназар М. Кобул дар гузаргоҳи таърих Душанбе, 2000.–329 с. (Ба хатти форсӣ).

[3]Хома А. Ирано –таджикские отношение в 1991-2005 гг.: дис.… на соиск. учен. степ. канд. ист. наук/АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие /А.Хома. – Душанбе, 2006.– 159 с.

ва онҳоро ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расонид, инчунин як қатор монография ва асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро таҳрир карда, ба онҳо тақриз навиштааст. Аз ҷумла Ҳ.Назаров дар рӯзнома ва маҷаллаҳои кишвар оид ба асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мақолаҳои ҷолиброр мунташир намудааст.

Ӯдар мақолаи худ «Саҳифаҳои таърихи Ҳиндукуш», ки соли 1969 дар рӯзномаи «Коммунисти Тоҷикистон» оид ба асари Б. И. Искандаров «Ҳиндукуш дар нимаи дуюми қарни XIX» тақриз навиштааст, иброз медорад, ки «асари мазкур ба сарнавишти шоҳигариҳои кӯҳистонии дурдасти қисмати шимолу шарқии субконтинети Ҳинд: Читрол, Канҷут Нагор, Гилгит ва дигарҳо бахшида шудааст. Муаллифи асар сиёсати мустамликадории Британияи Кабирро дар ин шоҳигариҳо инъикос намудааст. Ҳамчунин як қатор андешаҳои пурарзиш дар ин асар оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ–иқтисодии шоҳигариҳои назди Ҳиндукуш ва таърихи пайдоиши ин халқиятҳо баён намудааст. Дар маҷмӯъ асари Б. И. Искандаров «Ҳиндукуш дар нимаи дуюми қарни XIX» таҳқиқоти барҷаста дар рушди илми шарқшиносии ватанӣ мебошад»[1].

Дар мақолаи «Афғонистон дар панҷ қарни охир», ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» мунташир гардидааст, Ҳ.Назаров асари М. Фарҳанг «Афғонистон дар панҷ қарни охир»–ро ҳамаҷониба таҳлил карда, андешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Устод чунин менависад: «Асари мазкур як таълифоти ниҳоят муҳим ва барҷастаи таърихӣ мебошад, ки баъди асари М. Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» ғулғула ва сару садои зиёде ба вуҷуд овард… Агар дар воқеъ мароми мақсади таърихнигорӣ инъикоси ҳақиқату воқеъоти ҷараёни ҳаводиси гузашта ва имрӯза буда бошад ва мо андарз ва сабақҳои омӯзандаи онро барои наслҳои имрӯза ва фардои хеш талқин карданӣ бошем, бояд ранҷҳо ва заҳматҳои донишманд ва муҳаққиқ Мир Муҳаммад Сидиқи Фарҳангро сипосгузорӣ ва қадрдонӣ намоем, ки ӯ ба мисли ҳазорон фарзандони содиқ аз ноилоҷӣ тарки ватан намуда, боз

[1]Назаров Х. Страницы истории Гиндукуша //Коммунист Таджикистана.– 1969.– 26 авг. С.3.

ҳам аз худ ҳавсала ва ҷасорати зиёде нишон дода, чунин як кори хайр, пурмасъул ва ниҳоят заҳматалабро анҷом додааст»[1].

Ҳ.Назаров ба сурати қобили мулоҳиза кори илмиро ба фаъолияти омӯзгорӣ бисёр хуб пайваст намуда буд. Дар давоми солҳои 1963–1982 вай ба сифати дотсент ва баъд профессори кафедраи таърихи нав ва навтарини ДДТ бо номи В.И. Ленин кор кардааст. Мавсуф яке аз муаллифони воситаи таълимӣ оид ба таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Наздик буд, ки соли 1973 бо забони тоҷикӣ нашр гардид[2].

Шӯрои илмии УДТ бо номи В.И.Ленин меҳнати самараноки олим Ҳ.Назаровро ба эътибор гирифта, соли 1980 ба ӯ унвони профессориро дод. Хизмати Ҳ.Назаров дар тайёр ва нашр намудани Энсиклопедияи советии тоҷик низ калон аст[3].

Хулоса, Ҳ.Назаров ба ғайр аз машғул шудан ба таҳқиқоти илмии самаранок ба фаъолияти педагогӣ ва тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ҷумҳурӣ низ машғул буд.

Зери роҳбарии мавсуф барномаҳои курси махсус ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мубрами афғонистоншиносӣ гузаронида мешуд. Устод Ҳ.Назаров машғулиятҳои лексионӣ ва амалиро дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ мегузаронд. Мавсуф консепсия ва мактаби худро оид ба афғонистоншиносӣ ташкил намуд. Аз марги нобаҳангоми устод қариб 14 сол сипарӣ мешавад, аммо имрӯз аҳамияти андешаҳои пешниҳодшудаи ӯ, пешгӯиҳои илмии ӯ арзиши бештар касб намудаанд. Шогирдон ва тарафдорони устод дар пайравӣ ба мактаб ва консепсияҳои пешниҳод намудаи ӯ оид ба масъалаҳои мубрами Афғонистон роҳашро идома медиҳанд.

---

[1]Назаров Ҳ. Афғонистон дар панҷ қарни охир. Дар қаламрави таърих//Ҷумҳурият.– 1992.– 3 март. С.4.
[2]Дӯстмуроди С., Саиданвари Ш., Қосимшоҳи И., Пӯлоди Қ. Афғоншиноси номдор //Садои мардум.– 1991.– 22 май. С.4.
[3]Бобохонов М., Слонимский А., Исмоилов Д. Муҳаққиқ ва омӯзгори нуқтасанҷ //Газетаи муаллимон.– 1981.– 28 апрел.С.2.

# БОБИ 2.ИНЪИКОСИ ҶУНБИШҲОИ ОММАВИИ МАРДУМӢ ВА МАОРИФПАРВАРИИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX АФҒОНИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ

## 2.1. Вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон таҳаввулоти беназир ба миён омад. Дахолати қудратҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама Британияи Кабир ба сиёсати дохилии ин кишвар шиддат гирифт. Ин абарқудрат саъй менамуд, ки Афғонистонро аз истиқлоли сиёсӣ ва давлатӣ маҳрум созад ва онро ба мустамликаи худ табдил диҳад. Дар баробари ин, болои Афғонистон фишори иқтисодӣ ва сиёсиро роҳандозӣ намуд. Ин вазъияти мушкили дохилӣ ва дахолати хориҷиён боиси сар задани ҷунбишҳои васеи мардумӣ гардид, ки яке аз мавзӯъҳои хоси таҳқиқоти Ҳ.Назаров қарор гирифт.

Ба қавли муаррих Ҳ.Назаров, ин ҳолат «зарурати таърихиро дар назди мардуми Афғонистон ба миён овард, ки дар давлати мутамарказ муттаҳид шаванд, истиқлолият ва озодии худро таъмин намоянд. Ҳамчунин бо муттаҳидшавӣ дар давлати ягона қафомонии иқтисодӣ ва парокандагии феодалиро аз байн бурда, роҳи инкишофи тадриҷиро ба роҳ монанд»[1].

Қобили зикр аст, ки дар таҳқиқи масъалаҳои мавриди омӯзиш Ҳ.Назаров аз сарчашма ва адабиёти васеъ истифода намудааст. Ӯ бо такя ба андешаҳои олими рус Л.Н. Соболев таъкид менамояд: «Баъд аз фавти амир Шералихон (соли 1879) дар мамлакат ҳокимияти миллӣ амал намекард ва амалан Афғонистон ба мустамликаи Британияи Кабир табдил меёбад. Аксарияти феодалони калон, маликҳо ва сардорони афғон ба ватан хиёнат намуда, ба тарафи душман гузаштанд. Дар чунин

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.26.

ҳолат аз байни оммаи мардум қушунҳои ихтиёрӣ созмон дода шудаанд. Онҳо мардона ба муқобили истилогарони хориҷӣ мубориза бурда, озодӣ ва истиқлолияти ватани худро таъмин намуданд. Дар охири соли 1879 иттиҳоди сарбозони мардумии афғонҳо, тоҷикҳо ва дигар халқҳои Афғонистон созмон дода мешавад, ки ҳадафи он аз мамлакат берун намудани англисҳо ва ташкил намудани ҳукумати миллии афғонҳо иборат буд»[1]. Устод ба сиёсати англисҳо ва Россия дар Афғонистон дахл карда, ба он омил аҳамият додааст, ки англисҳо дар чунин вазъият кӯшиш ба харҷ медоданд, ки номзадеро ба тахти шоҳии Афғонистон оваранд, ки аз манофеи онҳо пуштибонӣ намоянд. Ҳукумати подшоҳии Россия низ аз асри XIX ин ҷониб барои мулкҳои Осиёи Миёна бо Британияи Кабир дар рақобат қарор дошт. Онҳо низ мехостанд, ки тахти шоҳиро дар Афғонистон шахсе ба даст гирад, ки аз манфиатҳо онҳо дар он дифоъ кунад.

Ба қавли олими тоҷик чунин номзад метавонист сардор Абдурраҳмонхон (1880–1901), ки муддати зиёда аз 10 сол таҳти ҳимояи ҳокимияти подшоҳӣ дар Самарқанд қарор дошт, бошад. Ҳукумати подшоҳӣ умед дошт, ки ба тахти шоҳии афғон дастпарвари худро шинонад, то ки ӯ сиёсати муфидро барои Россия амалӣ намояд.

Бо ҳамин мақсад Абдурраҳмонхон вориди хоки Афғонистон гардида, дар Чорикор 20 июли соли 1880 бо иштироки сардорҳо, дастаҳои ихтиёрии халқ ва ашрофзодагони афғон амири Афғонистон эълон гардид.

Абдурраҳмонхон амири Афғонистон эълон шуда бошад ҳам, аммо ба қавли Ҳ.Назаров ӯ шартҳои вазнини муоҳидаи Гандумакро (соли 1879) бо каме тағйирот қабул кард, ки мувофиқи он сиёсати хориҷии Афғонистон дар зери назорати ҳукумати Англия қарор гирифт. Дар

---

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.26-27.

Кобул вакили Англия аз байни мусулмонҳои Ҳиндустон таъин карда мешуд[1].

Муҳаққиқ Ҳ.Назаров дар такя ба шарқшиносони хориҷӣ иброз медорад, ки англисҳо ҳукумати амир Абдурраҳмонхонро эътироф намуда, нисбати ин ҳукумат кӯмакро дареғ намедоштанд. Дар ин робита солҳои 1880–1881 амир аз англисҳо 36115 рупияи ҳиндӣ тавассути ҳукумати Ҳинди Британиёӣ ба даст овард[2].

Муҳаққиқ вижагиҳои сиёсати амир Абдурраҳмонхонро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки ҳарчанд амир Абдурраҳмонхон бо талошҳои нерӯҳои миллӣ ба сари қудрат омада буд, аммо ӯ ниёзҳои онҳоро дар амал пиёда насохт ва нисбати англисҳо сиёсати муросоро пеш гирифт. Дар замони ҳукмронии ӯ «Созишномаи Дюранд» дар соли 1893 имзо шуд, ки масъалаи Паштунистонро ба миён овард. Абдурраҳмонхон «беризоят ва муқобили иродаи халқҳои Паштунистон санади золимонаро имзо намуд». Матни созишнома аз ҷониби англисҳо пешакӣ таҳрезӣ гардида буд ва онҳо талаб менамуданд, ки он ба имзо расад. Бояд гуфт, ки дар ин маврид шояд аз сабаби дар ихтиёри устод набудани ҳуҷҷатҳои дигар ӯ ин гуна қатъӣ баҳогузорӣ намудааст. Ба ғайр аз ин дар он замон таърихнигории расмии Шӯравӣ дар ҳамин мавқеъ қарор дошт ва устод Ҳ.Назаров барои рад кардани он дар он солҳо далели муътабар дар даст надошт.

Манобеи дар солҳои охир ба даст омада, аз ҷумла асари тарҷумаҳолии худи Абдурраҳмонхон нишон медиҳад, ки ӯ ихтиёрӣ бо мақсади таъмини амнияти давлаташ ба муоҳида имзо гузошт. Аммо ин маънои онро надорад, ки амир Абдурраҳмонхон тамоман ҷонибдори муттаҳидсозии заминҳояш дар як давлати муттамарказ набуд. Бо саъйю талоши ӯ як қатор заминҳои мардуми ғайриафғон, аз ҷумла Ҳирот,

---

[1]Асадуллоев Қ.Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов.С.186.
[2]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.28.

Маймана, Ҳазораҷот ва Нуристонро ба ҳудуди давлати Афғонистон ҳамроҳ карда шуданд.

Аммо баъди мустаҳкам намудани қудрат ва низоми идораи давлатӣ амир сиёсати золимонаро нисбати ақвоми ғайриафғони ин вилоятҳо пиёда сохта, аз манфиатҳои бузурги феодалони афғон ҳимоя менамуд.

Дар раванди таҳлили сиёсати бартариятгузории феодалони бузурги афғон аз дигар қишрҳои ҷомеа барои муҳаққиқ Ҳ.Назаров маълумоти арзишманд маъхазҳои бойгонӣ, осори муҳаққиқони тоинқилобӣ, хориҷӣ, шӯравӣ ва афғон додаанд. Умуман муҳаққиқ иброз медорад, ки сардорони муҳаммадзоӣ, баракзоӣ новобаста аз ҷинс, вазъи иҷтимоӣ аз 8 то 400 рупия инъомпулӣ ба даст меоварданд[1].

Ҳ.Назаров аз сиёсати пешгирифтаи амир Абураҳмонхон интиқод намудааст ва барои исботи гуфтаҳо дар асараш далелҳои ҷолиб овардааст. Барои мисол, дар соли 1896 боз ҳам бо ташаббуси ҳамон сардорони муҳаммадзоӣ ба амир лақаби ифтихории «зиё–ул–миллат вад–дин» бахшида мешавад ва ҳама табақаҳои ҷамъият, чи доро ва нодор, чи заминдор ва безамин ва соҳибмансабон вазифадор карда шуда буданд, ки барои гузаронидани ин ҷашни миллӣ аз як рупия то сад рупия ва зиёдтар бипардозанд ва албатта муҳаммадзоиҳо аз пардохтани он маоф буданд. «Ҷашни иттифоқи миллат ҳар сол 26 асад (27 август) гузаронида мешуд»[2], менависад, Ҳ.Назаров.

Ба ақидаи муаллиф сардорон, маликҳо, феодалони бузург ва рӯҳониён дараҷаи баланди силсиламаротиби феодалиро ишғол намуда, такягоҳи асосии нерӯи амир дар гузаронидани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Устод Ҳ.Назаров дар ин робита табақаи ҳукмрони феодалиро дар ҷомеаи Афғонистон ба ду гурӯҳ ҷудо намуда буд. Яке табақае, ки аз тамоми имтиёзҳо бархурдоранд ва дигар гурӯҳ аз ин имтиёзҳо

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.31.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.248.

маҳруманд. Табақаи дуюм ба гурӯҳҳои феодалии ғайриафғон хос буд, ки ба ғайр аз хисороти моддӣ, ҳамчунин ба зулми миллӣ, нажодӣ ва динӣ гирифтор буданд.

Зимнан, Ҳ.Назаров бо истинод ба олими Шӯравӣ Н.М.Гуревич иброз медорад, ки «дар савдои дохилӣ ва берунии Афғонистон савдогарони калон, заминдорон ва мансабдорон ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамуданд. Дар такя ба ҳокимияти марказӣ мансабдарон бо ҳар гуна найрангу тақаллуб соҳиби даромади калони пулӣ мегардиданд, ки баъдан дар тиҷорат харҷ менамуданд»[1].

Масъалаи дигаре, ки дар маркази диққати профессор Ҳ. Назаров қарор гирифтааст, ин сиёсати молиётии амир Абдурраҳмонхон ва аҳволи оммаи мардум мебошад.

Барои мақсадҳои худро дар амал татбиқ намудан, амир тамоми нишондиҳандаҳои андозиро боло бардошт. Дар замони амир Абдурраҳмонхон шаклҳои гуногуни андоз аз заминҳои обӣ, заминҳои лалмӣ, ҳамчунин закот барои чорво, чарогоҳ, ҳавлипулӣ, молиёти ақди никоҳ намудан ба арӯси бокира, бевазан, андози ҷизия ва дигар маҷбуриятҳо ҷорӣ гардиданд.

Ҳ.Назаров бо ишора ба маъхазҳои бойгонӣ таъкид менамояд, ки «сиёсати золимонаи амир ҳам имконият надод, ки бақияпулӣ ба таври пурра ҷамъоварӣ шавад. Баъд аз марги ӯ бақияпулӣ 50 млн рупияро ташкил мекард, ки аз он ба вилояти Ҳирот 70 лак қирон рост меомад»[2].

Дар ибтидои асри ХХ дар назди Афғонистон имкониятҳои нав барои гузаронидани ислоҳот дар сиёсати дохилӣ ва берунӣ ба миён омад. Амир Ҳабибуллохон (1901–1919) валиаҳди вафодор ва давомдиҳандаи сиёсати падари худ боқӣ монд. Ба андешаи Ҳ.Назаров, ӯ ба таври васеъ аз имкониятҳо барои истиқлолияти сиёсӣ ва инкишофи тадриҷии иҷтимоию иқтисодии кишвар на он қадар кӯшиш ба харҷ дод.

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.39.
[2]Ҳамон ҷо.С.49.

Ин аст, ки аз таҳлили асарҳои мусташриқон, аз ҷумла устод бармеояд, ки англисҳо бори дигар мавқеи худро дар ин сарзамин мустаҳкам намуданд ва сиёсати хориҷии ин кишварро дар назорати худ қарор доданд. Дар ин давра нуфузи Олмон низ дар кишварҳои Шарқ зиёд мегардад. Барои ҳамин соли 1907 англисҳо ба ҳукумати подшоҳии Россия созишнома имзо намуданд, ки тибқи он Афғонистон зери нуфуз ва таъсири англисҳо қарор мегирифт. Ин созишнома дар байни ҷомеаи афғон норозигиро ба миён овард.

Ҳ.Назаров таъкид менамояд, ки дар замони ҷанги якуми ҷаҳонӣ Афғонистон масъалаи эътирофи истиқлолияти худро аз англисҳо ба миён гузошт. Дар ин замон миссияи олмонӣ–туркӣ бо роҳбарии Недермайер–Гентиг ба Афғонистон ворид гардид. Афғонистон дар тарафи муқобил бозии бузургро оғоз намуд ва назди англисҳо масъала оид ба зиёд намудани ҳаҷми субсидияи солона ва эътирофи истиқлолияти худро гузошт[1].

Муҳаққиқ дуруст дарк намудааст, ки амир Ҳабибулохон ба монанди падари худ сиёсати муросоро бо англисҳо пеш гирифт, ки ин боиси норозигии оммаи мардум гардид. Дар сиёсат ва идоракунии дохилии кишвари худ низ, амир Ҳабибуллохон устувор набуд. Бо ин мақсад ӯ сиёсати худро бояд дигар менамуд, чунки пеши роҳи қиёмҳои оммаи мардумро танҳо бо сиёсати оқилона гирифта метавонист.

Ҳ.Назаров дар осори худ дар хусуси чорабиниҳои амир Ҳабибуллохон аз қабили такмили низоми идораи давлатӣ, авфи умумӣ, иҷозат барои бозгашти муҳоҷирон, озод намудан аз молиёт, боло бардоштани музди меҳнати сарбозон ва амсоли инҳо маълумоти ҷолиб овардааст.

Дигар иқдоми пешгирифтаи амир Ҳабибуллохон ба андешаи муҳаққиқ Ҳ.Назаров ислоҳот дар соҳаҳои маориф, ҳарбӣ, тандурустӣ ва

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.54.

матбуот ҳисоб меёфт. Хизмати бузурги устод ҳамчун муҳаққиқи нозукбин муайян намудани моҳияти аслии ин ислоҳот аст. Ӯ менависад, ки «ин чорабиниҳо ба манфиати табақаи болоии ҷомеаи афғон гузаронида шуда, хислати маҳдудро касб намуданд». Дар ин бобат муаррихи машҳури афғон М. Ғубор низ иброз медорад, ки «ислоҳот танҳо манофеи табақаи болоии ҷомеаро дар бар мегирифт. Аз соли 1904 то соли 1919 барои соҳаи маориф ҳамагӣ 2 млн рупия сарф гардидааст, ки ин маблағи ночиз ба ҳисоб мерафт.Ҷониби ҷавонафғонҳо ин сиёсати ҳукуматро интиқоди шаддид намуданд»[1].

Устод Ҳ.Назаров нуқсонҳои идораи давлатиро аз дохил таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки аз сиёсати пешгирифтаи амир Ҳабибуллохон аҳли рӯҳоният, бародари ӯ Насруллохон норозӣ буданд. Ин боиси он гардид, ки дар давраи дуюми идоракунии худ амир аз корҳои давлатӣ дур шуда, вақти зиёди худро ба шикор, бозиҳои варзишӣ ва ишратпарастӣ сарф менамуд. Дар натиҷа идораи давлат беназорат монд. Байни мансабдорон фасод ва ришваситонӣ ба меъёри одатии муқаррарӣ табдил ёфт. Мансабдорон масъулиятро ҳис накарда, ба худсарӣ ва аз ҳадди муқаррар намудаи қонун берун мебаромаданд, ки шабоҳат ва муқоисаи онро дар тӯли таърих дарёфт намудан мушкил аст.

Дар осори илмии худ муҳаққиқ Ҳ.Назаров дар хусуси тиҷорат, ҳунармандӣ ва дигар пешаҳои мардуми афғон дар замони амир Ҳабибуллохон бо далелҳои муътамад мисолҳои ҷолиб овардааст.

Ӯ ба истинод ба Н.И.Черняховская иброз медорад, ки «дар маҷмӯъ истеҳсолоти косибӣ–ҳунармандӣ дар ҳолати ташкилии асримиёнагӣ қарор доштанд ва дар аксари маврид ҳунармандон худашон бевосита маҳсулоти тайёрнамудаи худро ба истеъмолкунандагон мефурӯхтанд»[2].

---

[1]Ғубор М. Афғонистон дар масири таърих.– Кобул,1976.С.702.
[2]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.58.

Ба ғайр аз ин амир Ҳабибуллохон аз хазинаи давлат ба тоҷирони кобулӣ 1800000 рупия қарз дод ва бақияе, ки аз замони амир Шералихон ва Абдурраҳмонхон ғун гардида буданд, бахшиданд[1].

Ҳ.Назаров зимни таҳлили ҳаёти иқтисодии Афғонистони ибтидои асри XX дар хусуси соҳаҳои саноат аз қабили корхонаи саноатии Мошинхона, фабрикаи пойафзол, заводи собунпазӣ, фабрикаи бофандагӣ–ресандагӣ, коркарди сарватҳои теризаминӣ, сохтмони нерӯгоҳи барқии обӣ ва монанди инҳо маълумоти арзишманд додааст.

Бо шаклгирии нахустин корхонаҳо дар Афғонистон синфи коргар зуҳур намуд. Танҳо дар Мошинхона зиёда аз 5000 нафар коргарон кор мекарданд. Шароити зиндагӣ ва меҳнат барои коргарон бениҳоят вазнин буд. Коргарон барои меҳнати вазнин ва хастакунанда камтар аз 8 рупия ба даст меоварданд[2]. Умуман андешаҳое, ки муҳаққиқ зимни таҳлили ҳаёти иқтисодӣ, махсусан соҳаи саноати Афғонистони ибтидои асри XX дар осори худ баён намудааст, то кунун арзиши баландро дар байни афғонистоншиносон нигоҳ медоранд.

Дар ибтидои асри XX ба ақидаи муаллиф тағйироти назаррас дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, заминдорӣ ва заминистифодабарӣ, ки шуғли асосии мардуми Афғонистонро ташкил медод, ба миён омад. Бино ба маъхазҳои омори, ки Ҳ.Назаров истифода намудааст, дар солҳои 20–ум «масоҳати умумии заминҳои қобили кишт, ки боигарии асосии мамлакатро ташкил медоданд, ба 1–1,5 млн га баробар буд. Тамоми заминҳои қобили кишт дар ихтиёри давлат, заминдорони калон, рӯҳониён ва деҳқонон қарор доштанд»[3].

Ба хулосаи Ҳ.Назаров дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX категорияҳои фонди заминҳои давлатӣ, феодалҳо ва маликҳо, вақфӣ ва заминҳои деҳқонон амал менамуданд.

---

[1]Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века. С.12.
[2]Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века.С.8.
[3]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.63.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи устодро ба худ ҷалб намудааст, ин муҳоҷиркунии қабоили афғон аз минтақаҳои ҷанубу шарқ ба шимол мебошад. Ин масъла ҳам яке аз масъалаҳои ҳассос ва баҳсноки таърихи Афғонистон аст. Дар таърихнигории расмии Афғонистон кӯчонидани афғонҳо ба шимол як сиёсати муваффақи амирон барои ობод кардани заминҳои шимоли кишвар арзёбӣ мешавад. Аммо аз натиҷагирии таҳқиқоти Ҳ.Назаров дида мешавад, ки ҳокимони афғон заминҳои давлатиро аз тоҷикҳо ва узбекҳо бо ҳар роҳу восита кашида мегирифтанд ва дар ҷои онҳо афғонҳоро ҷойгир менамуданд. Яъне дар амал паштунҳо дар заминҳои обод ҷой дода мешуданд.

Ба андешаи олим дар баробари заминдорӣ ҷойи муҳимро дар ҳаёти иқтисодии Афғонистон дар асри XIX ва XX чорводорӣ ишғол менамуд.

Натиҷаи таҳқиқоти иқтисодӣ ва маъмурӣ дар солҳои аввали истиқлолият нишон медиҳад, ки аксарияти мардуми Бадахшон ва Қаттаған аз сабаби норасоии заминҳои қобили кишт ба фаъолияти савдо, ҳунармандӣ ва дигар касбҳо машғул буданд.

Бахши муҳими таҳқиқоти Ҳ.Назаров бо муайян намудани сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ ба мулкҳои Осиёи Миёна мебошад. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки новобаста аз чораҳои сахти мамнуъшудаи ҳукумати подшоҳӣ аҳолии қашоқи Афғонистон махсусан шимолӣ он барои кор ба мулкҳои Осиёи Миёна сар даровардand.

Устод дар мавриди муносибат ва равобити байни Бухорою Афғонистон ва ҳаракати муҳоҷирони бечораю бенаво, ки хислати оммавӣ дар ин давра гирифта буд, дар осори худ маълумоти аҷибе пешкаши хонанда намудааст. Ба ақидаи Ҳ.Назаров сабаби муҳоҷирати аҳолӣ аз Афғонистон дар ин замон аҳволи вазнини иқтисодӣ ва зулму бедодгарии сиёсӣ–иҷтимоӣ буд, ки аҳолиро маҷбур месохт ба умеди таъмини некӯаҳволии худ аз ҷо ба ҷое муҳоҷират намоянд. Роҷеъ ба фирори аҳолии ғайриафғон дар ибтидои асри XX аз Афғонистон Ҳ.Назаров чунин андеша баён намудааст: «…таъқиботи бемислу монанди маъмурини афғон, хиёнатгарӣ ва ришвахӯрии онҳо ҳаёти қавми

ғайрро дар Афғонистон имконнопазир мегардонад. Чунон ки аз Каркӣ хабар дода шуда буд, дар моҳи марти соли 1905 аз тарафи Мазори Шариф 500 оилаи ҳазора фирор кард…»[1]. Аз баёни ин андешаҳои Ҳ.Назаров ва дигар афғонистоншиносоне, ки вазъияти аҳолии ғайриафғонро таҳқиқ менамуданд, маълум мегардад, ки шумораи фирориён ва муҳоҷирон аз хоки Афғонистон дар ин давра ва солҳои минбаъда низ густариши бесобиқае ба худ касб намуда буд.

Пажӯҳишгари нуктасанҷ Ҳ.Назаров сиёсати муҳоҷиркунии қабилаҳои афғонро аз ҷониби амир Ҳабибуллохон ба мисли замони амир Абдурраҳмонхон таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки Ҳабибуллохон қабилаҳои афғонро бо он мақсад ба қисматҳои шимолии мамлакат кӯчонд, ки деҳқонони безамин ва камзаминро бо замин таъмин намояд. Аммо дар ҳар ду ҳолат кӯчонидани қабилаҳои афғон ба ноҳияҳои тоҷикнишин, ӯзбекнишин, ҳазоранишин ва ғайра боиси аз дасти ин мардум кашида гирифтани заминҳои беҳтарини онҳо гардид.

Тавре аз мутолиаи осори Ҳ.Назаров маълум мегардад, барои нақшаҳои худро дар амал ҷорӣ намудан амир Ҳабибулохон ба мисли падари худ Абдурраҳмон сиёсати молиётии худро дар замони ҳукмрониаш пиёда сохт. Дар ин бобат амир Ҳабибуллохон дар амалӣ гардонидани сиёсати молиявӣ ва фискалии худ диққати асосиро ба ҷамъоварии андоз, боҷ, ҷарима ва амсоли инҳо равона намуда буд. Даврони Ҳабибуллохон на танҳо ҳамаи шаклҳои андоз ва молиёт, ки дар замони падари ӯ Абдурраҳмонхон мавҷуд буданд, нигоҳ дошта шуданд, балки шаклҳои нави андоз ва нишондиҳандаҳои молиётҳои пешина ҳатто афзоиш ёфтанд.

Умуман ба таъкиди Ҳ.Назаров ва маводи бойгонӣ аҳволи мардум аз андозу боҷҳои ҳукумат сол аз сол вазнинтар мешуд. Ҳақназар Назаров дар таҳқиқоти худ ба истинод ба маъхазхои бойгонӣ ва дигар асарҳои илмӣ аз маҷбуриятҳои андозӣ дар замони Ҳабибуллохон ҷойдошта ёд

---

[1]Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дуррониҳо то ғалтидани аморати Бухоро.С.81.

намудааст. Мавсуф аз андози замин, молиёти боғ, чорводорӣ, турукпулӣ барои истифодаи роҳ, тоҷирон, ҳунармандон ва монанди инҳо хотирасон шудааст. Сарфи назар аз сиёсати золимонаи ҳокимон онҳо натавониситанд сари вақт андозро ҷамъоварӣ намоянд ва ин боиси он гардид, ки сол аз сол бақиядории он зиёд мегардид. Ҳ.Назаров бо истинод ба «Аҳкоми ҳузур» иброз медорад: «дар давоми солҳои 1910–1911 танҳо миқдори бақияпулии вилояти Қаттаған 500 ҳазор рупияро ташкил медод[1].

Устод бақиядории вилоятҳои Кобул, Мазори Шариф, Қаттаған–Бадахшон, Ҳирот ва Ҷалолободро дар соли 1912 таҳлил намуда, нишондиҳандаи онро ба 7 млн 100 рупия ҳисоб менамояд[2]. Новобаста аз андозу хироҷҳои гуногун ҷамъоварандагони он ба тақаллуб даст зада, аз мардум якчанд маротиба ба шакли пулӣ ва натуралӣ андоз ҷамъоварӣ намуда, аммо ба онҳо расидхат намедоданд.

Барои муқоисаи таҳқиқоти Ҳ.Назаров бояд гуфт, ки муаррихи машҳури Афғонистон М.Ғубор низ сиёсати андозии амир Ҳабибуллохоноро таҳлил намуда, иброз менамояд, дар маҷмӯъ ба хазинаи амир Ҳабибуллохон ба миқдори 80 млн рупия маблағ дохил мешуд[3].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулосагирӣ намуд, ки муҳаққиқ Ҳ.Назаров тавонистааст, ки ба истинод ба маъхазҳои гуногун, адабиёти илмӣ, таҳлилҳои худ авзои дохилӣ ва берунии Афғонистони охири асри XIX ва ибтидои асри XX холисона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Оид ба авзои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX Ҳ.Назаров дар осори худ андешаҳои арзишманд баён намудааст, ки то кунун аз онҳо муаррихон истифода менамоянд.

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.81.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Ғубор М. Афғонистон дар масири таърих.С.710.

## 2.2.Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX

Профессор Ҳ.Назаров асосан ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистонро дар асарҳои бунёдиаш аз қабили «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон»[1], «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардумии Афғонистон дар ибтидои қарни XX»[2], «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)»[3] мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Табиист, ки маҳз дар ҳамин асарҳои худ устод хулосаҳои назариявӣ, таҳлилӣ ва ҷамъбастии худро дар асоси маъхазҳои бойгонӣ, асарҳои муҳаққиқони Шӯравӣ, ғарбӣ ва афғон оид ба ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баён намудааст.

Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон то таҳқиқоти муҳаққиқ Ҳ.Назаров яке аз мавзӯъҳои камтаҳқиқ шуда ҳисоб меёфтанд ва ба таври ҷомеъ мавриди омӯзиш қарор нагирифта буданд.

Аз муҳаққиқони Шӯравӣ бархе аз онҳо аз қабили Н.А.Халфин, М.А.Бобохоҷаев, Д.Я.Очилдиев, Л.Темурханов, И.М.Рейснер, Р.Т.Ахрамович, В.М.Массон ва В.А.Ромодин ва Н.А.Дворянков оид ба ин мавзӯъ таҳқиқот анҷом додаанд. Аммо хотирасон бояд намоем, ки муҳаққиқони дар боло зикргардида на ҳамаи ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистонро ба таври пурра мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Барои боз ҳам пурратар инъикос намудан воқеаҳои охири асри XIX ва ибтидои асри

[1]Назаров Х.К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистан/ Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1968.– 48 с.
[2]Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века/Отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 87 с.
[3]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков/Отв. ред. Б. И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1976– 262 с.

XX дар Афғонистон устод Ҳақназар Назаров аз таҳқиқоти муҳаққиқони англису амрикоӣ Ҷ.Грей, А.Ҳамилтон, Ф.Мартин, В.Сайкс, А.К.Ҷевет истифода намудааст. Ҷиҳати боз ҳам дақиқтар намудани ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон профессор Ҳ.Назаров аз таҳқиқоти муаллифони афғон махсусан А. Ғанӣ, Иқбол Алишоҳ, Х. Кокар, М.Ғ.М.Ғубор низ дар таҳқиқоти худ истифода кардааст.

Аммо барои устод маъхазҳои бойгонӣ ҷиҳати таҳқиқи мавзӯи мазкур аз ҳама сарчашмаи эътимодноктар буданд. Дар байни дигар маъхазҳо ҷои намоёнро ҷилди сеюми асари Файз Муҳаммад «Сироҷ ут–таворих», дигар маъхазҳо «Тоҷ ут–таворих», «Аҳкоми ҳузур», «Нодири афғон» ва ғайра ишғол менамуданд.

Умуман, муҳаққиқ дар заминаи мутолиаи асару маъхазҳои дар боло зикргардида ва дигар маводҳои ҷамъовардаи худ як консепсияи мушаххасро оид ба ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон эҷод намуд. Таҳқиқоти назариявӣ ва илмии Ҳ.Назаров, ки оид ба афғонистоншиносӣ хосса ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон анҷом додааст, мавсуфро дар сафи машҳуртарин олимони равшанзамири на танҳо Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, балки ба қатори олимони сатҳи ҷаҳонии ховаршиносӣ қарор додааст.

Омӯзиши дақиқ ва ҳаматарафаи сарчашмаҳои таърихӣ имконият фароҳам овард, ки Ҳ.Назаров ба фаъолияти сиёсии амир Абдурраҳмонхон ва Ҳабибуллохон ба таври интиқодӣ баҳо диҳад. Зеро новобаста аз таҳаввулоти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, дар замони ин ду амир аҳволи оммаи мардум аз пештара дида бениҳоят вазнин мегардад. Амир Абдурраҳмонхон ба қавли муҳаққиқон, хосса устод дар бунёди давлати мутамаркази феодалӣ дар Афғонистон нақши муҳим бозида бошад ҳам, аммо хиёнати ӯро дар масъалаи манфиатҳои миллӣ махсусан қазияи Паштунистон аҳолии мамлакат ҳаргиз наҳохад бахшид. Имрӯз низ

қазияи Паштунистон яке аз муаммоҳои сарбаста боқӣ мондааст, новобаста аз он ки ҳукуматҳои пешинаи афғон созишномаи Дюрандро ҷонибдорӣ намуданд. Сиёсати идоракунии амир Ҳабибуллохон аз Абдурраҳмонхон чандон фарқ намекард. Новобаста аз оне ки дар замони амир Ҳабибуллохон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиии Афғонистон таҳаввулоти бузург ба амал омада буд.

Дар хусуси амир Абдурраҳмонхон, профессор Ҳ.Назаров чунин нигоштааст: «Режими жандармӣ–истибдодие, ки амир Абдурраҳмонхон ба вуҷуд оварда буд, аз ҳар ҷиҳат маҳкуми таърих буд ва барои хосу омми мамлакат тоқатфарсо ва қобили таҳаммул набуд…»[1].

Нахустин бор тавсифи мухтасари ҷунбишҳои мардумии охири асри XIX дар китоби Ҳ.Назаров «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон» инъикос гардидааст. Дар ин китоб муҳаққиқ перомуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии Афғонистон дар охири қарни XIX ба таври фишурда маълумот додааст. Аз ҷониби дигар маҳз дар ҳамин китоб муҳаққиқ дар хусуси бархе аз қиёму шӯришҳои қабилаҳои ғилҷоиҳо, ҳазораҳо ва шӯриш таҳти роҳбарии М. Исҳоқхон дар Туркистони Афғонистон маълумот додааст. Ҳамчунин, дар ин китоб устод перомуни сабабу омилҳои ба шикаст мувоҷҷеҳ гардидани ҷунбишҳои мардумӣ дар охири қарни XIX дар Афғонистон бо як маҳорати баланди таърихнигорӣ муайян намудааст.

Ба қавли Ҳ.Назаров баъд аз ба шикаст дучор гардидани ҳар як шӯриш ва қиём дар охири қарни XIX дар Афғонистон шӯришгарон товони вазнин пардохт менамуданд. Аз ҷониби дигар маҳз дар ин давра амир сиёсати муҳоҷиркунии қабилаҳои афғонро ба заминҳои қабилаҳои ғайриафғон роҳандозӣ намуд.

Ҳ.Назаров бар он ақида аст, ки сиёсати золимонаи амир Абдурраҳмонхон боиси он гардид, ки аксари мардуми афғон ва ғайриафғонӣ Афғонистон аз кишвар ба давлатҳои ҳамҷавор кӯч банданд. Мавзӯи мазкур дар асари бунёдии профессор махсус «Равобити

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.271.

Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро» ба таври пурратар инъикос ёфтааст[1].

Дар соли 1969 асари дигари бунёдии муҳаққиқ «Аз таърихи ҷунбишҳои оммавии мардумии Афғонистон дар ибтидои қарни XX» аз чоп баромад. Муҳаррири масъули он номзади илмҳои таърих, дотсент А.Г.Слонимский буд. Ин асар давоми мантиқии асари «Роҷеъ ба хислати ҷунбишҳои мардумии охири қарни XIX дар Афғонистон» ба ҳисоб мерафт.

Дар ин китоб муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси маъхазҳои нодири бойгонӣ, осори муаллифони Шӯравӣ, ғарбӣ ва олимони афғон ҷунбишҳои оммавии мардумии Афғонистонро дар ибтидои қарни XX бо диди нав ба риштаи таҳқиқ кашад. Аз қисматҳои китоби мазкур маълум мегардад, ки олим қабл аз ҳама барои боз ҳам мушаххас намудани сабабу омилҳои ба миён омадани ин ҷунбишҳо дар ибтидои қарни XX дар Афғонистон пеш аз ҳама оид ба баъзе аз тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ дар сохтори ин кишвар дар ибтидои қарни XX, маълумоти нодир барои хонандаи нозукбин пешкаш менамояд. Баъдан муаллиф дар қисмати дигари ин китоб дар хусуси сиёсати амир Ҳабибуллохон дар бахши андозбандӣ ва аҳволи оммаи мардум дар Афғонистон андешаҳои ҷолиб ва қобили дастгирӣ пешниҳод менамояд. Бахшҳои дигари ин китоб перомуни ҷунбишҳои мардумӣ дар ибтидои қарни XX дар Афғонистон, шӯриши қабоили мангал ва мавқеи ҷавонафғонҳо ва ҷунбишҳои оммаи мардум дар арафаи ба даст овардани истиқлолият ва тақвияти мавқеи ҷавонафғонҳоро дар бар мегирад.

Бешак, китоби мазкур бо далелҳои тозаи илмӣ ва нуқтаҳои назари ҷолиби муҳаққиқ пешкаши аҳли илм мегардад. Имрӯз низ ақидаҳои муҳимме, ки муҳаққиқ доир ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ дар

[1]Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро/ Муҳаррири масъул М. Боқиев. Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе,1963.– 179 с.

ибтидои қарни XX дар Афғонистон дар ин китоб баён намуддааст, арзиши назариявӣ ва амалии худро гум накардаанд.

Соли 1976 асари калонҳаҷму бунёдии таҳқиқотии устод «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон (охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX)» дар нашриёти «Ирфон» аз чоп баромад. Муҳаррири масъули он академики АИ ҶШСТ профессор Б.И.Искандаров мебошад.

Монографияи Ҳ.Назаров аз сарсухан, чаҳор боб, понздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар сарсухан асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологӣ, сатҳи омӯзиши қаблии мавзӯъро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби аввали ин монография «Таҳаввулоти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX» унвон гирифта, дар зербахшҳои он дар бораи вазъияти дохилии Афғонистон, сиёсати андозии амир Абдурраҳмонхон ва аҳволи оммаи мардум, аз таърихи таҳаввулоти иҷтимоӣ–иқтисодии Афғонистон, андозҳо ва аҳволи оммаи мардум дар ибтидои қарни XX баҳс сурат гирифтааст.

Аз ҷумла, муаллиф иброз медорад, ки афзоиши андоз, зиёд гардидани истисмори феодалӣ ва ба миён омадани баъзе унсурҳои муносибатҳои сармоядорӣ, муборизаи деҳқононро ба муқобили зулму ситами феодалӣ тезутунд намуд.

Боби дуюми монография «Ҷунбишҳои оммавии мардумии Афғонистон дар охири қарни XIX» ном гирифта, дар зербахшҳои он дар хусуси шӯриши ғилҷоиҳо ва дигар ҷунбишҳои мардумӣ дар солҳои 80–ум, қиёмҳои зиддиҳукуматӣ дар Мазори Шариф ва шӯришҳо дар Бадахшон, шӯриши фирӯзкӯҳиҳо ва балуҷҳо, шӯриши солҳои 1890–1893 дар Ҳазораҷот ва ҷунбишҳои оммавии мардумӣ дар охири солҳои 90–умро устод мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Дар боби сеюми монография бошад, муаллиф перомуни ҷунбишҳои оммавии мардумии Афғонистон дар ибтидои қарни XX андешаронӣ менамояд. Зербобҳои ин боб ҷунбишҳои мардумии ибтидои

солҳои 1900–ум дар Афғонистон, шӯриши мангалҳо ва дигар баромадҳои оммаи мардум дар соли 1912 ва ҷунбишҳои оммаи мардум дар арафаи ба даст овардани истиқлолиятро дар бар мегиранд.

Боби чаҳоруми монографияи калонҳаҷми муҳаққиқ ба ҷунбишҳои ҷавонафғонҳо ва рушди маорифпарварӣ дар Афғонистон бахшида шудааст. Дар он устод Ҳ.Назаров нахустин нӯҳзати машрутахоҳӣ, рушди маорифпарварӣ ва ҷунбиши ҷавонафғонҳо ва инкишофи маорифпарварӣ дар арафаи ба даст овардани истиқлолиятро ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст.

Чуноне аз таҳлили осори муҳаққиқ бармеояд, таъқибу фишорҳои сахти иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва зулму ситам, бедодагариҳои ҳукумати амирӣ ба он оварда расонд, ки охири қарни XIX ва ибтидои XX дар Афғонистон як қатор қиёмҳои мардумӣ ба амал омаданд.

Нахустин баромадҳои оммавӣ шӯриши аҳолии Панҷшер ва Ниҷроб, дар соли 1882 маҳсуб меёфтанд. Баъд аз ин шӯриши қабилаҳои мангал, ҷоҷӣ, ҷадрон ба амал омад. Аммо ин шӯриш низ аз ҷониби амир пахш карда шуд.

Дар байни қиёмҳои ошкорои зиддифеодалӣ ва зиддиҳукуматӣ ҷойи намоёнро шӯриши ғилҷоиҳо дар солҳои 1886–1887 ишғол менамояд. Сабаби асосии қиёмҳои оммавии ғилҷоиҳоро Ҳақназар Назаров «дар режими золимонаи амир Абдурраҳмонхон дар солҳои 1886–1887, боло бурдани молиёт ва андозҳои ҳукуматӣ медид»[1].

Ба ҳамин монанд моҳи августи соли 1886 ҳангоме ки молиётгирандагони амир дар асоси нишондиҳандаҳои нави андозӣ ба ҷамъоварии он оғоз намуданд, боиси шӯриши нав дар байни қабилаҳои андарӣ гардид.

Аз таҳлили осори Ҳ.Назаров маълум мегардад, ки барои пахши шӯриши андарҳо дар вилояти Ғазнӣ ҳукумати амир дар баробари сарфармондеҳони низомии худ, инчунин сафарбарнамоии қабилаҳои

---

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.89

ҳазораҳо, тохи, тараки, алихелҳо, сулаймонхелро ба муқобили онҳо равона менамуданд. Аммо ин қабилаҳо намехостанд, ки ба муқобили қиёмҳои одилонаи андарҳо бароянд, балки ҳамраъйии худро бо онҳо нишон дода, бар зидди салтанати амир эътироз менамуданд.

Устод дар таҳқиқоти худ бо сиёсати амир Абдурраҳмонхон – муқобилгузории як қабила ба муқобили дигар қабила дар Афғонистон дар давраи пахши шӯришҳо аҳамияти махсус додааст.

Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки «ба ҳамаи муқовиматҳои сарварони қабилаҳои шӯриши ғилҷоиҳо нигоҳ накарда, тирамоҳи соли 1887 шӯриши ғилҷоиҳо ба таври қатъӣ ба шикаст дучор гардид. Баъд аз шикасти шӯриши ғилҷоиҳо ҳукумат нисбати онҳо чораҳои сахтро бо мақсади дар оянда ба миён наомадани шӯриш роҳандозӣ намуд»[1].

Ҳ.Назаров кӯшиш намудааст, ки вижагиҳои ҳар як шӯришро, фарқият ва умумияти онҳоро муайян ва инъикос намояд. Хусусияти фарқкунандаи шӯриши ғилҷоиҳо ба қавли муҳаққиқ дар он ифода меёфт, ки он ҳамаи қабилаҳои ғилҷоиҳоро, ки байни Ғазнӣ ва Калот иқомат менамуданд, дар бар мегирифт. Ҳамчунин, шӯриши ғилҷоиҳо дар байни дигар қабилаҳо ва халқиятҳои Афғонистон ҳамовозӣ ва ҷонибдорӣ ёфта буд.

Ба ақидаи муаллиф дар давраи шӯриши ғилҷоиҳо қисме аз ашрофзодагони маҳаллӣ, ки дар мухолифат бо ҳокимияти амирӣ қарор доштанд, бо ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ҳамроҳ гардиданд, ки аҳдофи муайянро дунболагир буданд. Муҳаққиқ ба натиҷа расидааст, ки сардорони маҳаллӣ мавқеи риёкорӣ ва ноустуворирро ишғол намуда буданд. Дар давраи муваффақиятҳо онҳо кӯшиш менамуданд, ки дар сафи шӯришчиён бошанд, аммо ҳангоми нокомии нахустин ва шикаст онҳо пеш аз ҳама сафҳои шӯришгаронро тарк намуда, фирорро ихтиёр менамуданд.

Хизмати бузурги устод дар он аст, ки ӯ хислати аслии ин шӯришҳоро муайян намудааст. Шӯриши ғилҷоиҳо ба ақидаи ӯ натиҷаи

[1]Назаров Х.К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане.С.18.

мухолифатҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҷомеаи феодалии афғон ҷой доштанд, ба ҳисоб мерафтанд. Аз рӯи хислат онҳо ҷунбишҳои зиддифеодалӣ, зиддиҳукуматӣ ва халқӣ буданд ва оммаи меҳнаткашон дар онҳо иштироки фаъол доштанд ва муборизаро барои беҳсозии вазъи моддию иқтисодӣ ва кам кардани нишондиҳандаҳои рентаи феодалӣ роҳандозӣ менамуданд. Ба ғайр аз ин, шӯриши ғилҷоиҳо ифодагарӣ муборизаҳои миллӣ–озодихоҳӣ ва зиддиимпералистии ҷомеаи афғон буд, ки аксарият таъкид менамуданд, ки амир Абдурраҳмонхон шарик ва ҷорикунандаи сиёсати мустамликадории англисҳо дар Афғонистон буд. Хусусияти зиддифеодалӣ ва зиддиимпералистии шӯриши ғилҷоиҳо дар солҳои 1886–1887 дар он зоҳир мегардад, ки дар тарафи ошӯбгарон дигар қабилаҳо ва халқиятҳои мазлуми Афғонистон ширкат варзиданд, ки аз сиёсати пешгирифтаи дохилӣ ва хориҷии амир Абдурраҳмонхон норозӣ буданд. Маҳз ин сабаб шуд, ки шӯриши ғилҷоиҳо хусусияти дастҷамъона ва миллиро касб намояд.

Баъд аз шӯриши ғилҷоиҳо қиёмҳои зиддиҳукуматӣ дар Мазори Шариф ва дар Бадахшон сурати нав ба худ мегиранд.

Ҳ.Назаров дуруст баён намудааст: «Дар Афғонистон махсусан халқиятҳои меҳнаткаши ғайриафғон, ки дар зери зулми дутарафаи феодалӣ ҳам аз ҷониби феодалони маҳаллӣ ва ҳам аз ҷониби маъмурияти афғон монда буданд, ҳаёти сахтро аз сар мегузарониданд. Махсусан тоҷикон, ӯзбекҳо ва ҳазораҳо, ки дар шимоли Афғонистон иқомат менамуданд, халқҳои ситамдида ва беҳуқуқ буданд. Ба ғайр аз зулми иҷтимоӣ, онҳо ба таъқиби сиёсӣ, миллӣ ва динӣ гирифтор гашта буданд…»[1].

Ҳ.Назаров дар осори худ аз наздикии қавмӣ ва этникии халқҳои шимоли Афғонистон бо халқҳои Осиёи Миёна ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки ин наздикӣ имконият фароҳам овард, ки ба таври

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.102-103

дастаҷамъона аз зулми феодалӣ аз Афғонистон ба хонигарии Бухоро аксари мардум муҳоҷират намоянд.

Яке аз ин қиёмҳои ҷудоихоҳӣ шӯриши ҳокими Мазори Шариф, М. Исҳоқхон ба ҳисоб мерафт.

Норозигии аҳолии соҳили чапи дарёи Омуро дар муборизаҳои худ ба муқобили амир Абдурраҳмонхон ҳокими Чаҳорвилоят Исҳоқхон мехост моҳирона истифода намояд. Ҳокими ояндаи сулолаи борикзоиҳо Исҳоқхон чунин меҳисобид, ки барои ишғоли тоҷу тахти шоҳӣ ҳуқуқҳои ӯ на кам аз амакбачааш амир Абдурраҳмонхон мебошад. Ин довталаб барои тоҷу тахти шоҳӣ ба таври пинҳонӣ тайёрӣ медид ва лаҳзаи мувофиқро барои орзуҳои худро амалӣ сохтан, меандешид. Тавре амир Абдурраҳмонхон дар асари шарҳи ҳолии худ таъкид менамояд, аз лаҳзаи аввали ба сари қудрат омадани Исҳоқхон соли 1880 мавсуф иброз медошт, ки даромади мамлакат барои таъмини қӯшун басанда нест ва ман (амир Абдурраҳмонхон–Д.Қ.) аз ҳисоби дигар вилоятҳо барои пардохти хизмати сарбозонам маблағ ҷамъоварӣ менамудам. Амир Абдурраҳмонхон дар идома чунин менависад, ки дар тамоми ин давра Исҳоқхон аслиҳа ва пул ҷамъоварӣ намуда, ба муқобили ман ба дасиса тайёрӣ медид. Амали ношоистаи Исҳоқхон сабаби муносибати тезутунди ҳар ду амакбача гардид[1].

Устод андешаҳои М.Бобохоҷаевро тақвият дода, дар осори худ дар хусуси ҷунбиши ҷудоихоҳӣ бо сарварии М. Исҳоқхон чунин андеша баён менамояд: «М. Исҳоқхон– писари М.Аъзамхон, амакзодаи амир Абдурраҳмонхон буд, давраи ҷавонӣ ва оворагиро бо ҳам дар Бухоро ва Самарқанд гузаронидаанд. Баъди он ки Абдурраҳмонхон соҳиби тоҷу тахти Афғонистон шуд, М. Исҳоқхон ноиб ул–ҳукумаи Мазори Шариф таъйин шуда буд. Вай марди ҳалим миҷоз, суфипеша ва пайравӣ тариқати нақшбандия буда ва дар муқобили ситамгариҳо ва

[1]Бабаходжаев М. Очерки социально–экономической и политической истории Афганистана (конец XIX в.). Ташкент: Госиздат УзССР, 1975.С.142.

истибдодталабии амир М. Исҳоқхон аз таваҷҷуҳи аҳолии шимоли мамлакат бархурдор буд, вале дар қиёме, ки соли 1888 дар Мазори Шариф ба амал омада буд, ҳеҷ гуна ирода ва ҳимояи манфиати мардуми тоҷик ва узбеки шимоли Афғонистон дида намешуд, балки он яке аз ҳамон зуҳуроти талошҳои деринаи хонаводагии бориказоиҳо буд…»[1].

Аз ин рӯ, ин баромадро ҳамчун ҷунбише, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои халқҳои ситамдидаи Шимоли Афғонистон равона гардидааст, асоси воқеӣ надорад.

Агар дар такя бо осори Ҳ.Назаров ба шӯриши М. Исҳоқхон баҳо диҳем, маълум мешавад, ки «баромадҳои онҳо хусусияти ҷудоихоҳӣ дошта, ҷиҳати ғасби ҳокимияти олӣ нигаронида шуда буд. Аз ҷониби дигар баромади М. Исҳоқхон дар асоси норозигии умумӣ ва эътирози меҳнаткашони Шимоли Афғонистон ба муқобили зулм ва идоракунии истибдодии амир Абдурраҳмонхон ба миён омадааст…»[2].

Ҳукумат пас аз шикасти баромадҳои оммавии М. Исҳоқхон, ҳамчунин аз болои аҳолии вилояти Мазори Шариф зафар ёфт, аммо дере нагузашт, ки норозигӣ ва нафрат аз ҳокимияти амирӣ дар байни аҳолии Қаттаған ва Бадахшон дар шакли шӯриши ошкоро ба миён омад.

Ҳ.Назаров таъкид намудааст, ки дар манбаъҳои бойгонӣ шӯришҳои ошкорои мардуми Қаттаған ва Бадахшонро бо тахминҳое, ки ин шӯришҳо бо фитнаи М. Исҳоқхон ва тарафдорони ӯ алоқамананд, метавон вохӯрд. Аммо, ба қавли ӯ ин тахминҳо аз ҳақиқат дуранд, зеро аҳолии Бадахшон дар давраи набудани қушунҳои амир, ки барои пахши шӯриши М. Исҳоқхон сафарбар гардида буданд, ба муқобили ҳукумати амир, ки дар ҳолати вазнин қарор доштанд, қиёмҳоро мувофиқ меҳисобиданд.

Ҳамин сабаб гардид, ки «тобистони сол 1889 дар ноҳияҳои Роғ, Шаҳри Бузург ва Паси Кӯҳи вилояти Қаттаған шӯришҳои мардум ба

[1]Муфассал ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.259-260.

[2]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.106-107

амал омад. Аммо ин шӯришҳо ба шикаст дучор гардиданд ва аксари шӯришгарон кушта, асир, таъқиб ва муҳоҷир шуданд»[1].

Муҳаққиқ бо такя ба маъхазҳои бойгонӣ ва дигар адабиёти илмӣ аз шӯриши мардумони ноҳияҳои Бадахшон дар баҳори соли 1890 дар осораш ба тафсил маълумот додааст. Аз ҷумла, шӯриши мардумони Вахон, Шуғнон, Ишкошим, Рушон ва дигар мардумони Бадахшон пурра инъикоси худро дар осори устод ёфтаанд. Ҳ.Назаров ба чунин натиҷа расидааст, ки ҳокимони афғон дар шӯриши мардумони Бадахшон имкони фитнаангезии ҳукумати подшоҳии Россияро медиданд. Бо ин мақсад сарҳадоти шимолии худро аз таҷовузи русҳо мустаҳкам менамуданд. Аммо ба қавли муаррих Ҳ.Назаров «ин ҳама андешаҳо барғалат буданд, зеро сабаби зуҳури ин шӯришҳо зулми феодалии ҳокимони афғон маҳсуб меёфтанд»[2].

Ҳамин тариқ, ба қавли устод шӯриши мардумони Бадахшон вижагиҳои шӯриши деҳқониро аз қабили унсурҳои ғайримуташаккилӣ, номуназамӣ ва парокандагиро дар худ доро буданд. Ҳарчанд, муаллифони афғон принсипҳои расмии таърихнигории дарбориро ба роҳбарӣ гирифта, иллати ин шӯришҳоро дар фитна ва балвои мирҳои бадахшонӣ медидиданд, аммо Ҳ.Назаров бо таҳлили рафти шӯришҳо исбот кардааст, ки дар ҳама ҷо муҳориба байни оммаи асосии мардум ва феодалони маҳаллӣ ва ҳукумат ба миён омада буданд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки сабаби шӯришҳо зулм ва ситами ҳукумат буда, вижагии ғайримуташаккилӣ, халқӣ ва зиддифеодалиро дар худ таҷассум менамоянд. Аммо аз тарафи дигар, «иштироки бархе пешвоёни феодалони маҳаллиро, ки аз зулми феодалони афғон ҷабр мекашиданд ва дар мухолифат бо ҳукумат мавқеъ гирифтанд, инкор намудан нодуруст ва мухолифи ҳақиқати таърихӣ мебошад»[3].

---

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков)..С.107-108.
[2]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.110.
[3]Ҳамон ҷо.

Баъд аз қиёмҳои зиддиҳукуматӣ дар Мазори Шариф ва шӯришҳо дар Бадахшон, шӯришҳои қабилаҳои фирӯзкӯҳиҳо ва балуҷҳо ба миён омад.

Дар ин хусус устод Ҳ.Назаров дар такя ба маъхазҳои бойгонӣ ва дигар адабиёти илмӣ маълумоти муътамад овардааст. Муҳаққиқ иброз медорад, ки ҷунбишҳои мардумии оммавӣ ба муқобили истисмори феодалӣ, сӯиистифода ва зулми ҳокимият дар охири солҳои 80–ум ва ибтидои 90–ум хислати умумиро касб намуда, гоҳ дар як қисмат ва гоҳ дар қисмати дигари Афғонистон ба миён меомаданд. Яке аз пурқувватарин ҷунбишҳои зиддиҳукуматии ин давра шӯриши қабилаҳои тайманӣ, ҷамшедӣ, фирӯзкуҳӣ ва дигар мардумони вилояти Ҳирот маҳсуб меёбанд.

«Баҳори соли 1890 дар ҷавоб ба муқобили зулм ва истибдоди ҳокимони афғон баромадҳои ошкорои фирӯзкӯҳиҳо ба амал омад. Қабл аз ин ба муқобили ҳукумат шӯриши мардуми тайманӣ оғоз гардид. Шӯриш танҳо бо ёрии қушунҳои доимие, ки аз Ҳирот равона карда шуда буд, ба шикаст дучор гардид. Маркази асосии шӯриши таймани Тайвар, Лозунд ва дигар ноҳияҳо ба ҳисоб мерафтанд»[1], менависад Ҳ.Назаров.

Тавре устод дар осори худ баён менамояд: «дар давраи шӯриши фирӯзкӯҳиҳо махсусан ба таври аниқ хиёнати табақаи феодалии маҳаллӣ намудор гардида буд, ки кӯмаки худро ба ҳукумат ҷиҳати халалдор ва парокандагии дастаҳои шӯришчиён мерасонданд. Ба ғайр аз ин, ҳукумат ба таври осон хусумат ва бархурдро дар байни қабилаҳои дигари фирӯзкӯҳиҳо истифода мебурд. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки шӯриши фирӯзкӯҳиҳо ба монани дигар ҷунбишҳои мардумӣ ба шикаст мувоҷҷеҳ гардад ва ба он оварда расонд, ки аҳволи оммаи мардум ба тезӣ табоҳ гардад»[2]. Баъд аз шӯриши фирӯзкӯҳиҳо балуҷҳо низ шӯриш бардоштанд.

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) С.110.
[2]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.115.

Дар ин замина баҳори соли 1892 шӯриши балучҳо ба миён омад. Ин шӯриш низ ба таъкиди муҳаққиқ «мисли дигар шӯришҳо ба сабаби боло бурдани андоз, зулми феодалӣ ва ситами ҳокимони афғон ба миён омада буд. Шӯриши мазкур хислати оммавиро касб намуд»[1].

Дар умум, ба андешаи муҳаққиқ вижагии асосии шӯришҳое, ки дар солҳои 80–90–уми қарни XIX дар Афғонистон зуҳур карда буданд, номуташаккилии онҳо будааст. Ҳамзамон ягона чизе, ки онҳоро муттаҳид месохт, баромадҳои ошкорои оммаи мардум барои беҳбудии вазъи моддӣ ва озод намудан аз зулми иҷтимоии феодалӣ буд.

Дар таърихи муборизаҳои зиддифеодалӣ, миллӣ–озодихоҳии халқҳои Афғонистон ҷойи намоёнро ҷунбишҳои мардумии солҳои 1890–1893 дар Ҳазораҷот ишғол менамоянд. Ҷунбишҳои халқҳои ҳазора ба муқобили зулми иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ ба муқобили ҳокимони афғон равона гардида буданд. Аз тарафи дигар, ин ҷунбишҳо дар асоси сиёсати нодурусти андозӣ ва сӯистифодаи ҳокимият аз ҷониби табақаи болоии афғон ба миён омада буданд.

Дар хусуси шӯриши ҳазораҳо устод чунин менависад: «Бузургтарин фоҷиаи таърихи давраи ҳукумати амир Абдураҳмонхон шӯриши мардуми ҳазора дар солҳои 1890–1893 ба шумор меравад»[2]. Худи амир Абдурраҳмонхон низ ин ҷунбишро барои ҳокимияти худ хатарнок меҳисобид.

Дар шӯриши соли 1892 ҳазораҳо тоифаҳои – паша, шердаг, зовалин, султонаҳмад ва дигарон иштироки фаъол доштанд.

Амир Абдурраҳмонхон барои маҳв намудани шӯриши ҳазораҳо, қабилаҳои дигарро низ ба муқобили онҳо бархезонда буд. Аммо воқеаҳои баъдина ба қавли муаррих Ҳ.Назаров нишон доданд, ки онҳо дигар намехостанд, дар маҳви шӯриши ҳазораҳо ширкат варзанд. Дар ин хусус Ҳ.Назаров бо ишора ба олими дигари тоҷик Л.Темурханов иброз медорад: «навкарони ӯзбекҳо ва туркманҳои Маймана дигар

---

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.115-116.
[2]Муфассал ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.263-267.

намехостанд, ба муқобили ҳазораҳо ҷанг кунанд ва дар натиҷа онҳо ба муқобили ҳокимони афғон қиём бардоштанд»[1].

Бо шикасти шӯриш дар Урузгон марҳилаи якуми ҷунбишҳои мардуми ҳазора, ки барои озодии иҷтимоӣ ва миллӣ нигаронида шуда буданд, хотима меёбад. Ҳ.Назаров марҳилаи якуми шӯриши ҳазораҳоро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки ин шӯриш ҷунбиши оммавӣ–мардумӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ, ба муқобили сохти мавҷудаи феодалӣ нигаронида шуда буд.

Умуман, аз таҳлили осори олим оид ба шӯриши қабилаҳои ҳазора маълум мегардад, ки муносибати бераҳмонаи ҳокимон нисбат ба ин мардум натанҳо кам нашуд, балки он шиддати нав гирифт. Ин боиси он гардид, ки соли 1892 шӯриш аз сари нав авҷ мегирад. Ҳарчанд шӯриши ҳазораҳо дар ин сол ба шикаст мувоҷҷеҳ гардида буд, аммо дастаҳои алоҳидаи шӯришгарон муборизаро давом медоданд ва моҳи марти соли 1893 шӯриши нави ҳазораҳо ба миён омад.

Аммо ба ибрози муҳаққиқ Ҳ.Назаров ва дигар муҳаққиқон, маъхазҳои бойгонӣ шӯришгарони ҳазора дигар тавонӣ муборизаро бо қувваҳои ҳарбии ҳукумат надоштанд ва роҳи фирор ва муҳоҷиратро аз Афғонистон пеша намуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, амир ба фармондеҳони қушунҳои худ амр намуда буд, ки садди роҳи онҳо шаванд ва тамоми дидбонгоҳ ва сарҳадҳои худро ҷиҳати аз Афғонистон берун нашудани ҳазораҳо банданд. Новобаста аз ин чораҳо шумораи зиёди ҳазораҳо ба Осиёи Миёна, Хуросон, Систон, Балуҷистон, Синд, Ҳинд ва ҳатто ба ҳудуди Россия муҳоҷир шуданд. Ин андешаи Ҳ.Назаровро таърихшиноси дигари тоҷик Л.Темурханов[2], ки бевосита дар хусуси ҳазораҳо таҳқиқот анҷом додааст, ҷонибдорӣ менамояд.

Ҳодисаҳои даҳшатовари Ҳазораҷот ҳатто диққати давлатҳои хориҷӣ Ҳиндустон ва Эронро ба худ ҷалб намуда буд. Зулм ва

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.125-126.
[2]Темирханов Л. Хазарейцы.(Очерки новой истории). – М.:Наука, 1972.–140 с.

бедодгариҳое, ки дар Ҳазораҷот аз тарафи ҳукумати амир Абдурраҳмонхон содир шуда буд, дар таърихи Афғонистон назир надошт ва таърихшиноси номии афғон М.Ғубор, ҳам мўътақид аст: «фақат метавон мисли онро дар таърихи ҳуҷуми Чингиз мутолиа карду бас»[1].

Ҳамин тариқ, аз далоили дар боло овардашуда оид ба шўриши ҳазораҳо Ҳ.Назаров хулоса намудааст, ки ҷунбиши ҳазораҳо бар асари зулму ситами ҳукумати амир Абдурраҳмонхон ба миён омада буд. Эътирози оммаи шўришгарони ҳазора ба муқобили зулми феодалӣ ба худ вижагии миллӣ–озодихоҳиро мегирад, зеро ҳазораҳо халқи ситамдида ва беҳуқуқи Афғонистон маҳсуб ёфта, ба ғайр аз истисмори иҷтимоӣ ба ситами миллӣ ва динӣ гирифтор гардида буданд. Ин ҳолат ба он оварда расонд, ки оммаи халқи ҳазора новобаста аз вазъи ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ ба муқобили салтанати ҳокимони афғон баромад намоянд.

Хидмати Ҳ.Назаров дар он аст, ки бо таҳқиқоти худ хусусияти фарққунандаи ҷунбиши ҳазораҳоро мушаххас намудааст.Такягоҳи асосии шўришчиён деҳқонон буданд. Аммо ба андешаи муҳаққиқ дар сафи шўришчиён рўҳониёни маҳаллӣ ва табақаи болоии ҳазора, ки аз ҷониби салтанати афғонҳо истисмор карда мешуданд, барои имтиёзҳои аз даст рафта мубориза мебурданд. Вале на ҳамаи пешвоёни ҳазора ба тарафи шўришгарон гузаштанд. Қисми обуруманди онҳо, ки дар хидмати амир буданд, дар рафти шўриш кўшиш ба харҷ медоданд, ки ба ҳукумат содиқ бошанд.

Бояд қайд намуд, ки аксари мирҳои ҳазора аз сафи шўришчиён баромада, ба онҳо хиёнат карданд. Аз ин рў, шўриши соли 1893 натанҳо ба муқобили хиёнати ҳокимони марказӣ, балки ба муқобили ҳокимони

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.267; Ғубор М. Афғонистон да маъсири таърих.С.680.

маҳаллӣ низ равона карда шуда буд. Ҳамин ҷиҳати фарққунандаи шӯриши соли 1893 аз шӯришҳои қаблан ба миён омада мебошад.

Ҷунбиши ҳазораҳо дар солҳои 1890–1893 ҳамаи хусусиятҳои баромадҳои деҳқонӣ аз қабили номуташаккилӣ, маҳдуд, парокандагӣ ва ҷудоиро дар худ нигоҳ медошт, ки қаблан тақдири он маълум гардида буд ва ин боиси он гардид, ки ба шикаст ва нокомӣ дучор гардид.

Тавре устод зикр намудааст, шиддати минбаъдаи истисмори феодалӣ, ҷорӣ намудани молиёти нав ба он боис гашт, ки муборизаҳои зиддифеодалӣ–озодихоҳии оммаи мардум дар солҳои 90–уми қарни XIX боз ҳам пурзӯр шуданд. Ҳамаи ин боиси он мегардад, ки аҳволи оммаи мардум боз ҳам ногувор гардид ва сабаби як қатор баромадҳои ошкорои мардумӣ дар ин солҳо шуд.

Аз мутолиаи осори ин муҳаққиқ, ки аз маъхазҳои бойгонӣ бо як маҳорати баланди таърихнигорӣ истифода намудааст, маълум мегардад, ки «дар ин солҳо мардуми Кӯҳистон, Фароҳ, Гиришк, Вашир, Заминдовар, Қандаҳор, Ҳирот ва Мазори Шариф ба муқобили истисмори феодалӣ ва сарбозгирӣ муборизаҳои оштинопазир мебурданд»[1].

Яке аз шӯришҳои дигаре, ки дар охири солҳои 90–уми асри XIX ба миён омада буд ин шӯриши қабилаҳои вардак маҳсуб меёфт. Аз баёни андешаҳои профессор Ҳақназар Назаров маълум мегардад, ки шӯриш натиҷаи зулму ситам, молиёти вазнин, сарбозгирӣ ва дигар маҷбуриятҳо ба ҳисоб мерафт. Новобаста аз он ки шумораи шӯришгарон ба 80 ҳазор нафар мерасид, аммо ин шӯриш шикаст хурд. Аз ин шӯриш маълум мегардад, ки он хислати халқӣ–зиддифеодалӣ ва ба муқобили сохти мавҷуда нигаронида шуда буд.

Баъд аз ин ҷунбишҳо дар дигар қисматҳои Афғонистон низ ба муқобили зулму ситами феодалони афғон шӯришҳои оммавии мардумӣ ба миён омаданд. Аз ҷумла, устод Ҳақназар Назаров вазъи иҷтимоию

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.136.

иқтисодии мардуми Дарвозро таҳқиқ карда менависад, ки ҳокимони афғон бераҳмона сокинони Дарвози Афғонистонро, ки соли 1895 ба ихтиёри Афғонистон гузашт истисмор менамуданд, дар ҷавоб моҳи июли соли 1897 ҳангоми ҷамъоварии молиёт ва сарбозгирӣ аз сокинони ин минтақа онҳо ба муқобилашон баромада, аз иҷрои ин ӯҳдадориҳо саркашӣ намуданд. Аммо шӯриши мардуми Дарвози Афғонистон низ ба мисли дигар шӯришҳо ба шикаст дучор гардид. Баъд аз шикасти шӯриши оммаи мардуми Дарвози Афғонистон нисбати онҳо муносибати бераҳмона аз қабили ҷарима, таъқиб, муҳоҷиркунӣ ва дигар намуди ҷазоҳо татбиқ карда мешуданд.

Дар ин хусус муҳаққиқ дар осори худ чунин андешаи ҷолиб меорад: «Соли 1895 пас аз он ки дарёи Панҷ хатти сарҳади байни Бухоро ва Афғонистон қарор гирифт ва Дарвози Бухорои соҳили чапи дарё ба ихтиёри Афғонистон гузашт, ҳокимони афғонӣ аз мардуми Дарвоз андозу хироҷ талаб карданд, ки онҳо молиёти мазкурро аз ин пеш ба ҳокимони Бухоро супорида буданд…»[1].

Устод дар хусуси зӯроварӣ ва муносибати бераҳмонаи ҳокимони афғон дар қисмати шимолии Афғонистон маълумот дода, таъкид менамояд: «Ин муносибат натанҳо боиси муҳоҷиршавии аҳолии ин вилоятҳо ба мулкҳои Бухоро ва Россия гардид, балки онҳоро маҷбур сохт, ки бо илтимоснома барои тағйири раъияти худ муроҷиат намоянд. Барои мисол соли 1892 ба Генерал губернатори Туркистон хонаводаҳои майманагӣ, варзобиҳо, гурзивонҳо, чихчаронҳо ва сарипулиҳо муроҷиат намуданд. Чунин муроҷиат аз ҷониби ҷамшедиҳо ва ҳазораҳои Қалъаи нав низ шуда буд. Аммо ҳукумати подшоҳии рус бо иттифоқе, ки бо Англия баста буд, содиқ монд ва намехост ба корҳои дохилии Афғонистон мудохила намояд»[2].

Мавҷи муҳоҷират аз Афғонистон дар охири солҳои 90–уми қарни XIX, ҳангоми тақсимоти сарҳади Помир аз ҷониби абарқудратҳо

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.268.
[2]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.140.

Россияи подшоҳӣ ва Англия шиддати умумиро касб намуда буд. Дар натиҷаи ин тақсимот аксарияти ноҳияҳо бо ҳайати ягонаи этникӣ ба таври сунъӣ тақсим карда шуданд. Ҳатто чунин ҳолат ба миён омад, ки аъзои як хонавода дар самтҳои гуногуни соҳили дарёи Панҷ боқӣ монданд. Дар баробари ин бо амри ин ду абарқудрат равобити байни аҳолии ҳар ду соҳил барҳам хурданд, ҳарчанд онҳо ҳаёти умумии таърихӣ, иқтисодӣ ва сиёсии якхела доштанд. Чунин тақсимоти ноодилонаи ҳайати комиссияи русу англис норозигии умумии тоҷикони Шуғнон, Рушон, Вахон, Ишкошим ва Дарвозро ба миён овард, ки аксарияти онҳо кӯшиш менамуданд, ба соҳили рости дарёи Панҷ кӯч банданд.

Бешак, идоракунии золимонаи амир Абдурраҳмонхон боиси норозигии натанҳо оммаи мардум, балки аз он низ сардорон, дарбориён ва дигар табақаҳои болоӣ норозӣ буданд. Абдурраҳмонхон бар асари касалии вазнин 1–уми октябри соли 1901 дар Кобул вафот кард. Ӯ бо назардошти касалиаш писарашро валиаҳд карда, салоҳиятҳои васеъ ба ӯ дода буд. Гарчанде баъзе ақидаҳое вуҷуд дорад, ки гӯё ба ӯ заҳр дода бошанд[1].

Хулоса, тибқи андешаҳои устод бaромадҳои зиддифеодалӣ аз ҳисоби андозу молиёти вазнин ва истисмори сахти феодалӣ ба вуқӯъ омада буданд, ки иштироки бевоситаи деҳқонон дар он хислати оммавӣ ва миллиро ба худ мегирад. Аз ҷониби дигар муборизаҳои доимии оммаи мардум пояҳои феодализмро заиф намуд ва роҳи навро барои рушди муносибатҳои нав боз намуд. Дар ин радиф ба ҷунбиш табақаи буржуазияи миллӣ роҳ ёфт, ки дар муборизаҳои зиддифеодалӣ ва миллӣ–озодихоҳӣ иштироки фаъол дошт.

Перомуни қиёмҳои оммавии мардумӣ дар қисматҳои гуногуни Афғонистон дар замони амир Абдурраҳмонхон афғонистоншиносони дигари Шӯравӣ низ нуқтаҳои назари ҷолибе пешкаш намудаанд, ки

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.271.

таҳқиқоти Ҳ.Назаровро тасдиқ мекунад[1]. Дар ин хусус В.А.Ромодин чунин менависад: «…барои пахши шӯришҳои халқӣ ва исёнҳои феодалӣ Абдурраҳмонхон ба таври васеъ сарбозони халқии як қавму халқиятҳоро ба муқобили дигар моҳирона истифода мебурд…».[2]

Дар ибтидои асри XX низ дар Афғонистон як қатор ҷунбишҳои мардумии оммавӣ ба миён омаданд. Таҳлилу таҳқиқи осори профессор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки баъди ба тахт нишастани амир Ҳабибуллохон аҳволи мардум беҳ нагардид. Аз тарафи дигар, ҳокимияти амир Ҳабибуллохон нопойдор буд, зеро рақибони деринааш барои тахти шоҳи Афғонистон довталаб буданд. Яке аз онҳо М. Аюбхон, ки дар Кашмир иқомат дошт ба ҳисоб мерафт. Дигар довталаб М. Исҳоқхон дар Самарқанд зиндагӣ мекард. Ҳар дуи онҳо барои амир рақиби дерина буданд, ки натанҳо аз ҷониби доираҳои болоии бонуфузи афғонӣ дастгирӣ меёфтанд, балки дар байни табақаҳои аҳолии мамлакат низ машҳур буданд. Ба ғайр аз ин рақиби дигари амир Ҳабибуллохон бародари хурдии ӯ Умархон буд, ки бо дасиса ва кӯшиши модари худ Бибиҷон,– бонуи машҳур, ки аз ҷониби дарбориён ва сардорони афғон дастгирӣ меёфт, барои тахтро соҳиб гардидан, саъй менамуд[3].

Аммо аз таҳлили осори Ҳ. Назаров маълум мегардад, ки дар байни рақибони сиёсии амир Ҳабибуллохон номи М.Аюбхон ва М.Исҳоқхон бештар зикр мегардад. Ин далоилро низ аз маъхазҳои бойгонӣ возеҳан дарёфт намудан мумкин аст.

Барои ҳокимияти ноустувори худро мустаҳкам намудан, амир Ҳабибуллохон як қатор иқдомотро пеш гирифт. Аз ҷумла, бақияпулии замони падари худро ба андозаи 30 млн бахшид. Ҳамчунин андозу молиёт кам карда шуд. Иқдоми дигари ӯ зиёд намудани маоши сарбозон ва аз ҳабсхона озод намудани қисми маҳбусон ҳисоб меёфт. Аммо дар баробари ин иқдомҳо, аксарияти дигар ҳадафҳои амир ноиҷро монданд.

---

[1]История Афганистана с древнейших времен до наших дней/Отв. ред. Ю.В.Ганковский.М.:Мысл, 1982.С.175-180.
[2]Ҳамон ҷо.С.180.
[3]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.144.

Зимнан, Ҳ.Назаров дар асарҳои бунёдии худ менависад, ки дар давраи ҳукмронии амир истисмори сахти мардум авҷ гирифт. Ин ҳолат ба он овард, ки ҷунбишҳои оммавии мардумӣ дар ибтидои асри XX низ ба миён омаданд.

Аз ҷумла, дар вилояти Қандаҳор, Ҳирот, Кобул, Мазори Шариф ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ба тезӣ тамоми ҳудуди онҳоро фаро мегирад. Ба ғайр аз ин дар ҳамин давра баромадҳои зидди истисмори феодалӣ дар байни ҳазораҳо, аҳолии Зурмат (Пактиё), Кӯҳистон, Фароҳ, Нуристон, Вардак, ғилҷоиҳо ба амал омад.

Ба қатори шӯришҳои бузургтарини ин давра шӯриши ҳазораҳо ҳисоб меёфт. Умуман, Ҳ.Назаров менависад: «ҳазораҳо аз истисмор ва таъқиби ҳокимони афғон ба дод омада, дар ибтидои соли 1905 500 хонаводаи ҳазораҳо ба хонигарии Бухоро муҳоҷир шуданд»[1].

Аз таҳқиқоти муҳаққиқ маълум мегардад, ки дар ҳамин давра бенизомӣ ва ҷунбишҳо дар Афғонистони Шимолӣ низ ба амал омаданд. Аз ҷумла, «солҳои 1905–1907 ҷунбишҳои оммавӣ дар Дарвоз, Тошқурғон, Бадахшон ва дигар вилоят ба миён омаданд»[2].

Дар маҷмӯъ, ба ақидаи Ҳ. Назаров сабабҳои баромадҳои оммавиро иғвою дасисаи феодалони маҳаллӣ арзёбӣ намудан, тавре ки таърихнигории феодалии афғонӣ меҳисобад, хатто ва хилофи ҳақиқати таърихӣ мебошад. Зеро сабаби баромадҳои оммавиии мардумиро дар ибтидои асри XX ба мисли охири асри XIX дар истисмори сахти феодалӣ ва аҳволи ногувори моддии халқ бояд ҷустуҷӯ намоем. Шӯришҳо низ бо мақсади ҳалли мухолифатҳои иҷтимоӣ– иқтисодӣ ва беҳсозии шароити мардуми заҳматкаш равона гардида буданд. Бешак мо низ ин адешаҳои муҳаққикро ҷонибдорӣ менамоем, чунки моҳияти ин қиёмҳоро на дар иғвою дасисаи федалони маҳаллӣ, балки дар зулму истисмори бераҳмонаи аҳолӣ аз ҷониби зимомдорони вақт ҷустуҷӯ боя намуд.

---

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.148.
[2]Ҳамон ҷо.С.150.

Дар муборизаҳои зиддифеодалӣ дар баробари деҳқонон, сарбозон ва афсарони нерӯҳои мусаллаҳи амир низ иштироки фаъол дошанд. Зеро шароити моддӣ ва музди меҳнати онҳо ночиз ва сари вақт пардохт карда намешуд. Ҳ.Назаров ва дигар маъхазҳои бойгонӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки «ибтидои қарни XX дар гарнизонҳои Кобул, Ҳирот, Хуст, Мазори Шариф ва Қандаҳор қиёмҳои сарбозон ба амал омаданд»[1].

Дар ибтидои қарни XX ба таъкиди муаллиф ба мисли пеш яке аз шаклҳои эътироз ва муборизаи оммаи мардум ба муқобили истисмори феодалӣ ва зулми ҳукумат муҳоҷирати сокинони Афғонистон ба мамлакатҳои ҳамҷавор маҳсуб меёфт, ки хислати умумиро ба худ касб намуда буд. Дар ин бора олим дар такя ба Сайкс П. иброз медорад: «Молиёти аз ҳад зиёд ва зулми бераҳмона дар соли 1908 10 ҳазор хонаводаи ҷамшедиҳоро маҷбур сохт, ки ҳудуди Афғонистонро тарк намоянд ва парасторӣ ва ҳифозатро аз ҷониби ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Миёна ҷустуҷӯ намоянд»[2].

Ҳ.Назаров боз ҳам дар хусуси истисмор ва беҳуқуқии қабилаҳои нимкӯчманчии вилояти Ҳирот, аз қабили ҷамшедиҳо, тайманиҳо ва ҳазораҳо бо ишора ба манобеи бойгонӣ маълумоти арзишманд овардааст. Аз ҷумла солҳои 1908–1910 баромадҳои оммавии қабилаҳои ҷамшедӣ ва фирӯзкӯҳӣ бо роҳбарии Саид Аҳмадхон ба муқобили ҳукумати амир ва ҳокимони маҳаллӣ ба миён омад.

Дар давраи дуюми салтанати амир Ҳабибуллохон дар Афғонистон яке пайи дигаре дар ҳамаи вилоятҳо аз ҷониби деҳқонон, шаҳрнишинони бенаво ва оммаи сарбозон қиёмҳои зиддифеодалӣ ба миён омаданд. Иллати ҳамаи ин ҷунбишҳо дар даҳсолаи дуюми ҳукмронии амир Ҳабибуллохонро устод боз ҳам дар истисмори феодалӣ, зӯроварӣ ва ҷабри ҳокимони афғон медид. Барои тасбити ин иддао устод далелҳои муътамад пешниҳод намудааст.

---

[1]Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века.С.46– 47.
[2]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.155

«Ҷунбишҳои зиддиҳукуматии халқӣ дар солҳои 1910–1912 низ аз нав авҷ гирифтанд, ки онҳо қариб тамоми вилоятҳои Афғонистонро фаро гирифта буданд. Дар ин муборизаҳо тӯдаҳои васеи заҳматкашони шаҳру деҳот ва ҳатто аскарон фаъолона иштирок доштанд. Масъалае, ки ҳамаҷо мардумро ба ҷунбиш оварда буд зулму ситами ҳокимон ва молиёти вазнини ҳукуматӣ буд, ки дар ин мубориза махсусан ҳазораҳо, тоҷикони Кӯҳистон ва Панҷшер ва баъзе қабилаҳои афғони Пактиё фаъол буданд…»[1], менависад Ҳ.Назаров.

Ҳ.Назаров қайд менамояд; «Дар байни ҳаракатҳои оммавии мардумӣ, ки баҳор ва тобистони соли 1912 ба амал омаданд, калонтарини онҳо шӯриши мангалҳо ва аҳмадзоиҳо дар Пактиё ҳисоб меёфт. Ин шӯриш на танҳо дар дохили Афғонистон, балки берун аз он низ ҳаводорони худро пайдо намуд. Шӯриши мангалҳо натиҷаи истисмори феодалӣ, зулму ситами ҳукумати амирӣ, худсарӣ ва бедодгарии ҳокими маҳаллӣ М. Акбархон ба шумор мерафт»[2].

Ҳамин тариқ, шӯриши қабилаҳои афғонӣ мангал, ҷадрон, ҷоҷӣ, аҳмадзой ва дигарон, ки зиёда аз 5 моҳ, аз март то июли соли 1912 давом кард, бераҳмона пахш карда шуд.

Аз мутолиаи таҳқиқоти бунёдии Ҳ.Назаров равшан мегардад, ки «таъқибу фишор нисбати шӯришгарон баъд аз шикасти ҳар як шӯриш ниҳоят ваҳшиёна буд. Аз ҷумла, баъд аз шикасти шӯриши қабилаҳои мангал, ҳукумат аз шӯришгарон талаб намуд, зарари моддӣ–(барқароркунии қаълаҳо, муассисаҳое, ки дар ҷараёни шӯриш вайрон гардидаанд, ҳамчунин молиёти феодалӣ ва ғайра) талофӣ карда шавад. Дар баробари ин, зиёда аз 700 нафар аз иштирокчиён ва ташаббускорони

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.289.

[2]Муфассалтар ниг.: Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века. С.52-71; Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков). С.161-168.; Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.289– 291.

фаъоли шӯриш ҳабс ва ба Кобул фиристода шуданд, 1500 нафар маҷбурӣ ба хизмати аскарӣ гирифта шуданд ва амсоли инҳо»[1].

Баъд аз ба шикаст дучор гардидани шӯриш дар Пактиё, моҳи апрели соли 1913 дар Хуст аз сари нав шӯриши қабилаҳои ҷанубӣ ба амал омад. Аммо ин шӯриш низ бераҳмона пахш карда шуд.

Дар арафаи ба даст овардани истиқлолият ҳам дар Афғонистон як қатор ҷунбишҳои мардумӣ ба миён омаданд. Шӯришҳои мазкур дар таҳқиқоти профессор Ҳ.Назаров ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Устод сабаби асосии ба миён омадани ҷунбишҳои мардумӣ дар арафаи ба даст овардани истиқлолият дар Афғонистонро ин қабл аз ҳама меҳнати маҷбурии бо ном «бегорӣ» ва сарбозгирии маҷбурӣ медонист.

Ҳамаи ин ва дигар кирдорҳои золимонаи ҳукумат ба он оварда расонд, ки дар аксарияти ноҳияҳо ва вилоятҳо қиёмҳои ошкорои мардумӣ ба миён оянд.

Аз ҷумла тоҷикони Парвон ва Панҷшер нахуст ба муқобили ҳукумати амирӣ қиём карданд. Дар ин ҷунбишҳо тибқи маълумоти маъхазҳои бойгонӣ, ки устод Ҳақназар Назаров истифода намудааст наздик ба 35 ҳазор нафар иштирок доштанд. Ба ҳамин монанд ҷунбиши нуристонҳо дар ибтидои соли 1913 ба амал омад. Дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров ҷунбишҳои мардумии вилояти Ҳирот ва Қандаҳор низ ба таври муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд[2].

Мувофиқи андешаи муҳаққиқ ба ғайр аз меҳнати маҷбурӣ сабаби дигари ба миён омадани шӯриши аҳолии Қандаҳор зӯроварӣ ва амали ғайриқонунии ҳокими маҳаллӣ М. Усмонхон ва атрофиёнаш ҳисоб меёфт. Ҳокими Қандаҳор М.Усмонхон ҳангоме ки ба Кобул омада буд, амир ҳидоят дода буд, ки аз ҷумлаи занон ва духтарони зебо ва хонанда чанд нафареро ба ҳарами амир ирсол намояд.

---

[1]Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков). С.171.
[2]Муфассалтар ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.291-293.

Ҳамин тавр, то охири соли 1913 вазъияти Қандаҳор изтиробангез боқӣ монда буд ва дар як қатор ноҳияҳои Афғонистон шӯриши Қандаҳор аз ҷониби мардум ҳамовозӣ пайдо намуд. Тибқи маълумоти Ҳ.Назаров ва дигар маъхазҳои бойгонӣ «овозаи шӯриши Қандаҳор то ба Ҳирот паҳн гардид ва дар байни қушунҳо норозигӣ ва бенизомӣ ба миён омад ва сарбозон саъй намуданд ҳокими маҳаллӣ М. Сарвархонро аз мансаб дур намоянд»[1].

Дар арафаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ аҳволи моддии оммаи мардум бениҳоят вазнин гардид. Бо мақсади ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба дигар тараф синфҳои ҳукмрон ғояи панисломизмро бо мақсади ягонагӣ ва муттаҳидии ҳамаи мусулмонони кишвар тарғибу ташвиқ менамуданд. Аз ин лиҳоз, чунин тарғибот мебоист пеш аз ҳама боиси барқароршавии иттифоқи байнисинфӣ, ризояти миллӣ мегардид, муборизаҳои оммаи мардум барои озодиҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ аз байн мерафт. Ҳар нафаре, ки ба муқобили сохтори мавҷуда муқобилият нишон медод, бидъаткор ва душмани ватани худ эълон карда мешуд.

Аммо ба таъкиди муҳаққиқ новобаста ба чунин ташвиқот, ки таъсири худро ба муборизаҳои синфӣ то ҷойе расонданд, қиёмҳои оммаи мардум ба муқобили сохтори феодалӣ қатъ нагардид. Гарчанде рӯҳониён оммаи мардумро ба ягонагӣ, муттаҳидӣ, ҳалимӣ ва фармонбардорӣ даъват менамуданд, тобистони соли 1914 мавҷи муборизаҳои деҳқонони Урузгон баланд гардид. Ба ҳамин монанд қабилаҳои афғонии Заминдовар низ ошӯб бардоштанд, ки аз ҷониби қушунҳои ҳукуматӣ пахш карда шуданд.

Таҳлилу таҳқиқи осори профессор аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ибтидои соли 1915 низ дар як қатор ноҳияҳои Бадахшон қиёмҳои ошкорои мардумӣ авҷ гирифта буданд. Маъхазҳои бойгоние, ки устод аз онҳо дар осори худ истифода намудааст, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.178.

солҳои 1916–1917 қабилаҳои таймани̅, ҷамшедиҳо ва ализоиҳо низ шӯриш бардоштанд. Баромадҳо ва шӯриши қабилаҳои таймани̅, ҷамшедиҳо ва ализоиҳо ба мисли дигар қиёмҳо ба шикаст дучор гардид.

Дар маҷмӯъ аз таҳлили осори муҳаққиқ маълум мегардад, ки дар баробари оммаи мардум, сарбозон низ муборизони фаъоли ин ҷунбишҳо ба ҳисоб мерафтанд. Баромадҳои сарбозон асосан дар натиҷаи сари вақт пардохт накардани музди меҳнат, зуровари̅ ва муносибати бераҳмонаи сардорони ҳарби̅, худсарии маъмурияти маҳалли̅ ба миён омаданд, ки дар ниҳоят боиси эътирози умумии оммаи сарбозон ба муқобили сохтори мавҷуда мегардад.

Ин ҳама муносибати бераҳмонаи ҳукумат боиси он гардид, ки солҳои 1912–1917 дар байни ҳарбиён махсусан сарбозони қисмҳои низомии Бадахшон, Ҳирот, Қандаҳор, Кобул, Ғазни̅, Фароҳ, Чаҳонсур эътирози ошкоро ба миён омаданд.

Ҳ.Назаров ба хулосае омадааст, ки дар шароити муборизаҳои тезу тунди синфи̅, ки дар ҷунбишҳо мегузаштанд, табақаҳои гуногуни ҷомеаи афғонро водор намуда буд, ки муносибати худро ба сохтори мавҷуда ва низоми идораи мамлакат муайян намоянд. Ба ин ҷунбишҳо дар баробари ватандӯстон ва унсурҳои пешқадам, афсарони миёна ва олирутбаи афғон ҷалб мегардиданд, ки зарурати ислоҳоти дохили̅ ва тағйири низоми идораро мехостанд.

Аз ин лиҳоз, афсарон ва табақаи олии ҷомеа якчанд маротиба ба муқобили амир Ҳабибуллохон суиқасд ташкил намуданд. Охирин суиқасд ба ҷони амир Ҳабибуллохон аз ҷониби амалдорони олии дарбор ба мисли сардор Насруллохон, шоҳзодаҳо Иноятуллохон ва Амонуллохон, вазири мудофиа М. Нодирхон ва дигарон ташкил карда шуд. Дар натиҷаи суиқасд дар моҳи феврали соли 1919 дар Лағмон Ҳабибуллохон кушта мешавад ва Амонуллохон ба сари қудрат омад[1].

---

[1]Муфассалтар ниг.: Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.184-185.

Хулоса, саҳми устод дар таҳқиқи шӯришҳои мардумии охири асри XIX–ибтидои асри XX хеле бузург аст. Ӯ аз нигоҳи илмӣ исбот намудааст, ки дар ибтидои қарни XX дар шароити болоравӣ ва рушди муносибатҳои молию пулӣ, бархурдҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва синфӣ дар дохили ҷомеаи феодалии афғон ниҳоят тезу тунд ва тоқатнопазир гардида буд. Дар қатори деҳқонон, ки қувваи асосии ҳамаи ҷунбишҳои оммавии зиддифеодалиро ташкил медоданд, инчунин ба мубориза сокинони шаҳр, қисми сарбозон, нахустин дастаҳои синфи коргар низ шомил гардиданд. Ин хулосаи муҳаққиқ муҳим аст, ки ҷунбишҳои мардумии ибтидои қарни XX ба мисли пеш ҳамчун баромадҳои оммавии мардумӣ дорои хусусияти стихиявӣ, маҳдуд, ғайримуташаккил ба муқобили истимори феодалӣ, зуроварӣ ва ситами ҳокимони маҳаллӣ боқӣ монданд.

Ҷасорат ва мардонагии оммаи мардум дар мубориза ба муқобили амалҳои бераҳмонаи ҳукумат бори дигар амалдорони ҳукумат ва шахсан амирро водор сохт, ки талабҳои онҳоро қисман иҷро намояд. Муборизаи оммаи мардум барои беҳсозии аҳволи моддии худ ва озодии иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ табақаҳои васеи ҷомеаи афғонро ба ҷунбиш оварда буд. Намояндагони дурандеш ва пешқадам нокомиро дар ҷомеаи феодалии афғон дарк намуда, муборизаи фаъолонаро бароиислоҳоти дохилӣ ва тағйири низоми идораи мамлакат роҳандозӣ намуданд.

Аз таҳлили осори Ҳ. Назаров метавон хулоса намуд, ки дар давраи мавриди омӯзиш дар Афғонистон чандин ҷунбишҳои мардумии зиддифеодалӣ сар заданд, ки махсусан калонтарини онҳо, шӯриши қабилаҳои ғилҷоӣ дар солҳои 1886–1887, қиёмҳои оммаи мардум дар Бадахшон ва фирӯзкӯҳиҳо соли 1890, шӯриш дар Ҳазораҷот солҳои 1890–1893, Вардак соли 1897, Хуст соли 1912, Қандаҳор соли1913 ва ғайра ба ҳисоб меараванд. Ҳамаи ин қиёмҳо баёни эътирози омма ба муқобили маҷбуриятҳои феодалӣ, болоравии молиёт, сарбозгирии маҷбурӣ, меҳнати маҷбурӣ («бегор»), худсарӣ ва бедодгарии андозгирандагон,

сӯистифода ва фасоди ҳокимияти мустабиди амир ва амсоли инҳо ҳисоб меёфтанд.

Хислат ва аз дигар тараф умумияти хоси ҷунбишҳои зидифеодалии охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз он иборат будааст, ки ҷунбишҳо характери оммавӣ ва умумӣ дошта, чандин вилоятҳоро дар бар мегирифтаанд ва шумораи шӯришгарон баъзан ба 50–60 ҳазор нафар аз ин ҳам зиёдтар мерасиданд.

«Боқимондаҳои муносибати авлодиву қабилавӣ дар байни ғилҷоиҳо, ҳазораҳо, фурӯзкӯҳиҳо, қавмҳои мангалу балуҷҳо ба дараҷаи чашмгире ба муттаҳидию назм дар байни шӯришчиён мусоидат менамуд,–менависад, Ҳ.Назаров,–аммо аз ҷониби дигар, худи ҳамин тақсимоти қабилавӣ, ихтилофоти мавҷуда дар байни онҳо, ки аз тарафи табақоти ҳукмрон бештар барангезонида мешуд, боиси заъфи шӯришҳо мегардид»[1].

Хулосаи дигари илмии Ҳ.Назаров оид ба вижагии дигари шӯришҳои оммавии деҳқонони Афғонистон аз он иборат аст, ки дар бисёр маврид онҳо бо иштироки намояндагони табақаи ҳокими маҳал сар мезаданд. Омӯзиши таърихи ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Афғонистон мушкил ва душвор буд, ки шӯриши «соф» деҳқониеро, ки бе иштироки табақаи болоии маҳаллӣ гузашта бошад, пайдо намоем. Маҳз иштироки намояндагони табақаи болоии маҳаллӣ то андозае ба шӯришҳо муташаккилӣ медод, онҳоро аз нигоҳи ислом, бо ёрии рӯҳониён машрӯъият мебахшид.

Худи ҳамин масъала сабаби баҳсҳои илмӣ гардидааст. Аммо Ҳ.Назаров мӯътақид аст, ки табақаи ашрофони қабоил моҳияти иҷтимоии шӯришҳои мардумро тағйир дода наметавонад. Зеро вақте сухан дар бораи иштироки сарони маҳал ё қабоил меравад, бояд моҳияти давлати мутлақи феодалии Афғонистонро ба назар гирифт, ки дар он дараҷаи аз ҳама болои силсиламаротибро (иерархия) сардорони

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.250-251.

муҳаммадзоӣ, маликҳо ва феодалони калон ишғол мекарданд, ки онҳо на танҳо моликони бузурги замин буданд, балки инчунин бахшҳои даромади калони кишварро дар даст доштанд. Феодалони маҳаллӣ бошанд аз имтиёзот ва ҳуқуқҳои худ маҳрум ва маҳдуд карда шуда буданд. Ҳамин омил онҳоро ба мухолифати мусаллаҳонаи зидди ҳукумати марказӣ водор месохт.

Устод ҷунбишҳои мардумиро марҳилабандӣ намуда менависад: «Хулоса ва ҷамъбасти таърихи ҷунбишҳои оммаи мардум дар давраи баррасигардида, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тамоми ҷунбишҳоро ба се марҳила метавон тақсим намуд: марҳилаи якум охири солҳои 80–ум – ибтидои 90–уми қарни XIX, марҳилаи дуюм ибтидои қарни XX ва марҳилаи сеюм солҳои 1912–1914. Дар марҳилаи сеюм қиёмҳои зиддифеодалӣ хислати оммавӣ гирифта, дар як вақт якчанд вилояти мамлакатро фаро мегирифт»[1].

Дар маҷмӯъ, хизмати Ҳ.Назаров дар он аст, ки консепсияи мушаххаси омӯзиши ҷунбишҳои оммавии мардумиро пешниҳод намудааст. Муҳаққиқ заҳмату талошҳои зиёде кашид, то ки вижагию моҳияти ҳар ҷунбиши оммавӣ, аҳдофи аслии онҳоро муайяну мушаххас намояд. Барои ин мебоист бо мантиқу далелҳои раднашаванда хулосаҳои илмии худро собит созад. Зеро дар афғонистоншиносии ватанӣ ва хориҷӣ мутахассисоне буданд, ки ба андешаҳои илмии олим оид ба ин ҷунбишҳо аз рӯи хусумат ё дарки нодурусти моҳияти масъала мухолифат нишон медоданд. Ба андешаи онҳо Ҳ.Назаров исёнҳои феодалиро, шӯриши халқӣ арзёбӣ намудааст.

Умуман, консепсияи илмии профессор Ҳ.Назаров оид ба ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баъдан қобили дастгирии аксари муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ қарор гирифт. Қобили зикр аст, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.251.

муҳаққиқ ҳанӯз дар солҳои 60–70–уми қарни гузашта мавриди коркарди илмӣ қарор гирифта буд. Дар ин замина устод як қатор асарҳои бунёдӣ дар хусуси ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон навишт, ки имрӯз аз онҳо барои дарки воқеаҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон мавриди истифода қарор доранд.

## 2.3. Арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ

Таҳлили ҷунбишҳои оммавии мардумии охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX дар Афғонистон дар осори Ҳ.Назаров аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин қиёмҳо новобаста аз маҳдудият ва нокомии худ ба рушди афкори сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ шароит фароҳам овარданд.

Дар ин хусус устод чунин менависад: «Баромадҳои оммаи мардум, махсусан дар шароити ҳукмронии сохтори феодалӣ–подшоҳӣ ва инкишофи муносибатҳои молию пулии охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX ба болоравии худшиносии миллӣ ва ҷунбиши ислоҳотхоҳӣ дар Афғонистон замина гузоштаанд»[1].

Ба қавли дигар Ҳ.Назаров ҷунбишҳои сиёсию маорифпарвариро натиҷаи ҳаракатҳои зиддифеодалӣ медонад ва дар китоби «Ҷунбишҳои мардумӣ, маорифарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX» бахшеро бо номи «Ҷунбишҳои ҷавонафғонҳо ва рушди маорифпарварӣ дар Афғонистон» ихтисос додааст, ки дар он масъалаҳои нуҳзати машрутахоҳони аввал, рушди маорифпарварӣ, ҷунбиши ҷавонафғонҳо ва инкишофи маорифпарварӣ дар арафаи ба даст овардани истиқлолияти кишвар таҳқиқ шудаанд.

Муҳаққиқ ба он назар аст, ки муборизаҳои пай дар пай ва доимии оммаҳои васеи меҳнаткашон бар зидди зулму ситами иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ тамоми табақаҳои ҷамъияти Афғонистонро ба ҷунбиш оварда буд, ки ҳар кадом аз мавқеи сиёсӣ ва иҷтимоии худ саъйю кӯшиш мекарданд,

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.187.

ки роҳи бартараф кардани мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, рушду инкишоф ва сулҳу салоҳи мамлакатро пайдо намоянд[1].

Ба андешаи устод ба қатори ҷунбишҳои иҷтимоӣ, инчунин нуҳзатҳои машрутахоҳӣ ва маорифпарварӣ низ дохил мешуданд. Онҳо таҷассумгарӣ идеологияи оммаи васеи мардуми заҳматкаш ҳисоб меёфтанд.

Машрутаҳоҳӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон ба муҳаққиқ дар заминаи муборизаҳои халқӣ густариш ёфта буд. «Ҳадафи ниҳоии муборизаҳои халқӣ иборат аз таъмини баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, ҳаққу ҳаққоқият, ҳукумати халқӣ мебошад, ки ин орзуҳо ва ормонҳо марбут ба подшоҳи одил, тараққихоҳ, мардумпарвар ва маорифпарвар дониста мешуданд, ки машрутахоҳӣ ва маорифпарварӣ таҷассумкунандаи ҳамин мафкураҳо буданд. Бинобар ин агар манбаъ ва маншаи таҳаввулоти таълимот ва афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҳлил ва баррасӣ карда шаванд, яқин мегардад, ки ҳамаи онҳо аз ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои халқӣ сарчашма гирифта, дар таълимот ва назариёти мутафаккирин бо обу ранги гуногун ҷилвагар мешаванд», менависад Ҳ.Назаров[2]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки машрутаҳоҳӣ ва маорифпарварӣ сарчашмаи онҳо дар Афғонистон маҳз аз ҷунбишҳои оммаи мардум оғоз меёбад.

Аз осори профессор равшан мегардад, ки пешоҳанги ҷунбишҳои ҷавонафғонҳо «Анҷумани уламо» маҳсуб меёфт, ки фаъолияташро ҳанӯз аз замони амир Абдурраҳмонхон оғоз намуда буд. Амир, мавқеи худро мустаҳкам намуда, дар дарбор аз ҳама гӯшаи мамлакат донишмандонро ҷамъ овард, то ки нахуст маълумот ва маводро оид ба Афғонистон аз забони арабӣ ва дигар рӯзномаҳо ба забони форсӣ ба ӯ ва аҳли дарбораш пешниҳод намоянд. Баъдан дар назди онҳо мақсад гузошта шуда буд, то ки чорабиниҳоро ҷиҳати ба танзим даровардани молиёт, корҳои идора

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.293.
[2]Ҳамон ҷо.

ва танзими низоми судҳои шариатӣ дар мамлакат дар асоси қоидаҳои амалкунанда роҳандозӣ намоянд.

Ҳ.Назаров менависад, ки маркази фаъолияти созмони «Анҷумани уламо» мадрасаи шоҳӣ дар Кобул ба ҳисоб мерафт. Дар ин мадраса олимони намоён, илоҳиётшиносон аз қабили Мавлави Абдураззоқи Андарӣ, Қозӣ Бобо Мурод, Саид Ғулом, Муҳаммад Чорбоғӣ, Аҳмадҷон Тухӣ ва дигарон дарс медоданд, ки дар баробари тадриси асосҳои илоҳиётшиносӣ, ғояҳои маорифпарвариро паҳн менамуданд[1].

Фаъолияти созмони «Анҷумани уламо» ба қавли муҳаққиқ дар ибтидои салтанати амир Ҳабибуллохон боз ҳам густариш ёфт, ки ба ҳайати он зиёда аз 50 нафар донишмандони Афғонистон шомил гардида буданд, ки ин гурӯҳи донишмандон дар омода намудани лоиҳаи қонунҳо, тарҷумаи китоб, коркарди фармонҳои гуногуни амир ва дигар корҳо заҳмат мекашиданд. Ба қатори онҳо метавон аз Муҳаммад Сарвар, Қиёмиддинхон Ниёзӣ, Саид Қосим, Абдул Ғанӣ, Наҷаф Алӣ, Абдулрауф ва дигарон ёдоварӣ шуд, ки баъдан ходимони намоёни ҷунбиши ҷавонафғонҳо гардиданд. Аз таҳқиқоти профессор маълум мегардад, ки шаклгирии ҷунбиши ҷавонафғонҳо дар се марказ анҷом ёфта буд.

Ба маркази аввал, дарбориёни шоҳ шомил гардида буданд, ки гузаронидани ислоҳоти дохилиро бе тағйири низоми мавҷуда талаб менамуданд. Ба ин гурӯҳ амалдорон аз ҷумла М. Валихони Дарвозӣ, Ҷавҳаршоҳи Ғурбандӣ, Лаълмуҳаммади Кобулӣ, М.Усмони Парвонӣ, Почо Мирхони Лугарӣ ва дигарон шомил гардида буданд. Баъдан ин гурӯҳ робитаро бо амир ва дарбораш канда ва ба гурӯҳи дигари радикалӣ шомил гардиданд. Маркази дигар дар литсейи «Ҳабибия» қарор дошт, ки аъзои он мавқеи радикалиро ишғол мекарданд. Онҳо на танҳо ислоҳоти дохилӣ, балки барқарор намудани тартиботи демократиро талаб менамуданд. Ба гурӯҳи сеюм ҷонибдорони ҷунбиши

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков). С.189.

ҷавонафғонҳо аз ҷумлаи ҷавонони шаҳрӣ дохил гардида буданд[1]. Байни ин се марказ ё се гурӯҳ робитаи сиёсӣ барқарор гардид, ки ба таъсиси «Нуҳзати машрутахоҳони аввал»[2] дар соли 1906 бо сарварии Муҳаммад Сарвархон бо тахаллуси Восиф асос гузошт.

Дар маҷлиси муассисони нузҳати машрутахоҳӣ Саъдуллохон, М.Аюбхон, М.Исохон, М.Усмонхон, Саид Ҷавҳаршоҳ, Лаълмуҳаммадхон, Абдулқаюмхон, ҳиндуҳо доктор Абдулғанӣ ва бародараш Наҷаф Алӣ ва М.Ҳусайнхон ва ду нафар турки сокини Кобул Фазлибек ва Ризобек иштироки фаъол доштанд. Муссалам аст, ки баъд аз шаклгирии нузҳати машрутахоҳӣ тарафдорони он зиёд гардид. Аз ҷумла, Саид Аҳмадхони Қандаҳорӣ, Ғулом Муҳаммади Майманагӣ, Файз Муҳаммад Ҳазора, Муҳаммад Анвар Бисмил, Тоҷмуҳаммад Пағмонӣ, Ҷавҳаршоҳи Ғурбандӣ, Мирсаид Қосимшоҳӣ Чорбоғӣ, инчунин як дастаи махсусро ҳиндуҳо бо роҳбарии доктор Абдулғанӣ ва бародаронаш Наҷаф Алӣ ва М.Чароғ, устоди мадрасаи «Ҳабибия» М.Ҳусейн ва амсоли инҳо шомил гардиданд[3].

Вобаста ба нуҳзати машрутахоҳони аввал Ҳ.Назаров ишора ба он менамояд, ки дар ҷунбиши онҳо қавму халқиятҳои мухталифи Афғонистон иштироки фаъол доштанд, агарчи аксарияти онҳоро тоҷикҳо ва паштунҳо ташкил медоданд.

Барнома ва талабномаи нуҳзати машрутахоҳони аввалро устод дар асари бунёдии худ «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар такя ба муаррихи машҳури афғон А.Ҳабибӣ аз ин бандҳо иборат медонист:

1.Итоат ба усули ислом ва тақдиси Қуръони азимушшаън ва кабули тамоми аҳкоми ислом.

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.295.; Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков). С.191.

[2]Муаллифони афғон ба таври гуногун ҷамъияти сирии сиёсии афғонҳоро ном мебаранд. А. Довӣ Анҷуманро «Ихвони афғон», М. Ғубор «Ҷамъияти сирии миллӣ», дар ёдоштҳои Мир Саид Қосим «Нуҳзати машрутахоҳони аввал» ном бурда мешавад. Ба андешаи Ҳақназар Назаров номи охирон бештар ба хислати ҷунбиш мувофиқ аст.

[3]Муфассалтар ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.295-296.; Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.192-197.

2.Кӯшиши мудовим дар ба даст овардани ҳуқуқи миллӣ, машрут сохтани режими ҳукумат таҳти намояндагони миллат ва таъмини ҳокимияти миллӣ ва ҳукми қонун.

3.Саъй дар роҳи талқини омма ба дурустии умури муоширaт ва накӯҳиши одоти замима.

4.Оштӣ ва ҳусни тафоҳум байни тамоми aқвом ва қабоили Афғонистон ва таҳкими ваҳдати миллӣ.

5.Саъй дар ислоҳи миллат аз роҳи сулҳ ва оштӣ, на ба даҳшатафканӣ ва истеъмоли силоҳ ва зӯр.

6.Таъмими маориф ва макотиб ва васоили бедории мардум ва матбуот.

7.Таъсиси маҷлиси Шӯрои миллӣ аз роҳи интихоботи озоди намояндагони мардум.

8.Таҳсили истиқлоли сиёсӣ ва озодии Афғонистон ва густариши равобити сиёсӣ ва иқтисодӣ бо дунёи хориҷ.

9.Таъмини усули мусовот ва адолати иҷтимоӣ.

10.Басти мабонии маданияти ҷадид ва санъат ва ҳирфат ва сохтани шавореъу билод ва абния ва манобеи обу барқ ва ғайра[1].

Ҳ.Назаров таъкид менамояд, ки «ҳокимияти амир ҷиҳати паҳн нагардидани ғояҳои машрутахоҳон дар кишвар ба таъқиб, ҳабс ва қатли намояндагони ин ҷунбиш амалиётро шурӯъ намуд. Ба ҳамин минвол соли 1909 дар як рӯз 7 нафар машрутахоҳон ба қатл расонида шуда, 36 нафари онҳо гирифтор ва ба муддати даҳ сол ба зиндон андохта шуданд, ки ба истисноии чанд нафар онҳо то замони Амонуллохон дар маҳбас монданд. Устод ба маълумоти бойгониҳои русӣ такя намуда, ишора мекунад, ки «танҳо дар шаҳри Кобул дар як рӯз 85 нафар ба қатл расонида шуда, садҳо нафар ҳабс карда шудаанд»[2].

Аз мутолиаи осори профессор маълум мегардад, ки ҷунбиши машрутахоҳон дар ҳақиқат барои сохтори мавҷудаи феодалӣ ниҳоят

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.296-297.
[2]Ҳамон ҷо. С.298

хавфнок буд, зеро ба ғайр аз Кобул дигар шаҳрҳоро аз қабили Ҷалолобод, Ғазнӣ, Қандаҳор, Ҳирот ва Мазори Шариф дар бар мегирифт.

Аз ҷониби дигар ба ақидаи муаллиф «ҳукумати амир ҷиҳати паҳн нагардидани ғояҳои демократӣ ва инқилобӣ дар Афғонистон аз самти Эрон назоратро дар сарҳади Афғонистону Эрон пурзӯр намуд...»[1].

Умуман, ба ақидаи Ҳ.Назаров новобаста аз ғояҳои пешқадами ҷавонафғонҳо барои ҷомеаи Афғонистон, ки мақсадашон аз байн бурдани зӯроварии синфӣ, миллӣ ва динӣ, худсарӣ, тағйири низоми идора ва пешгири фасод ба ҳисоб мерафтанд, ҷунбиши онҳо дар солҳои 1906–1910 ба шикаст дучор гардид.

Дар хусуси ҷамъияти сиррии сиёсӣ «Ихвони афғон» сухан ронда месазад, иброз намоем, ки ин ҷамъият на ҳамаи қишрҳои ҷомеаро, балки танҳо гурӯҳи маҳдуди демократӣ ва нерӯҳои пешқадами ҷавононро фаро мегирифт.

Аз ин ҷиҳат бе иштироки оммаи мардум ва танҳо тавассути хираду маърифат тағйир додани сохтори мавҷуда ва мамлакатро бо роҳи тараққиёт, пешрафти иҷтимоӣ роҳнамоӣ намудан имконнопазир аст. Ин роҳ хайёлию нодуруст буд, зеро тағйироту инкишофи ҷомеа ва сохтори давлатии Афғонистон наметавонист бо ин тарз амалӣ гардад. Дар баробари ин дар байни қисме аз ҷавонафғонҳо тамоюли ҷудоихоҳӣ пурзӯр гардида буд

Баъд аз шикасти нуҳзати машрутахоҳони аввал дар соли 1906–1909 фаъолияти ҷавонафғонҳо хотима наёфт ва боз ҳам инкишоф ёфт. Аммо доираи ҷонибдорони ҷунбиши ҷавонафғонҳо ба қавли Ҳақназар Назаров маҳдуд гардид ва асосан зиёиёни нави афғон, афсарони пешқадам ва тоҷирони сармоядорро дар бар мегирифт. Дар шароити нав фаъолияти маорифпарварии ҷавонафғонҳо густариш ёфт, ки устод ин мавзӯъро муфассал таҳқиқ намудааст.

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.198.

Ғояҳои пешқадами маорифпарварӣ дар Афғонистон дар ин давра бо номи Маҳмудбек Тарзӣ (1868–1933) зич алоқамадӣ доранд. Дар баробари М. Тарзӣ дар рушди маорифпарварӣ дар Афғонистон бо андешаҳои ҷолиби худ Абдуали Мустағнӣ (1876–1934) чойгоҳи муайянро ишғол намудааст.

Маорифпарварони Афғонистон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳамватанони худро аз ҷаҳолат, нодонӣ, таассуб дур сохта, онҳоро ба омӯхтани илму фанни замон даъват намоянд.

Ғояҳои маорифпарварӣ дар эҷодиёти М.Тарзӣ низ ба таври мушаххас инъикос гардидаанд. Мавсуф яке аз пайравони С.Ҷамолиддин ба ҳисоб мерафт. Дар баробари ин ӯ ба таълимоти маорифпарварони фаронсавӣ низ ошно буд. Мавсуф илму донишро на танҳо асоси пешрафт ва такомул баррасӣ менамуд, балки сарчашмаи неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, воситаи ягонаи озод намудани ҷомеа аз зулмот ва ҷоҳилӣ, зӯрӣ ва золимӣ ба қалам додааст.

Ҳ.Назаров дар асари худ «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» зимни мутолиа ва таҳлили осори М.Тарзӣ менависад: «…М.Тарзӣ даъват мекард, ки бояд ваҳдат ва ягонагии миллӣ ба вуҷуд оварда шавад ва тамоми неруҳои миллӣ ба кор андохта шавад, ки ақибмондагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бартараф карда шавад....»[1].

Устод зимни баррасии фаъолияти иҷтимоӣ–сиёсӣ ва маорифпарварии М.Тарзӣ ба хулосае омадааст, ки андешаҳои М.Тарзӣ барои ҷомеаи ҳамон вақтаи Афғонистон ва имрӯза арзиши баланд доранд.

Умуман, ба андешаи Ҳ.Назаров дар такя ба Абдулҳоди Довӣ, «Маҳмуд Тарзӣ ҳақиқатан падари озодӣ, истиқлолият ва эҳёи Афғонистон маҳсуб меёфт, ки хидматҳои ӯро халқи афғон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Ӯ тавонист аз нуҳзате, ки худи ӯ оғоз намуд, самара

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.302.

ҳосил намояд ва дар натиҷа дар соли 1919 истиқлолияти мамлакатро таъмин намояд»[1].

Ҷанги якуми ҷаҳонии империалистӣ аҳволи оммаи мардумро бениҳоят вазнин намуд. Аз ҷониби дигар оммаи мардуме, ки дар мустамликаи давлатҳои мустамликадор буданд, низ бениҳоят вазнин гардид. Оқибатҳои ҷанг ба Афғонистон низ таъсири худро расонданд. Аз ин рӯ, ҷомеаи афғон ба худ бовар ҳосил намуд, ки лаҳзаи мубориза ба муқобили мустамликадорони англис барои озодӣ ва истиқлолият фаро расид. Аммо амир ва тарафдорони ӯ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҷунбиши оммаи мардумро ба муқобили англисҳо боз доранд. Баъдан ҳамаи ватандӯстон ва муборизони фаъол бовар ҳосил намуданд, ки то замоне ки амир Ҳабибуллохон соҳиби қудрат аст, муборизаи қатъӣ барои озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон бурдан имконнопазир аст.

Аз ин ҷост, ки ба андешаи муҳаққиқ даъватҳои М. Тарзӣ ва дигар ватандӯстон байни ҷомеаи афғон ҳамовозӣ пайдо намуданд. Амир Ҳабибуллохон кӯшиш менамуд, ки нашри мақолаҳои М. Тарзиро, дар рӯзномаи «Сироҷ ул ахбор», ки дар онҳо даъватҳои ӯ ба муқобили англисҳо ҷой доштанд, манъ намояд.

Яке аз шоирони номдор ва ҳамкори М.Тарзӣ дар рӯзномаи «Сироҷ ул–ахбор» Абдуалии Мустағнӣ (1876–1934) ба шумор мерафт, А.Мустағнӣ дар айни ҳол яке аз поягузорони адабиёти навини Афғонистон ба ҳисоб меравад, ки аҳамияти илму фанро дар рушду инкишоф ва пешравии ҳаёти иҷтимоии инсон ниҳоят баланд бардошта буд. Ба қавли вай илму дониш нерӯи инсонро чандин карат афзоиш медиҳад, аз қаъри баҳр марворид ба даст меоварад, биёбонро ба гулистон, аҳмақро– оқил, хокистарро – тилло, беди бесамарро – дорои меваи ширин, заҳри қотилро – ба шакар табдил месозад. Ба воситаи илму дониш инсон тамоми сиру асрори олами ҳастиро кашф менамояд...[2]

---

[1]Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.227.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.301.

Ҳамин тариқ, андешаҳои А.Мустағниро Ҳ.Назаров хулосагирӣ намуда, иброз медорад, ки А.Мустағнӣ ба монанди дигар маорифпарварон ба ривоҷи илм, ки калиди ҳалли ҳамаи масоили иҷтимоӣ–иқтисодии ҷомеаи афғони он давра ҳисоб меёфт, диққати худро равона намудааст. А.Мустағнӣ дар инкишофи таърихи ҷомеа ва дарки олами муҳити атроф қувва ва хиради тафаккури инсониро баланд арзёбӣ намудааст. Аммо дар баробари ин мавсуф ҳамчун идеалист имкониятҳои илм, ирфонро дар таҳавулоти ҷомеаи инсонӣ аз будаш зиёд нишон додааст ва шароитҳои ҳаёти моддии ҷомеаро сарфи назар намудааст, ки ба андешаи Ҳ.Назаров ин маҳдудият ва яктарафа шаклгирии ҷаҳонбинии ӯро нишон медиҳад.

Ҳарчанд афкор ва ҷаҳонбинии маорифпарварии А.Мустағнӣ аз зиддият, маҳдудият, яктарафа, миллатгароӣ ва дигар унсурҳои иртиҷоӣ–клерикалӣ озод нестанд, аммо дар баробари ин ҷаҳонбинии ӯ дар маҷмӯъ дар таҳкиму пешрафти ҷомеаи афғон ҷиҳати рушду такомул шароит муҳайё намуданд. Аз ҷониби дагар, афкори ӯ, ба шароити мушаххаси таърихии ҳамон замон мутобиқат мекарданд. Афкори ӯ ба манфиатҳои ҷунбишҳои миллӣ–озодихоҳии халқи афғон хизмат менамуданд.

Вале дар дохили мамлакат ватандӯстон ва маорифпарварони афғонӣ маъюс нашуданд ва ба ташкил намудани нуҳзати машрутахоҳони дуюм иқдом намуданд ки он маҳз дар ҳамин давра арзи вуҷуд намуда буд[1].

Аз ҳамин давра, марҳилаи дуюми ҷунбиши ҷавонафғонҳо оғоз гардид, ки номи шартии «Нуҳзати машрутахоҳони дуюм»–ро ба худ гирифт. Ҷавонафғонҳо ғояҳои сиёсӣ–иҷтимоии худро дар ин давра дар рӯзномаи «Сироҷ ул ахбор» ба табъ мерасонданд. Умуман онҳо дар гирди ҳамин рӯзнома муттаҳид гардида буданд. Аммо дар баробари ин гурӯҳе буданд, ки ба мисли пеш мустақилона амал менамуданд ва мавқеи радикалиро ишғол намуда буданд.

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.305.

Гурӯҳи ҷавонафғонҳое, ки бо рӯзнома ҳамкорӣ доштанд, аз нав ҷамъияти махфии машрутахоҳонро таъсис доданд, ки ба ҳайати он Мир Саид Қосим, Мир Ёрбекхон, Мир Замонуддин, М. Иброҳим ва дигар иштирокунандагони нуҳзати машрутахоҳони аввал Ғулом Муҳаммадхон, Абдурраҳмон Лудин, Абдулҳодии Довӣ, М. Тарзӣ ва дигарон дохил мешуданд. Аъзои ҷамъияти махфӣ М. Валихони Дарвозӣ, низ буд, ки хайрхоҳона ба нуҳзати машрутахоҳони аввал муносибат менамуд. Мавсуф баъдан вақте ки Афғонистон истиқлолият ба даст овард, роҳбарии нахустин ҳайати сафорати Афғонистонро бо Россияи Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупо ба уҳда дошт.

Дар хусуси марому мақсадҳои машрутахоҳони дуюм ҳам ягон санад ва ҳуҷҷати хаттӣ вуҷуд надорад, лекин чунон ки А.Ҳабибӣ дар асари худ «Ҷунбиши машрутият дар Афғонистон» таъкид намудааст, барномаи фаъолияти машрутахоҳони дуюмро айнан ҳамон 10 талаби машрутахоҳони аввал ташкил медодааст[1]. Вале Абдулҳодии Довӣ, ки аз ҷумлаи иштирокчиёни фаъоли машрутахоҳони дуюм буд, ёдовар шудааст, ки барномаи онҳо се вазифаи асосиро дар бар мегирифт: Ба даст овардани озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон, ҷорӣ намудани низоми машрута ва таъмини забони пашту. Аз рӯи тавзеҳоти худи А.Ҳабибӣ низ ошкор мегардад, ки барномаи машрутахоҳони дуюм асосан дар атрофи ҳамин се масъала давр мезадааст[2]. Аммо зимни мутолиаи асари В.Г.Коргун маълум мегардад, ки ҷунбиши ҷавонафғонҳо бо номи шартии «Нуҳзати машрутахоҳони дуюм» дар ин давра дар заминаи барномашон чунин ҳадафҳоро бояд амалӣ месохтанд:

1. Дур сохтани амир Ҳабибуллохон ҳамчун монеа дар роҳи расидан ба озодиҳои сиёсӣ ва истиқлол;
2. Қабули Қонуни асосӣ;
3. Ташкили ҳукумати машрута;
4. Таъсиси Шӯрои миллӣ (Парламент);

---

[1]Ҳабибӣ А. Ҷунбиши машрутият дар Афғонистон. Кобул, 1363 (1984). С.55-56.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.305-306.

5. Ташкили Шӯрои Вазирони нав;
6. Таъмини адолати иҷтимоӣ ва гузаронидани ислоҳоти маъмурӣ;
7. Инкишоф ва вусъатдиҳии низоми маориф ва фарҳанг;
8. Рушди илм, ҷорисозии технологияи муосир;
9. Таъмини озодии матбуот;
10. Мубориза барои мустақилияти иқтисодӣ ва мубориза ба муқубили мустамликадории англис»[1].

Яке аз чеҳраҳои намоёни ҷавонафғонҳо ва маорифпарварони ин давра Абдурраҳмон Лудин ба ҳисоб мерафт. Ба таъкиди Ҳ.Назаров «мавсуф дар фарқ аз дигар маорифпарварон, ки танҳо сулҳу осудагиро дар дохили мамлакат ҷонибдорӣ менамуданд, Абдурраҳмон Лудин аз номи ҳамаи мазлумон баромад намуда ва онҳоро ба мубориза ба муқобили зулму бедодгарии ҳокимони дохилӣ даъват менамуд. Аммо ин ходими сиёсӣ дар соли 1930 ба ҳабс гирифта шуда, дар синни 38 солагиаш ба воситаи тӯп парронда мешавад»[2].

Аъзои фаъоли дигари ҷамъияти махфии ҷавонафғонҳо Абдулҳодӣ Довӣ (таваллуд 1896) бо тахаллуси адабии Парешон маҳсуб меёфт. А.Довӣ ба монанди дигар маорифпарварони ин давра роҷеъ ба аҳамияти илму фазл дар рушди ҷомеа, зарурати ваҳдат ва муттаҳидии миллати афғон ва амсоли инҳо андеша баён менамояд. Ӯ дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон иштироки фаъол дошт. Баъди истиқлолият, дар замони Амонуллохон, як қатор мансабҳои давлатиро ишғол намуда буд. Мавсуф муҳаррири рӯзномаи «Амони афғон» буд. Ҳамчунин корманди масъули вазорати корҳои хориҷӣ, сафири фавқулодаи Афғонистон дар Ҷумҳурии Халқии Бухоро ва амсоли инҳо. Дар соли 1933 ба ҳабс гирифта шуд. Аз маҳбас дар синни пиронсоли ва рӯҳан инсони шикастхурда баромад. Баъдан ба хизмат ба сифати

[1]Коргун В.Г. История Афганистана ХХ век М.: Крафт+, 2004. С.39.
[2]Муфассалтар ниг.:Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.230-231.

мансабдор дохил шуд. Замони охир раиси палатаи болоии парлумони Афғонистонро ба ӯҳда дошт.

Ҳ.Назаров ҳадафи асосии ҷавонафғонҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода менависад, ки ба даст овардани истиқлолияти Афғонистон аз англисҳо ва дигар ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мақсади онҳо ҳисоб меёфт, аммо то замоне, ки амир Ҳабибуллохон дар сари ҳокимият қарор дошт, ба муқобили англисҳо мубориза ошкоро бурдан имконнопазир буд. Аз ин рӯ, ҷавонафғонҳо кӯшиш намуданд, ки Ҳабибуллохонро аз тахт дур намоянд. Бо ин мақсад ба муқобили ӯ суиқасд ташкил намуданд. Аммо чӣ гуна амалӣ намудани онро намедонистанд. Дар ибтидои соли 1918 аъзои ҷамъияти махфӣ Абдурраҳмон Лудин кӯшиши паронданы Ҳабибуллохонро роҳандозӣ намуд, ки нобарор анҷомид. Амир осеб надид, аммо ин суиқасд ба таъқиби ҷавонафғонҳо боис гардид. Дере нагузашта Абдурраҳмон Лудин ва бархе аз аъзои фаъоли ҷамъият: Абдулҳоди Довӣ, Мир Саид Қосим, Мир Ёрбек, Мир Замонуддин ва дигарон ба ҳабс маҳкум гардиданд. Ҳамаи онҳоро шиканҷаи сахт интизор буд. Хатар ба М.Тарзӣ низ таҳдид менамуд, ки ӯ низ сарнавишти худро ба онҳо тақсим менамуд. Танҳо табаддулоте, ки дар моҳи феврали соли 1919, баъд аз қатли Ҳабибуллохон ба амал омад, онҳоро албатта аз ҷазо наҷот бахшид.

Устод дар натиҷаи таҳқиқоти худ ба натиҷае расидааст, ки ташаббусу фаъолияти ҷамъиятӣ–сиёсӣ ва маорифпарварии ҷавонафғонҳо сабаб гардид, то ғояҳои ватандӯстӣ ва миллӣ–озодихоҳӣ на танҳо байни ҷомеаи афғон боло рафт, балки таъсири муайяни худро ба гурӯҳҳои дарбор низ расонид. Дар ин замина, гурӯҳҳои радикалӣ дар дарбор тақвият ёфтанд, ки мақсадашон аз тахт дур сохтани Ҳабибуллохон ва ба тахти шоҳӣ расонидани Амонуллохон буд, ки аз нигоҳи андешаҳои ватандӯстона ва озодихоҳонааш фарқ мекард. Аммо дигар муддаиёни тахти шоҳӣ низ буданд, ки ба муқобили Ҳабибуллохон низ мақсади суиқасд ташкил карданро доштанд. Суиқасдчиён нақшаи куштани амирро ҳанӯз соли 1918 кашида буданд, аммо беҷуръатии

Насруллохон, роҳбари суиқасд барои амалишавии нақшаи табаддулот монеъ мешавад, ки баъди таъхири яксола, дар моҳи феврали соли 1919 он амалӣ мегардад.

Баъд аз амалигардии табаддулот, тавре Ҳ.Назаров бо такя ба А.Довӣ иброз медорад, барои тахти Афғонистон се довталаб буданд. Нахуст бародари амири кушташуда Насруллохон, маъруф ба ғояҳои иртиҷоӣ ва кӯҳнапарастӣ, ки худро дар Ҷалолобод амир эълон намуд. Довталаби дуюм, вазири мудофиа Нодиршоҳ, ки тибқи маълумоти саҳеҳи таърихӣ аз дер боз барои ғасби ҳокимият дар Афғонистон тайёрӣ медид. Ва ниҳоят шоҳзода Амонуллохон, ки дар байни ватандӯстон ва муборизони роҳи озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон маъруфияти зиёд дошт. Бо ташаббуси ватандӯстон ва ҷавонафғонҳо Амонуллохон тавонист бе хунрезӣ тахтро соҳиб гардад. Шоҳи ҷавон ҷонибдории ватандӯстон, артиш ва халқро дарёфта, Афғонистонро давлати озод ва мустақил эълон намуд[1]. Дар асари бунёдии муҳаққиқ «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар такя ба асарҳои муаррихони машҳури афғон М.Ғ.М.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» ва М.Фарҳанг «Афғонистон дар панҷ қарни охир» суиқасд ба муқобили амир Ҳабибуллохон ва дигар ҳаводиси баъд аз ӯ ба амал омада ба таври муфассал дарҷ гардиданд[2].

Амонуллохон на танҳо аз маҳбас ҳамаи ҷонибдорони ҷунбиши ҷавонафғонҳоро раҳо сохт, балки онҳоро ба хизмат дар мансабҳои гуногуни давлатӣ ҷалб намуд. Ташаббус дар гузаронидани чорабиниҳо ва ислоҳоти дохилӣ пеш аз ҳама аз ҷавонафғонҳо оғоз меёфт. Аммо бо мурури вақт онҳо дарк намуданд, ки дар ҳукумати нави Амонуллохон низ ба мисли пеш зулму ситам ҷой дорад ва ҳақиқату адолати судӣ, ки ҳақиқатан ватандӯстон орзӯ менамуданд, амалӣ гардонда нашудааст. Бо ин мақсад дар Луйи Ҷирга аз сари нав гурӯҳҳои мухолифин созмон

---

[1]Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.243.
[2]Муфассалтар ниг.:Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.309-312.

ёфтанд, ки ҳукумати Амонуллохонро зери танқид қарор доданд. Дар мухолифат бо ҳукумат Абдурраҳмон, вакили Кобул, Ғулом Муҳаммад Ғубор, Тоҷмуҳаммад, Саададинхон ва дигарон дохил мешуданд, ки таъсиси маҷлиси миллӣ, интихоботи озод, гузаронидани дигар ислоҳотро дар соҳаи қонунгузорӣ ва идоракунӣ дар мамлакат талаб менамуданд. Ин охирон қиёме, ки ба ҷунбиши ҷавоафғонҳо алоқаманд буд, ҳисоб меёфт.

Ҷунбиши ҷавонафғонҳоро Ҳ.Назаров маҳсули шароити мушаххаси таърихии Афғонистон ва натиҷаи муборизаҳои доимии оммаи мардум ба муқобили сохтори ҳукмрони феодалӣ арзёбӣ менамояд. Тезу тундшавии мухолифатҳои синфӣ байни золимон ва мазлумин шаҳодат аз он медиҳад, ки тартиботи феодалӣ монеа дар роҳи рушди муътадил ва табиии мамлакат мегардад. Аз ин рӯ, барои ин ақибмониро аз байн бурдан ғояҳои ҷавонафғонҳо зарур буданд. Дар баробари ин устод ба хулоса омадааст, ки андешаҳои ватандӯстона ва озодихоҳонаи ҷавонафғонҳо дар ҷои холӣ тавлид наёфтанд ва таъсири ҷунбишҳои миллӣ–озодихоҳӣ ва ғояҳои ватандӯстонаи мамлакатҳои ҳамҷавор мисли Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва дигарҳо таъсири худро ба он расонданд. Аз ҷониби дигар, ба нуҳзати ҷавонафғонҳо ва маорифпарварон Инқилоби якуми рус (солҳои 1905–1907) ва Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябри соли 1917 таъсиргузор буданд.

Умуман ба андешаи Ҳ.Назаров афкори иҷтимоӣ–сиёсии ҷавонафғонҳо дар маҷмӯъ ғояҳои мутараққии ҷомеаи афғонии ҳамон давраро дар бар мегирифтанд ва ба талаботи замон ва ҳадафҳою равандҳои таърихии мамлакат мутобиқат мекарданд. Аммо дар баробари ин унсурҳои мухолиф, маҳдудиятҳои синфӣ ва иртиҷоӣ низ ба онҳо хос буданд. Баромадҳои маорифпарварон, асосан ба муқобили истилогарон ва сиёсати мустамликадории абарқудартҳои империалистии Аврупои Ғарбӣ нигаронида шуда, аксаран дар шакли панисломизм, панафғонизм зоҳир мегардиданд. Таълимоти иртиҷоии

аврупосентризмро онҳо маҳкум намуда, дар навбати худ консепсияи зараровари̅ осиёсентризмро талқин менамуданд[1].

Устод дар асоси таҳлили маъхазҳо ба хулосае омадааст, ки ҷунбиши ҷавонафғонҳо ва маорифпарвари̅ дар натиҷаи рушди муносибатҳои моли̅–пули̅ дар дохили мамлакат ба амал омадааст ва он натиҷаи фаъолияти хориҷиён ё афғонҳое, ки ғояҳои маорифпарвариро ҳангоми дар дигар мамлакатҳо қарор доштан қабул кардаанд, намебошанд. Аз ин ҷо равшан мегардад, ки новобаста аз таъсири инқилобҳои кишварҳои ҳамҷавор аз қабили Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва инқилобҳои Россия ба афкори ҷавонафғонҳо ва маорифпарварон дар Афғонистон, ҷунбиши онҳо аз омилҳои дохили̅, ки дар ҷомеаи афғонҳо ҷой дошт, вобастаги̅ дорад.

Муҳаққиқ назариёт ва фаъолияти ҷавонафғонҳо ва маорифпарварони охири асри XIX ва аввали асри XX Афғонистонро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки онҳо бо вуҷуди маҳдудияти синфиашон барои амали̅ намудани ислоҳоти дохили̅, барқарор намудани сохти машрутахоҳи̅ ва ба даст овардани истиқлолияти сиёси̅ мубориза мебурданд ва ҷунбиши ҷавонафғонҳо дар таърихи Афғонистон як ҳаракати тараққихохона буда, хусусиятҳои зиддифеодали̅ ва милли̅–озодихоҳи̅ дошт. Фаъолияти ҷавонафғонҳо барои азнавсози̅ ва рушди ҷомеаи афғон нигаронида шуда буд.

Ҳамин тавр, ҷунбишҳои мардуми̅ ва зиддифеодали̅ ба андешаи Ҳ.Назаров ба маҳдудият ва нокомии худ нигоҳ накарда ба рушди афкори сиёсию иҷтимои̅ мусоидат намуданд ва зуҳури ошкорои он машрутахоҳи̅ дар Афғонистон буд. Устод ба таърихи ҷунбиши машрутахоҳи̅ ва идеологияи он диққати махсус додааст ва онро як падидаи милли̅ хонда ва инъикоси афкори пешқадами ҷомеаро ба он вобаста кардааст. Машрутахоҳон рушду инкишофи ҷомеаро аз тариқи ислоҳоти дохили̅ ва

---

[1] Назаров Х.Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков).С.246-247.

густариши маориф, илму техника таблиғ мекарданд. Онҳо ҷонибдори истиқлолияти сиёсии кишвар буданд. Аммо бо вуҷуди ин, ба ақидаи муҳаққиқ, онҳо дар фикри он набуданд, ки як ҷунбиши инқилобии оммаи мардумро созмон дода, низоми мавҷударо аз тариқи зӯрӣ сарнагун кунанд. Онҳо ҷонибдорони таҳаввулоти тадриҷӣ буданд. Бешак, ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон дар таҳқиқоти олим бисёр моҳирона аз нигоҳи таърихнигорӣ арзёбӣ карда шудаанд. Имрӯз низ, ақидаҳо ва хулосаҳои ин донишманди тавоно оид ба масъалаҳои ҷунбишҳои мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон аз ҷониби аксари муҳаққиқони афғонистоншинос ҷонибдорӣ ёфтанд. Зеро Ҳ.Назаров тавонистаст, ки ҳаводиси вобаста ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарвариро дар Афғонистон ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқ кашида, ба он баҳои илмӣ диҳад.

# БОБИ 3. САҲМИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР ОМӮЗИШИ МАҚОМИ ТОҶИКОН ДАР ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН

## 3.1. Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон

Муҳаққиқ Ҳ.Назаров дар баробари дигар самтҳои пажӯҳиши илмии таърихи Афғонистон ба масъалаи миллӣ дар ин кишвар таваҷҷуҳи хоссае дошта, онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Агар ба осори устод бо диққат назар андозем, маълум мегардад, ки ӯ ҳанӯз охири солҳои 50-уми қарни XX ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон диққати худро равона намуда буд.

Ҳ.Назаров аз нигоҳи илмӣ сиёсати табъизталабӣ, имтиёзҷӯӣ, бартариҷӯии қавмӣ ва зулму ситами миллӣ ва истибдоди феодалиро аз ҷониби ҳукуматҳои пешинаи Афғонистон таҳлил намуда, пайомадҳои ногувори онро дар идораи давлатӣ ин кишвар пешбинӣ намуда буд.

Аммо ба андешаҳои муҳаққиқ дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби афғонистоншиносони Шӯравӣ ва Тоҷикистон дар он замон вокуниши сахте нишон дода шуданд. Табиист, ки таърихнигории расмии Шӯравӣ ҳам аз таърихнигории расмии афғонӣ кам фарқ мекард. Дар давлати Шӯравӣ ҳам аз консепсияи илмии пешниҳод кардаи афғонистоншинос И.М. Рейснер дар хусуси масъалаи миллӣ ва дигар масоили афғонистоншиносӣ сарфи назар намуда, манфиатҳои стратегии Шӯравӣ дар мадди аввал гузошта мешуданд. Аз ин ҷиҳат давлати Шӯравӣ дар охири солҳои 50-уми қарни XX аз манофеи афғонҳо ҳимоя намуда, ба халқиятҳои ғайриафғон таваҷҷуҳе зоҳир наменамуд.

Ҳ.Назаров дар масъалаи миллӣ дар Афғонистон яке аз идомадиҳандагони консепсияи илмии пешниҳодкардаи афғонистоншиноси маъруфи Шӯравӣ И.М. Рейснер ҳисоб меёфт ва онро солҳои баъдӣ такмил додааст.

Ҳ.Назаров, дар солҳои 60-70-уми қарни XX дар таҳқиқоти худ ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар ин замина маводи зиёде ҷамъоварӣ намуд, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи ӯ шароит фароҳам овarданд.

Солҳои 80-уми қарни XX дар замони бозсозӣ, масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби муҳаққиқ бо нигоҳи нави илмӣ таҳққиқ гардидаанд[1].

Истиқлолияти давлатӣ ва дар остонаи қарни XXI ба Ҳ.Назаров имконият фароҳам овард, ки як зумра асарҳою мақолаҳои бунёдӣ дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон таълиф намояд[2].

Масъалаи миллӣ дар Афғонистон ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз аз замони таъсиси давлати афғонҳо то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Вобаста ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон Ҳ.Назаров андешаҳои беназире дар осори худ баён намудааст. Ӯ менависад: «Масъалаи миллӣ дар Афғонистон ба яке аз мушкилоти тезу тунди иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст. Дар адабиёти марбут ба Афғонистон чунин ақида муқаррар гардида буд, ки афғонҳо (паштунҳо) аксарияти аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, аз ин лиҳоз масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-

[1]Назаров Ҳ., Мерганов С. Афғонистони навин.–Душанбе: Ирфон, 1982.–176 с.; Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане./Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. – Душанбе: Дониш, 1989.– 265 с.

[2]Назаров Х. К постановке национального вопроса в Афганистане// Изв. АН. ТаджССР.. Сер.: Востоковедение, история, филология.– 1991.– №2.– С.10-20.; Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.– Душанбе: Дониш,1998.–656 с.; Назаров Ҳ. Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон //Фарҳанги Ориёно, Шумораи 7,8,9, – Душанбе,2000.– С.55-59. (Ба хатти форсӣ).; Назаров Ҳ. Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон // Ёдномаи Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ.– Душанбе,2000.– С.40-54. (Ба хатти форсӣ).; Назаров Ҳ. Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон // Ому, Шумораи 2. Соли 2001.– С.151-165. (Ба хатти форсӣ).

иқтисодии рушду инкишофи на танҳо ду-се даҳсолаи охир, балки тамоми таърихи Афғонистон аз мавқеи онҳо мавриди арзёбӣ қарор дода шавад. Вақте ки муносибатҳои миллӣ тезу тунд шуданд, оқибат ба ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат оварда расонд, ки бисёри зиёди «афғонҳо» тарафҳои муқобили ҷунбишҳо ҷудоихоҳӣ, ғасбкорӣ ва миллатгароии онҳоро баён намудаанд. Дар робита ба ин омӯзиши масъалаи миллӣ барои ифшои моҳияти ҷунбишҳои иҷтимоӣ, ки густариши фаррох ёфтанд, маъмулан аҳамияти муҳимро касб менамуданд»[1].

Аз ин андешаҳои муҳаққиқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки афғонҳо (паштунҳо) ба ҳеҷ сурат намехостанд, ки зимоми давлатдорӣ ба дасти ақвоми ғайрипаштун интиқол ёбад. Бо ин мақсад онҳо дар байни қабилаи ғайрипаштун тоҷикҳо, ӯзбекҳо, ҳазораҳо ва дигар ақвом тафриқаандозӣ ва зулму ситами миллӣ ва иҷтимоиро ба роҳ монданд.

Устод дар мақолаи бунёдии худ «Перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон» низ дар такя ба адабиёти нодири илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва афғон, бори дигар масъалаи миллиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Вижагии хоси ин мақола дар он зоҳир мегардад, ки дар он далелҳои тозаи илмӣ роҷеъ ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон ҷой дода шудаанд. Муаллиф дар мақолаи худ дар хусуси сиёсати миллии ҳокимони афғон нисбати мардумони ғайриафғон, ҷойгиркунии қабилаҳои афғон дар заминҳои аҳолии ғайриафғон, табъизхоҳӣ, азаматталабӣ, зулму ситами миллӣ, сиёсати иқтисодии молиявӣ, масъалаи забон ва амсоли инҳо андешаҳои судманд пешкаши хонанда намудааст.

Муҳаққиқ чунин таъкид менамояд: «Афғонистон кишвари сермиллат бошад ҳам, аммо паштунҳо мавқеи ҳукмронӣ доранд, ҳол он ки мавқеи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикон ва дигар халқҳо хеле муҳим аст. Дар сурате ки онҳоро бедории миллӣ фаро гирифтааст, онҳо ба вазъи пештара муросо карда наметавонанд. Инқилоби Савр бисёр

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.81

масоили муҳими сиёсати миллиро матраҳ сохт, лекин ҷанги эълоннашуда ҳаллу фасли онро ба таъвиқ андохт, ки ин боиси ташаннуҷ ва кашидагии авзои сиёсии Афғонистон гардидааст»[1].

Ҳ.Назаров дуруст андешаронӣ намудааст, ки сиёсати миллӣ ҳокимони афғон аз амир Абдураҳмонхон сар карда, то пирӯзии инқилоби Савр маҳз дар ҷойгирсозии қабилаҳои афғон дар ноҳияҳои машриқӣ, ғарбӣ ва шимолии мамлакат, ки дар он ҷо халқҳои ғайриафғон иқомат менамуданд, иборат буд. Аз ҷониби дигар афғонҳо халқиятҳои ғайриафғонро ба зулми иқтисодӣ, андоз ва дигар молиёти феодалӣ гирифтор карда буданд, ки бениҳоят вазнину сангин ҳисоб меёфтанд. Онҳо ба идораи мамлакат роҳ намеёфтанд.

Маҳз бори нахуст Ҳ.Назаров дар ҳамин мақолаи худ дар такя ба назарияи В.И.Ленин ва андешаи роҳбарони Созмони Инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА), ки дар рӯзномаи «Меҳан» чоп шуда буд, дар хусуси таъсиси давлати федеративӣ дар Афғонистон изҳорот баён доштааст. Ӯ менависад: «Гомҳои устувор дар роҳи таъмини ҳуқуқҳои сиёсии халқҳои ситамдида маҳз таъсиси давлати федеративӣ ва таҷзияи маъмурӣ-ҳудудии мамлакат бо ба инобатгирии вижагиҳои миллӣ ва таърихӣ бояд асос ёбад. Дар идома муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки маҳви умумии ситами миллӣ танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки таъмини пурраи баробарҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаи миллатҳо дар асоси ихтиёрна додани ҳуқуқҳои ҳақиқӣ барои худмуайянкунӣ ба онҳо амалан тадбиқ мегардад»[2].

Умуман дар ин мақола муаллиф ақидаҳои аҷиб дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон ироа намудааст.

[1] Назаров Х. К постановке национального вопроса в Афганистане. С.10.
[2] Ҳамон ҷо. С.19.

Дар хусуси зиндагинома ва нақшаи ҳалли масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз тарафи Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ[1] дар байни афғонистоншиносон ақидаҳои ҷолиб ироа гардидаанд.

Баъд аз он ки Ҳизби халқии демократии Афғонистон (ҲХДА) 4–уми майи соли 1967 ба ҷиноҳҳои «Парчам» ва «Халқӣ»–ҳо тақсим гардид, дар масъалаи миллӣ дар Афғонистон тағйироти куллӣ ба миён омад. Раванди тақсимшавии ҲХДА бо ин ҳам хотима наёфт. Дар ин

---

[1]Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ 22–юми ноябри соли 1934 дар шаҳри Файзободи вилояти Бадахшон таваллуд шудааст. Аз сабаби оне ки машғулият дар ҳамаи мактабҳо танҳо бо забони пашту сурат мегирифт, ӯро дар синни 6 солагӣ ба ҷои мактаби ибтидоии давлатӣ ба мактаби динӣ волидонаш месупоранд. М.Т.Бадахшӣ 10 сола буд, ки барномаи мактаб аз сари нав бо забони дарӣ гузашт. Ӯ таҳсилро дар мактаби дунявӣ оғоз намуд, ки то синфи 9 давом кард. Дар соли 1954 ба шаҳри Кобул рафт ва таҳсилро дар литсейи «Ҳабибия» давом дода, бо хатми он дар соли 1956 ба факултети ҳуқуқ ва улуми сиёсии Донишгоҳи Кобул дохил шуд. Баъди як сол шуъбаи иқтисодиёти факултет ба факултети мустақил табдил ёфт, ки Бадахшӣ онро соли 1961 хатм кард. Ӯ баъд аз хатми Донишгоҳ дар ибтидо ба шуъбаи банақшагирии Вазорати корҳои кӯҳкорӣ ба сифати ёрдамчии мушовири ҳамин шуъба М.М.С. Фарҳанг ба кор даромад. Кори якҷоя ва мусоҳибаҳои Фарҳанг таъсири назаррас дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии ғоявии М.Т.Бадахшӣ нақши калон бозиданд. Ба қавли шарикдарсаш Б.Раббонӣ, Бадахшӣ дар ибтидо пайрави ақидаҳои чапгарро набуд, балки бо исломгароён наздик буд. Баъд аз рафтани Б.Раббонӣ ба Қоҳира ӯ ташкилотчии фаъоли ҲХДА гардид. Баъд аз анҷоми хизмати аскарӣ дар донишгоҳи Кобул ва баъдан то охири ҳаёташ дар Вазорати маорифи Афғонистон кор мекард. Бадахшӣ хеле барвақт ба сиёсат мароқ зоҳир намуд. Ба қавли худаш ҳанӯз дар соли 1951 зери таъсири мухолифони ҷунбиши либералӣ-буржуазӣ дар Кобул, аввалин созмони сиёсиро дар Файзобод ба номи «Ободхоҳони меҳан» асос мегузорад ва дар он иштирок фаъол дошт. М.Т.Бадахшӣ соли 1963 дар раванди шаклгирии нахустин ҳизби навбунёд иштироки фаъолона дошт. Мавсуф тазоҳуроти ҷавононро ба дӯш гирифта, ҳамчунин намоиши донишҷӯёнро 25-уми октябри соли 1965 роҳбарӣ менамуд. 30-юми октябри соли 1979 Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ яке аз шахсиятҳои миллӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, муборизи роҳи озодӣ ва адолати иҷтимоӣ, роҳбари созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон (СИЗА) ба дасти режими ҷаллодони вақти Афғонистон Ҳафизуллоҳ Амин ба шаҳодат расид. Ба ғайр аз фаъолияти сиёсӣ донишманди хуби адабиёт, таърих ва фалсафа ҳисоб меёфт. М.Т.Бадахшӣ дорои як қатор корҳои илмӣ ва адабӣ мебошад, ки дар нашрияҳои гуногун ба табъ расида буданд. Аммо то кунун мероси илмӣ ва афкори ӯ пурра омӯхта нашудааст. Бо ин мақсад ҷиҳати омӯзиши мероси илмӣ ва афкору андешаҳои ӯ оид ба ояндабинӣ ва азнавсозии Афғонистон ба наздики дар ин кишвар Донишкадаи Тоҳири Бадахшӣ ифтитоҳ ёфт.

замина баҳори соли 1968 аз ҷиноҳи «Халқӣ»–ҳо яке аз бунёдгузорони ҲХДА Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ бо намояндагони худ, ки аз гурӯҳи мардумони ғайрипашту намояндагӣ менамуданд, берун баромаданд. Ба қавли яке аз шогирдони Ҳ.Назаров, Қ.Искандаров сабаби аз ҳайати ҲХДА баромадани Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ танишҳои лафзи бо Ҳафизуллоҳ Амин ҳисоб меёфт. Ин андешаи Қ.Искандаровро афғонистоншиноси дигари тоҷик С. Мераганов чунин арзёбӣ намудааст: «Дар яке аз маҷлисҳои КМ ҲХДА Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ маърӯза карда, ба масъалаи муносибати байнимиллатҳо дар Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз мавҷудияти ситами миллӣ дар Афғонистон сахт нигарон буд. Маҳз баъд аз ин маърӯза аз созмони Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ бо унвони «Ситами миллӣ» парчамиҳо ёдовар мешуданд». Аммо Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ба ҳарчи тезтар муттаҳидшавии ҲХДА умедвор буд. Бо ин мақсад ӯ маҳфиле бо номи «Маҳфили интизорӣ» таъсис дод, ки баъдтар рақибони сиёсии ӯ аз он бо унвони «Ситами миллӣ» ном мебурданд, ҳарчанд созмоне бо чунин ном дар Афғонистон ҳеҷгоҳ шакл нагирифта буд[1].

Дар хусуси созмони Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ Қ. Искандаров дар идома таъкид менамояд «… то оғози нашри рӯзномаи «Меҳан» дар моҳи октябри соли 1988, ки муассисаш Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон буд, дар таърихнигории Шӯравӣ ин созмон бо номи «Ситами миллӣ» машҳур гардида буд»[2].

Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва созмони ӯро бо миллатгароӣ ва азаматталабии ғайриафғонҳо хосса тоҷикон айбдор менамуданд. Доираҳои сиёсии ҳамонвақтаи ҳукумати Афғонистоон изҳор менамуданд, ки сиёсати СИЗА на ба таъмини баробарҳуқуқии халқиятҳо, на ба муқобили сиёсати гурӯҳҳои миллатгарро дар мақомоти олии кишвар, балки ба муқобили паштунҳо нигаронида шудааст. Аз сӯи

---

[1]Искандаров Қ. Политические партии и движения Афганистана во второй половине ХХ века. Душанбе: Ирфон, 2004.С.164-165.

[2]Ҳамон ҷо. С. 178.

дигар Муҳаммад Тоҳири Бадахширо дар кӯшиши таҷзияталабии давлати Афғонистон бо номҳои «Хуросони Бузург» ё «Туркистони Афғонистон» айбдор менамуданд.

Дар умум Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ хостори ояндаи дурахшони Афғонистон буд ва тавсияҳои судманд аз қабили омӯзиши дақиқи ғояҳои муосири прогрессивӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии равандҳои инқилобӣ; риояи принсипҳои ислом ва эҳтироми дигар динҳо; мубориза ҷиҳати таъсиси ҳизби ягонаи шакли нави умумимиллӣ; муттаҳидшавии шахсоне, ки аз ҲХДА баромада будан; муборизаи идеологӣ ва сиёсӣ ба муқобили опортунизм ва фаъолияти таҷзияталабии гурӯҳҳои сиёсӣ; омодасозии мутахассисон барои кор бо омма; худдори аз танишҳои лафзи дар муборизаҳои сиёсӣ; асоснокунии илмии таҳияи барномаи ҳалли масъалаи миллӣ ва баҳисобгирии он дар барномаҳоиояндаи ҳизби умумимиллӣ; баҳисобгирии қонуниятҳои рушди равандҳои инқилобии мамлакат дар корҳои ҳаррӯза дар байни оммаи мардум; дар асосҳои фаъолияти сиёсати хориҷӣ қабули хусусиятҳои таърихӣ ва миллии кишвар бо даст кашидан аз сиёсати «думболаравӣ»-ро пешниҳод карда буд[1]. Ин андешаҳои Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ дар осори Ҳ.Назаров низ инъикоси худро ёфтаанд.

Дар соли 1992 устод дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» зери унвони «Тоҳири Бадахшӣ кист?» мақолае ба нашр расонд.

Дар ин мақола, Ҳ.Назаров дар хусуси рӯзгори хонаводагӣ, эҷодиёт ва баррасии масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ақида баён намудааст. Устод дар ин мақолаи худ оид ба Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ чунин изҳор менамояд: «…рӯҳияи ҷавонмардӣ ва шуҷоатмандии Тоҳири Бадахширо ҳатто дастгоҳи шиканҷаи фашистии аминиҳо ҳам шикаста натавонист. Дар сурате ки робитаи ӯ бо олами беруна тамоман қатъ шуда буд ва ғайр аз қироъати Каломи Маҷид ва Маснавии Мавлавӣ тасаллои дигаре надошт, ӯ боз ҳам

---

[1]Искандаров Қ. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века. С.180.

барои зиндониёни дигар намунаи ибрат гашта, лақаби ифтихории «Пӯлоди рехтаро» касб намуда буд»[1].

Бешак, Ҳ.Назаров Муҳаммад Тоҳири Бадахширо аз ҷумлаи сиёсатмадорони варзида, ҳомии қавму миллатҳои мазлум, донишманд ва инсони шариф мешуморид.

Мақолаи дигари бунёдии муҳаққиқ «Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон» номгузорӣ шуда буд. Дар ин мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар заминаи андешаҳои муассиси «Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон» Тоҳири Бадахшӣ, дар таҳқиқоти худ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон андешаронӣ намояд. Аз таҳлилу баррасии ин мақола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳам Тоҳири Бадахшӣ ва ҳам Ҳ.Назаров аз муаллифони афғонистоншиноси Шӯравӣ ба осори И.М.Рейснер махсусан асари «Рушди феодализм ва ташаккули давлатдории афғонҳо», ки соли 1954 нашр шуда буд, мароқи зиёд зоҳир намуда буданд. Бемуболиға Ҳ.Назаров ва Тоҳири Бадахшӣ аз консепсияи илмии И.М. Рейснер оид ба Афғонистон ҷонибдорӣ менамуданд.

Ба қавли устод, дар Афғонистон мардумони ғайри паштун–ҳазораҳо, ӯзбекҳо ва тоҷиконро мардумони аққалият ва беаслу насаб ҳисоб менамуданд, онҳо ҳаққи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ надоштанд, то вазифа ва масъулиятҳои давлатиро ишғол намоянд[2].

«Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон» мақолаи дигари устод мебошад, ки бо далелҳои тозаи илмӣ навишта шудааст. Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ (1933–1979) шахсияти миллӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, муборизи роҳи озодӣ, демократӣ ва адолати иҷтимоии халқиятҳои мазлуми Афғонистон ҳисоб меёфт.

Ҳ.Назаров таъкид менамояд: «Аз рӯзгоре, ки зимомдории Хуросон ба дасти афғонҳо (паштунҳо ) афтод ва аввалин давлати онон Дурраниҳо соли 1747 мелодӣ бунёдгузорӣ шуд, тамоми вазоифи муҳимми давлатӣ аз

---

[1]Назаров Ҳ.Тоҳири Бадахшӣ кист? //Адабиёт ва санъат.-1991.-7 ноябр (№45).С.5.

[2] Назаров Ҳ. Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон. С.56.

сатҳи вулусволӣ (ноҳия) то вазорат ва сафорат бо сурати инҳисорӣ ба ихтиёрии онон қарор гирифт ва қабоили Дурронӣ аз имтиёзоти васеи сиёсӣ ва иҷтимоӣ бархурдор шуданд. Вақте ки иқтидори кишвар ба шохаи дигари паштунҳо – муҳаммадзоиҳо ва баракзоиҳо мунтақил гардид, зулм, истибдод ва бедодгариҳои иҷтимоӣ бисёр тавсеа ёфт. Мустабидтарин даврони салтанати афғонҳо, ба андешаи Ҳ.Назаров ба замони ҳукумати амир Абдураҳмонхон (1880–1901), Нодирхон (1929–1933) ва садорати Ҳошим (1933–1946) тааллуқ дорад, ки давраи Ҳошимхон ҳатто ба «истибдоди кабир» ва режими фашистӣ маълуму машҳур гаштааст. Афғонистони ин давраро «зиндони халқҳои ғайриафғон» номидаанд»[1].

Мақолаи дигари пурмуҳтаво ва арзишманди устод «Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон» ба шумор меравад. Муҳаққиқ тамоми донишу таҷрибаи худро сарф намудааст, ки бо истинод ба сарчашма ва адабиёти нодири илмӣ ва мулоҳизаҳои худ тамоми равандҳои муносибатҳои миллӣ ва сиёсати миллӣ дар Афғонистонро дар ҳамин мақола ба риштаи таҳқиқ кашад. Як хусусияти фарқкунандаи ин мақола дар он таҷассум меёбад, ки Ҳ.Назаров масъалаи миллиро дар заминаи давлатҳои дар гузашта мавҷудбуда дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ иброз медорад, ки азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, тафриқаандозӣ, имтиёзҷӯӣ, зулм ва истибдод на танҳо дар таърихи гузаштаи Хуросон, балки дар таърихи муосири Афғонистон густариши бесобиқае ба худ касб намудааст.

Ҳ.Назаров дар ин мақолаи худ менависад: «Ҳайати ҳокимони афғон тамоми дастовардҳо ва комёбиҳои таърихӣ ва фарҳангии Хуросонро ба худ нисбат дода, дигар ақвом ва миллатҳои Афғонистонро аққалияти миллӣ, муҳоҷирини хориҷӣ ва аносири бегона эълом карда буданд»[2].

[1]Назаров Ҳ. Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон. С.42-43.
[2]Назаров Ҳ. Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон.С.156.

Муҳаққиқ дар мавриди муайян сохтани маълумоти нисбатан дақиқ ва саҳеҳ оид ба таркиб ва таносуб дар байни ақвоми Афғонистон ба асари машҳури муаррихи афғон М.Ғ.М.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» такя намудааст. Ҳ.Назаров ба ин асар ишора намуда дар мақолаи худ чунин менигорад: «…аз ҷумлаи 15 млн аҳолии Афғонистон паштунҳо 6 млн ё 40% аҳолӣ, даризабонҳо (тоҷикҳо ва ҳазораҳо) 8 млн ё 53%, туркзабонҳо (ӯзбекҳо ва туркманҳо) бештар аз 1 млн ё 7%–и аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд[1].

Новобаста аз оне ки шумораи даризабонҳо дар Афғонистон зиёд ҳастанд то ба имрӯз дар байни муҳаққиқон андешаву мулоҳизаҳои гуногун атрофи таносуби аҳолӣ, ки ҷузъи масъалаи миллӣ ҳисоб меёбад ҷой дорад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Л.Дюпре дар солҳои 70-уми қарни XX ба масъалаи муайян сохтани ҳайати этникии аҳолии Афғонистон мароқ зоҳир намуда, натиҷаи таҳқиқоти ӯ дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ дар солҳои 1974-1979 ба чоп расида буданд. Ба Л.Дюпре муяссар гардид, ки дар хусуси 33 гурӯҳи этникие, ки дар Афғонистон истиқомат менамуданд, маълумот ҷамъоварӣ намояд. Дар умум Л.Дюпре нуфуси афғонҳо (паштунҳо)-ро 4,8 млн нафар ва тоҷиконро 3,5 млн нафар дар Афғонистон арзёбӣ намудааст[2].

Муҳаққиқи тоҷик Р.Абдуллоев зимни таҳлили масъалаи миллӣ дар Афғонистон ба осори Ҷ.Алфред такя намуда иброз медорад: «Алфред муҳаққиқи амрикоӣ, ки дар солҳои 70-80-уми қарни XX дар Афғонистон оид ба масъалаи муносибатҳои миллӣ таҳқиқот анҷом додааст, шумораи аҳолии ин мамлакатро 12 млн нафар меҳисобад, ки аз ин шумора пуштунҳо 4,8 млн (40%), тоҷикҳо 3,6 млн (30%), ӯзбекҳо 1,2 млн (10%), ҳазораҳо 1 млн (8,3%) ва дигар ақвомҳо ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, таҳқиқоти Алфред аз он шаҳодат медиҳад, ки на паштунҳо, балки аҳолии

[1]Назаров Ҳ. Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон.С.157.
[2]Дюпре Л. Қавминигарӣ //Афғонистон.–Теҳрон:Бунёди доиратулмаорифи исломӣ, 1367(1997).С.47-63.

даризабон (тоҷикон, ҳазораҳо, аймоқҳо ва амсоли инҳо) шумораи зиёди аҳолии Афғонистонро 53%-ро ташкил медиҳанд»[1].

Шарқшиноси маъруфи рус В.Г.Коргун ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, «кӯчмачиёни ин мамлакатро 3 млн ҳисоб менамояд, ки ба ақидаи ӯ ин арқом то андозае ба ҳақиқат наздик мебошад»[2].

Дар хусуси таркиб, нуфус ва сукунати ақвоми паштун ва ғайрипаштун дар Афғонистон дар байни муҳуққиқони тоҷик ва афғон маълумоти баҳсбарангез мавҷуд мебошанд.

Масалан, дар Энсиклопедияи Советии тоҷик дар мақолаи «Афғонистон» афғонҳо бештар аз 9 млн, тоҷикҳо 4 млн 300 ҳазор[3], дар асари Ш. Зарипов «Кӯчиёни Афғонистон» паштунҳо (афғонҳо) 55% ва тоҷикон 19% нишон дода шудааст[4]. Муаррихи Афғонистон Мирмуҳаммад Сиддиқи Фарҳанг дар китоби худ «Афғонистон дар панҷ қарни охир» нуфуси афғонҳоро 36 дарсад таъйин намудааст[5]. Шарқшиноси ӯзбек М.А.Бобохоҷаев нуфуси тоҷиконро дар асари худ «Очеркҳо дар бораи таърихи нави Афғонистон» 1,5 млн нишон додааст[6]. Дар таҳққиқоти ховаршиноси тоҷик Р.Маҳмадшоев «Тоҷикони Афғонистон дар замони нав» теъдоди тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зиёда аз 2 млн оварда шудааст[7]. Ҳ.Назаров бошад дар китоби худ «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-уми асри XX дар Афғонистон» дар бораи шумораи аҳолии Афғонистон чунин арқомро мутаззакир шудааст, ки дар солҳои 20-уми асри XX дар Афғонистон 7,5–

---

[1]Абдуллаев Р. Современный Афганистан: этнополитическая ситуация. Душанбе, 2006. С.44-45.

[2]Коргун В.Г. К вопросу о роли кочевников в Афганистане новейшего времени //Арабские страны, Турция, Иран, Афганистан. История, экономика. М.:Наука, 1973. С.89.

[3]Саидмуродов Д. Афғонистон //Энсиклопедияи советии тоҷик.Душанбе, 1978.Ҷилди 1.С.310

[4]Зарипов Ш. Кочевники Афганистана (на рубеже XIX-XX вв.) Душанбе:Ирфон,1991.С.41.

[5]Фарҳанг, Мир Муҳаммад Сиддиқ. Афғонистон дар панҷ қарни охир.Теҳрон, 1380/2001. С.89.

[6]Бабаходжаев М.А. К вопросу о национальном составе население Афганистане в конце XIX //Очерки по новой истории Афганистана.Ташкент:Фан, 1966. С.11.

[7]Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время (Очерки истории, хозяйства и материальной культуры).Душанебе:Дониш,2001.С.37.; Ҳамин муаллиф, История этнополитического развития таджиков Хорасана ( Афганистан). Душанбе: Ирфон, 2009.С.63.

8 млн нафар аҳолӣ вуҷуд дошта, аз ин 3,5 млн афғонҳо ва 4,5 млн дигар миллатҳо – тоҷикон ва узбекҳо ташкил медоданд[1]. Арқомҳое, ки Р. Маҳмадшоев ва Ҳ.Назаров дар бораи нуфуси тоҷикон дар Афғонистон овардаанд, албатта тахминианд, аммо ба воқеият наздиктар мебошанд.

Дар остонаи қарни XXI маълумот дар хусуси таносуби этносҳо ва қавмҳои асосии Афғонистон дар адабиёти хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ ҳар гуна арзёбӣ карда мешавад. Барои мисол охирин арзёбиҳои коршиносони рус, ки ба масъалаи афғонистоншиносӣ машғул мебошанд, таносуби паштунҳоро 47–49% нишон доданд, ҳоло он ки бар асари ҷанги дохилӣ бештар аз қавмҳои дигар маҳз паштунҳо муҳоҷир шуда ва ба хориҷ аз кишвар рафтаанд. Коршиносони СММ низ дар ин маврид маълумотҳо пешниҳод намудаанд, ки бар асоси он дар соли 1978 паштунҳо 40%, тоҷикҳо 30%, ӯзбекҳо 8,3%, аймоқҳо 4,2%, балуҷҳо 1,8%, нуристонҳо 0,6%, пашаиҳо 0,5%, дигарон 1,4% аҳолии Афғонистонро ташкил медоданд[2].

Тибқи омори дигар, ки ба қавле Сафорати Амрико ва Англия натиҷаи баҳисобгирии аҳолиро, ки ду сол пеш дар Афғонистон гузаронида буданд, нашр карданд. Мувофиқи он аз 34 млн аҳолии Афғонистон:

1. Тоҷикҳо 45,6%
2. Паштуҳо 26,4%
3. Ҳазораҳо 13,1%
4. Ӯзбакҳо 7,2%
5. Туркманҳо 2,2%
6. Дигар қавмҳо 5%[3].

Дар сомонаҳои интернетӣ низ дар замони муосир дар атрофи теъдоди нуфуси аҳолӣ дар Афғонистон маълумоти гуногун оварда

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане /Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. Душанбе: Дониш, 1989. С.13.
[2]Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ.– Душанбе:Дониш,2018.С.193.
[3]Ҳамон ҷо. С.194.

шудааст. Барои мисол доктор Ҳамид Муфид омори нуфуси Афғонистонро дар 34 вилоят таҳти баррасӣ қарор дода, се қавми бузург тоҷикҳо 39,64%, паштунҳо 34,67%, ҳазораҳо 12,65% ва боқияи ақвом 13,04% муайян намудааст[1].

Нависандаи тоҷик Мирзо Шукурзода дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон чунин ибрози ақида кардааст: «Ин ки мегӯянд, Афғонистон мӯзее аз ақвоми мухталиф аст, иштибоҳи маҳз аст. Зеро дар маҷмӯъ чаҳор ё панҷ қавм дар ин сарзамин ба сар мебаранд, ки аксари онҳо пайванди танготанге бо ҳам доранд…»[2]. Бинобар ин ба ақидаи ин нависанда дар Афғонистон ду қавми муаззам тоҷик ва паштун истиқомат менамоянд, ки ҳудудан ҳаштод дар сади ҷамъияти кишварро дар бар мегиранд.

Сарфи назар аз оне, ки аксари коршиносон ва афғонистоншиносон шумораи қавмҳои ғайрипаштунро хосса тоҷиконро назар ба паштунҳо зиёд нишон медиҳанд, аммо афғонҳо ба ин арзёбӣ ҳеҷ розӣ шуда намехоҳанд. Онҳо худро қавми сернуфус дар ҷомеаи Афғонистон ҳисоб намуда, аз сермиллат будани ин минтақа худдорӣ менамоянд.

Аз ин рӯ, дар миёни роҳбарони сиёсии қавмҳои ғайрипаштун масъалаи таъсиси давлати федеролӣ аз рӯи принсипи этникӣ-ҳудудӣ ва ҳатто бо додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо дар Афғонистон ҳанӯз солҳои 60-уми қарни ХХ матраҳ шуда буданд. Дар солҳои охир, якчанд тарҳҳои сохтори федеративӣ барои Афғонистон низ пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, тарҳи аввал тақсим кардани Афғонистон ба ду ҷумҳурӣ, тарҳи дуюм ба панҷ субъекти федералӣ бо номҳои таърихии онҳо, тарҳҳои дигар ба 9 иёлат ва амсоли инҳо[3]. Ба назари мо агар дар солҳои баъдӣ азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, имтиёзҷӯӣ ва зулму истисмори

[1]Ҳамид М. Доктор Ҳамид Муфид: Анқариб 40 дарсади ҷамъияти Афғонистон тоҷиканд 11.03.2018 с.http://tajikam.com/tajik/index.php?option=com_content&view=article&id=218:----40----&catid=6:2012-02-06-07-19-05&Itemid=5 (санаи муроҷиат: 14.11.2018 .)
[2]Шукурзода М. Размоварони Ҳиндукуш.Душанбе:Адиб, 2009.С.38.
[3]Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ.С.196-199.

табақаи афғон ба муқобили аҳолии ғайриафғон густариш ёбад, шояд амалишавии ин тарҳҳо имконпазир аст.

Аммо ба назари афғонистоншиноси номии тоҷик Шарофиддин Имом маҳз ҳамкорӣ ва ҳамёрии таърихӣ ва стратегии тоҷикон ва паштунҳо – ду қавми пурнуфустарин ва бонуфузтарин зомини субот ва бақои Афғонистон ҳамчун давлати мустақил, нерӯманд ва дорои мақоми шоиста дар низоми навини байналмилалӣ хоҳад буд[1]. Устод Ҳ.Назаров низ дар охири қарни XX ва остонаи XXI ба мисли дигар афғонистоншиносоне, ки масъалаи миллиро дар Афғонистон холисона таҳқиқ намудаанд ва баробарии тамоми ақвомро дар низоми идораи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баён менамоянд, аз он пуштибонӣ намудааст. Аммо Ҳ.Назаров бо таассуф изҳор кардааст, ки баъзе доираҳои қавмпарасти паштунҳо назарияи «аксарияти қавмӣ»–ро асоси сиёсати худ қарор додаанд ва худро бунёдгузори тамаддуни ғановатмандӣ Афғонистон (Хуросони Бузург ва ё Ориёнои Кабир – Д.Қ.) меҳисобанд. Бо чунин андешарониҳои ғалати паштунҳо, албатта боз ҳам дар байни ақвоми ғайриафғон тухми нифоқ дар солҳои баъдӣ кошта хоҳад шуд.

Ҳамин тавр, устод Ҳ.Назаров дар осору худ масъалаи миллиро дар Афғонистон таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, имтиёзҷӯӣ ва зулму истисмори табақаҳои ҳокимаи афғон ба муқобили аҳолии ғайриафғон бо мурури замон ба он оварда расонд, ки худшиносии миллии тоҷикон ва дигар аҳолии ғайрипаштун боло равад. Дар ҳамин замина ақвом ва халқиятҳои истисморшуда иштироки фаъолонаи худро дар ҷунбишҳои оммавии иҷтимоии солҳои 1928-1929 оғоз намуданд.

## 3.2. Ҳақназар Назаров ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ

---

[1]Имом Ш.Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX. – Душанбе, 2013. С.7.

Яке аз масъалаҳои меҳварии эҷодиёти Ҳ.Назаровро арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ ташкил медиҳад.

Нахустин маротиба устод перомуни шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ дар китоби «Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна», ки дар ҳаммуаллифӣ бо Қ.Асадуллоев ва Т.Муҳиддинов навишта шуда буд, маълумот додааст[1]. Аммо аз ҷониби муҳаққиқ мавзӯи мазкур ба таври муфассал мавриди пажӯҳиш қарор нагирифта буд. Аз тарафи дигар, дар таърихнигории тоҷик инъикоси шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, ки душманонаш ӯро таҳқиромез Бачаи Сақо ном мебурданд, аввалин иқдом аз ҷониби Ҳ.Назаров ба ҳисоб мерафт. Бояд зикр намуд, ки дар навиштаҳои Ҳ.Назаров, махсусан дар солҳои Шӯравӣ аз Ҳабибуллои Калаконӣ, ҳамчун Бачаи Сақо ёд шудааст.

Соли 1978 таҳти унвони «Бачаи Саққо» дар Энсиклопедияи советии тоҷик мақолаи Ҳ.Назаров иншо гардид[2]. Дар ин мақола устод ба таври мухтасар дар хусуси қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ маълумот додааст.

Умуман, шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, машҳур ба Бачаи Сақо яке аз масъалаҳои баҳсноктарини таърихи навини Афғонистон маҳсуб меёбад. Таърихнигории расмии Афғонистон ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин шӯриш ҳамчун шӯриши иртиҷоӣ баҳо медоданд, ки гӯё тамоми ислоҳоти замони Амонуллохонро барҳам зада, худи ӯ ва ҳокимияташро аз байн бурда ва кишварро ба беназмию бесуботӣ гирифтор намудааст. Дар он ҳангом ба ин консепсияи нодурусти илмии ҳоким, ки ҷомеаи худкомаю қабиласолори Афғонистон ва Иттиҳоди Шӯравиро фаро гирифта буд, муқобил баромадан хатари ҷиддие ба ҷони афғонистоншиносон маҳсуб мешуд.

[1]Асадуллоев Қ.Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов.С.211-221.

[2]Назаров Ҳ. Бачаи Саққо //Энсиклопедияи советии тоҷик.Душанбе,1978.Ҷилди 1.С.389-390.

Ҳарчанд дар таърихнигории расмии Шӯравӣ консепсияи нисбатан дурусти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ дар мақолаҳо ва навиштаҳои охири солҳои 20–ум ва ибтидои солҳои 30–ум пешниҳод гардида буд. Махсусан, афғонистоншиносони намоёни шӯравӣ И.М.Рейснер, П.Алексеенков, К.Н.Соколов –Страхов шӯришро натиҷаи истимори сахти иқтисодию иҷтимоии оммаи заҳматкаш номида буданд. Зулму истисмор ба ақидаи онҳо дар замони Амонуллохон назар ба пештара бештар шиддат касб намуда буд. Ин олимони барҷастаи шӯравӣ шӯришро ҷунбиши инқилобии деҳқонон тоҷик ва оммаи заҳматкаши қабоили паштун ҳисоб менамуданд. Устод Ҳақназар Назаров низ дар баррасӣ ва арзёбии ин шӯриш ба осори ин муҳаққиқон ва хулосаҳои мантиқии худ такя менамуд.

Аммо ба зӯдӣ ин консепсияи дурусти афғонистоншиносони намоёни шӯравӣ И.М.Рейснер, П.Алексеенков, К.Н.Соколов – Страхов дар доираҳои илмӣ тағйир кард ва ақидаи яктарафа ва манфӣ дар барои шӯриши Ҳабибуллои Калаконӣ дар таърихнигорӣ ҳоким гардид.

Соли 1981 мақолаи профессор дар хусуси ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX зери унвони «Шӯришҳои солҳои 1920–ум дар Афғонистон (аз рӯи арзёбии таърихнигори афғон М.Ғубор дар китоби ӯ «Афғонистон дар масири таърих») аз чоп баромад[1]. Устод дар такя ба ин асари арзишманд ва хулосаҳои мантиқии худ сабабҳои ба миён омадани қиёмҳои мардумиро дар ин солҳо муайян намудааст.

Дар солҳои баъди низ профессор ба таҳқиқи ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX дар Афғонистон машғул гардида, монографияи арзишманди худро таҳти унвони «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми

[1]Назаров Х. Восстание 1920-х годов в Афганистане (по оценке афганского историка М. Губара в его книге «Афганистан на пути исторического развития») //Иран и Афганистан: Науч. тр. по истории Ирана и Афганистана/Тадж. гос.ун-т. им. В.И. Ленина. ист. фак.– Душанбе, 1981.– С.55-70.

қарни XX дар Афғонистон»–ро, ба табъ расонд[1]. Монографияи устод ба воқеаҳои пурпечутоб ва мураккаби солҳои 20–уми Афғонистон, шӯриши деҳқонони манотиқи мухталифи он бахшида шудааст.

Бо нашри монографияи худ профессор Ҳ.Назаров дар афғонистоншиносии шӯравӣ ва тоҷик кори хайре анҷом дода, шахсияти роҳбари шӯриш Ҳабибуллои Калаконӣ ва номи ӯро абадан сафед намуд. Ҳарчанд дар он ҳангом новобаста аз консепсияи илман дурусти пешниҳод намудаи устод, перомуни ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX консепсияҳои нодурусти илмӣ аз ҷониби бархе аз афғонистоншиносони шӯравӣ, афғон ва ғарбӣ пешниҳод мегардид. Ин тамоюл то имрӯз аз ҷониби бархе аз афғонистоншиносон садо медиҳанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои зиёди таърихӣ ва таҳқиқоти олимони мухталиф устод ба хулосае омадааст, ки ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–ум махсусан шӯриши деҳқонони тоҷикро бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ натиҷаи рушди ноҳамвори ҷамъияти афғонӣ буд, ки вазъи зиндагии оммаи васеи аҳолиро бисёр тоқатфарсо намуд.

Ислоҳоти Амонуллохон, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании Афғонистонро фаро гирифта буданд аз ҳадди имконияту тавоногии мамлакат таҷовуз мекарданд ва қувваҳои моддӣ ва маънавии дохилӣ тобу бардошти онҳоро надоштанд. Зиёд шудани андозҳо ва хонахаробшавии деҳқонон сар задани шӯру ошӯб ва ҷунбишҳои деҳқонӣ тамоман табиӣ ва ҳаққонӣ буда метавонист. Маҳз барои ҳамин ҳам дар ҷунбишу ҳаракатҳои солҳои 20–ум оммаи васеи деҳқонон ҳамроҳ ва шарик буданд ва бедарак набуд, ки намояндаи табақаи поёни ҷамъияти Афғонистон Ҳабибуллои Калаконӣ роҳбар ва роҳнамои шӯриши калонтарин буд.

Баҳори соли 1924 дар натиҷаи амалиёти фаъолонаи ҷосусони англис дар Хуст шӯриши калони қабилаҳои мангал, ҷидрон, аҳмадзай ва

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане /Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. Душанбе: Дониш, 1989.265 с.

ғайра ба амал омад. Чуноне ки аз барномаҳои шӯришгарон маълум ва равшан мегардад, дар баробари талаби кам кардани андозу хироҷҳо, барқарор кардани озодиии савдо бо Ҳиндустон, баста шудани мактабҳои занона ва бекор карда шудани ислоҳоти мухолифи шариати дини Ислом ба миён гузошта шуда буд[1].

Баъд аз пахш карда шудани шӯриши Хуст низ қиёмҳои мардумӣ дар қисматҳои дигари Афғонистон густариши бесобиқае касб карда буданд. Ҳар гуна даъватномаҳо дар деворҳои биноҳо пайдо шуданд, ки ба муқобили ҳукумат равона гардида буданд. Дар ин хусус, олими Шӯравӣ И.М.Рейснер дар асараш аз суханони шӯришгарон дар ин солҳо чунин иқтибос менамояд: «Амир ваъда дода буд, ки андозҳоро кам карда, хазинаро сарфакорона истифода бурда, шариатро муҳофизат намояд. Аммо ҳоло акси ҳол амал мекунад. Андозҳо ду баробар афзуданд, фарзандонамон ба хориҷа рафта аз он ҷо бедин шуда меоянд. Амир ба шариат хиёнат кард…»[2]

Дар солҳои 1925–1928 дар байни ғилҷоиҳо ва дуррониёни ноҳияҳои ҷанубӣ ба монанди Қандаҳор, Пушруд, Заминдовар ва тоҷикҳои Кӯҳдоман, Шуғнон, Мунҷон ва Бадахшон, ҳазораҳо ва нӯристониҳо ошӯбҳои халқӣ ба амал омаданд. Ба ҳамин монанд дар вилояти Ҷалолобод дар байни қабилаҳои шинворӣ, маҳманд ва хуҷиёнҳо қиёмҳои мардумӣ ба миён омаданд.

Дар натиҷаи гуфтушуниди вазири корҳои хориҷии ҳукумати Амонулло, Ғулом Сидиқхон бо намояндагони шӯришчиён як қисми қабилаҳои маҳманд аз давом додани шӯриш даст кашиданд, аммо қисми ҷанговартари онҳо шӯришро давом медоданд. Ҳайати шӯришчиён аз деҳқонони гирду атроф ба ҳаври стихиявӣ зиёд мешуд. Мувофиқи маълумоти рӯзномаҳои англисӣ шумораи шӯришчиён моҳи ноябри соли 1928 35000 нафарро ташкил медоданд[3].

---

[1]Новый Восток. №8-9, 1925. С.60
[2]Рейснер И.М. Независимый Афганистан. М., 1929. С.61.
[3]Бюллетень прессы Среднего Востока при Средазбюро ЦК ВКП (б), Ташкент, 1928, №7. С.70.

Шиддати шӯришҳои халқӣ васеъ шуда, торафт дигар вилоятҳои Афғонистонро фаро мегирифтанд. Шӯриши кӯҳистониёни тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ яке аз калонтарин шӯришҳое буд, ки ба ҳаёти сиёсии охири солҳои 20–уми Афғонистон таъсири калон расонидааст.

Таҳлил ба баррасии осори Ҳ.Назаров аз он шаҳодат медиҳад, ки қабилаҳои ғайриафғон аз замони таъсиси давлати Дуррониён асрҳо боз дар ҳолати беҳуқуқӣ ва зулму ситами миллии ҳам феодалони маҳаллӣ ва ҳам маъмурияти афғон қарор гирифта буданд. Н.И.Вавилов ва Д,Д.Букинич низ чунин ақида доштанд, ки «ҷиҳати асосӣ дар муборизаҳои миллӣ дар Афғонистон, ки даҳсолаҳо амал мекард, ин зиддияти байни истеҳсолкунандагон – ноҳияҳои ғайриафғон ва истеъмолкунандагон–ноҳияҳои афғонӣ буд»[1].

Дар замони амир Амонуллохон сиёсати андоз нисбати қабилаҳои ғайриафғон бениҳот вазнин буд. Дар ин бора дар маҷаллаи «Ситораи Шарқ» чунин ақида ҷой дода шудааст: «Сиёсати андозгирӣ низ дар асоси нобаробарӣ ба роҳ монда шуда буд. Фақат дар давраи Амонуллохон андози қабилаҳои тоҷики Кӯҳдоман, ҳазораҷот, ӯзбекҳо 4 маротиба афзуд»[2].

Перомуни шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ дар адабиёт ва сарчашмаҳои шарқию ғарбӣ маълумоти гуногун ироа гардидаст ва ин раванд имрӯз низ давом дорад.

Ҳабибуллои Калаконӣ ба ғорат намудани хонаҳои ҳокимон ва корвонҳои савдоӣ машғул будааст, аммо бешубҳа вай ба аҳли меҳнаткаш ҳамдард ва ҳаммаслак буд ва ба таври моҳирона роҳбарии ҳаракати кӯҳистониёнро ба дасти худ гирифт. Тирамоҳи соли 1927 дастаи ӯ, ҳамагӣ 7–10 нафарро дар бар мегирфт. Тобистони соли 1928 дастаи ӯ ба 200 нафар расид[3]. Мувофиқи маълумоти дигар дастаҳои Саид Ҳусейн ва

[1]Вавилов Н.И., Букинич Д.Д. Земледельческий Афганистан. Л.,1929. С.203.
[2] Звезда Востока.1976. №1.С.180.
[3] Наступление английского империализма на Афганистан и Персию. Изд-во Бюро Прессы Среднего Востока при СредАзбюро ЦКВКП(б), Ташкент.,1929.С.80.

Ҳабибуллои Калаконӣ ҳамроҳ дар моҳи ноябри соли 1928 шумораашон ба 600 нафар мерасид[1].

Афғонистоншиноси шӯравӣ К.И.Соколов– Страхов иброз медорад: «Шӯриши афғонҳо натиҷаи буҳрони иқтисодии дохилӣ дар мамлакат маҳсуб меёфт, ки дар асоси он махсусан ҷунбиши миллии тоҷикон авҷи тоза гирифт. Нақшаи доираҳои муайяни англис дар он ифода меёбад, ки онҳо нифоқ ва мухолифатҳои дохилиро дар Афғонистон истифода намуда, аз рӯи қоидаи «тақсим куну ҳокимият намо» амал менамуданд»[2].

Дар таҳқиқоти И.М.Рейснер, В.М.Примаков, П.Алексеенков таъкид мешавад, ки вижагии шӯриши деҳқонон дар солҳои 1928–1929 натиҷаи зулми феодалӣ–помешикӣ, худсарӣ ва фасоди маъмурияти афғон ба ҳисоб меравад. И.М.Рейснер махсусан иброз медорад, ки дар кадом дараҷае империализми англис робита дар тарҳ ва коркарди стратегӣ надошта бошад, лекин дар як вақт қиёмҳо ҳам дар шарқ ва ҳам дар марказ бешак муттаҳидии қабилаҳои гӯшаю канори ҷунбиш бо ҷунбиши деҳқонон дар марказ таърихан ногузир гардид. Муттаҳидии ин ду қувва, ки дар сафҳои аввал якҷоя баромад менамуданд, пояҳои ҳукумати марказиро заиф гардонданд[3].

Афғонистоншиноси номии дигари шӯравӣ П.Алексеенков иброз медорад, ки «Ҷунбиши деҳқонон ба муқобили давлати помешикӣ, низоми молиётии ғоратгарона нигаронида шуда буд, ки бахши истисмори феодалӣ ҷунбишҳои инқилобӣ ҳисоб меёфтанд. Суқути ҳокимияти помешикии шоҳ санади инқилобиии баромадҳои деҳқонони тоҷик ва оммаи қабилаҳои афғон маҳсуб меёфт»[4].

П.Алексеенков дар асари худ муносибатҳои арзӣ, низоми андозгирӣ, аҳволи оммаи деҳқонон, махсусан қабилаҳои ғайриафғонро ҳаматарафа омӯхта ба хулосае омадааст, ки «шӯриши деҳқонии соли 1929 бо роҳбарии Бачаи Сақо (Ҳабибуллои Калаконӣ–Д.Қ.) ҳаракати

---

[1]Новый Восток, 1929, №25. С.31.
[2]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане С.10.
[3]Ҳамон ҷо. С.12.
[4]Ҳамон ҷо.С.13.

инқилобии деҳқонони тоҷик ва ӯзбек бар зиддӣ истисмори феодалӣ ва зулми миллӣ буд. Аммо роҳбарияти шӯриш ба дасти ашрофон ва феодалон гузашт, ки ин ҳаракатро ба манфиати худ истифода намуданд»[1].

Овардани иқтибосҳо аз олимони рус ба он хотир аст, ки Ҳ.Назаров дар таҳлилҳои худ ба ақидаҳои пешгузаштагони худ такя кардааст ва то ҷое ҳақ шуморидан ва ё ногузир будани шӯриши Ҳабибуллои Калаконӣ аз тарафи устод диди миллатгароии ӯ нест.Умуман, Ҳ.Назаров ба мисли И.М.Рейснер, П.Алексеенков ва К.И.Соколов– Страхов таъкид намудааст, ки шӯришҳои солҳои 1928–1929 ҳақиқатан шӯришҳои инқилобӣ ҳисоб меёфт, ки ба муқобили давлати мутлақи феодалии низоми молиётиаш ғоратгарона нигаронида шуда буд.

Ҳ.Назаров бо ишора ба И.Рейснер ва П.Алексеенков ба чунин хулоса омадааст, ки ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ дар ҳалли масъалаҳои арзӣ барномаи мушаххас надошт. Ҳамчунин аз муҳокимарониҳои устод бо истинод ба осори муаррихони Шӯравӣ маълум мегардад, ки ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ дар ҳалли масоили арзӣ ба деҳқонон хайрхоҳ буд, ки ин иқдоми Ҳабибуллои Калаконӣ барои имперaлистони англис ва табақаи помешикии афғон хушоянд набуд, зеро чунин тадбирҳо дар оянда ба густариш ва таҳрики ҷунбишҳои инқилобии деҳқонон ба муқобили феодалони афғон замина мегузошт. Аз ҷониби дигар маҳз ҷунбиши деҳқонон бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ метавонист нуқтаи нави болоравии ҷунбишҳои аграрӣ–деҳқонӣ дар худи Ҳинд гарданд. Маҳз ин ҳолат империализми англисро водор сохт, ки бо гурӯҳи феодалӣ–клерикалии М.Нодирхон бо мақсади сарнагун намудани ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ муттаҳид гарданд.

Чуноне дар боло ишора намудем бо таассуф консепсияи дурусти илмии И.М.Рейснер ва П.Алексеенков доир ба масъалаи миллӣ аз ҷониби муаллифони дигари Шӯравӣ ҷонибдорӣ наёфт. Яке аз охирон

[1]Алексеенков П.Аграрный вопрос в Афганском Туркестане. М.:МАИ, 1933. С.103

кори таҳқиқотии олимони Шӯравӣ, ки масъалаи таърихи сиёсии Афғонистон аз ҷумла масъалаи миллиро дар бар мегирад, монографияи В.Г.Коргун «Афғонистон дар солҳои 20–30–уми қарни XX:Саҳифаҳои таърихи сиёсӣ»[1] мебошад. Дар монографияи мазкур ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–ум инъикоси худро ёфтаанд.

«Таҳқиқоти мазкур саҳми муҳимро дар омӯзиши таърихи сиёсии Афғонистони давраи баррасишаванда ишғол менамояд. Муаллиф ба фаъолияти ислоҳотхоҳии Амонуллохон баҳои баланд додааст ва сабабҳои буҳрони сиёсии ҳукумати ҷавонафғонҳоро ошкор сохтааст. Аммо В.Г.Коргун дар баробари ин мавқеи дигарро назар ба И.М.Рейснер ва П.Алексеенков ишғол намуда, дар масъалаи арзёбии ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–ум, махсусан, самтҳои зиддиислоҳотии шӯришҳои солҳои 20–умро таъкид намуда, мавқеи синфии нерӯҳҳои мухолифини чапгарои деҳқонон ва ростгарои клерикалӣ–феодалиро ифшо насохтааст, ки ба муқобили ҳукумати Амонуллохон дар муддати ҳамаи давраи идоракунии ӯ давом доштанд. Ба таври қатъӣ фарқият гузоштан байни шӯришҳои оммавии зиддифеодалии солҳои 20–ум ва шӯришҳои солҳои 30–ум, ки муаллиф онҳоро ба қатори ҷунбишҳои мардумӣ ва зиддифеодалӣ мансуб медонад, ҳеҷ тафовуте дида намешавад»[2] менависад, Ҳ.Назаров.

Дар таърихнигории Афғонистон ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–ум дар осори Муҳиддини Анис, Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор, Файз Муҳамммади Котиб ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ин ҷо лозим медонем, то ҷиҳати муқоисаи натиҷагириҳои илмии Ҳ.Назаров дар ин мавзӯъ аз андеша ва хулосаҳои илмии муаррихони барҷастаи Афғонистон ёдовар шавем. Устод онҳоро муфассал таҳлил намудааст.

---

[1]Коргун В.Г. Афганистан в 20-30– е годы XX века: страницы политической истории. М.: Наука, 1979. 158 с.

[2] Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане С.14.

Ба қавли Ҳақназар Назаров М.Анис шоҳиди воқеаҳои солҳои 1928–1929 дар асари худ «Буҳрон ва наҷот» ҳодисаҳои ин солҳоро холисона мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавсуф ҳодисаҳои солҳои 1928–1929–ро, ба унвони «инқилоби саҳеҳ» ва «инқилоби ноқис» мансуб медонад. Тавре ӯ баён менамояд, «инқилоби саҳеҳ» аз рӯи барнома ва тарҳи мушаххас шакл мегирад ва исёну бесарусомониро аз қафои худ намеорад. Зеро мақсади инқилоб на танҳо аз байн бурдани сохтори мавҷуда мебошад. Инқилоб пеш аз оне ки сохтори мавҷударо аз байн барад, бояд пеш аз он ба ҷомеаи такмилёфта асос гузорад. Ба ақидаи ӯ, инқилоби афғонӣ танҳо ба амалӣ гардонидани ду ва зиёда аз нақшаҳо замина гузошт. Ба андозае дар сукути ҳукумат ҳамаи мардум муттаҳид буданд, аммо боз ҳам тақозо карда мешуд, ки дар бунёду такмилёбии оянда ва аз бесарусомониҳо мамлакатро наҷот додан, омода бошем. Бинобар ин муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки инқилоби ноқис дар Афғонистон танҳо ба бенизомӣ дар мамлакат шароит фароҳам овард. Шӯришгарон барномаи беҳсозии аҳолии мамлакатро натавонистанд, пешниҳод намоянд. Ин ҳолат ба он овард, ки М.Анис шӯришҳои солҳои 1928–1929 зуҳуроти манфӣ дар таърихи Афғонистон шомил месозад[1].

«Маҳз дар чунин ҳолат, иброз медорад М.Анис, вақте ки мардум дарк намуд, ки ҳукумат аз ниёзҳо ва талабномаҳои онҳо бисёр дур аст ва эҳсос карданд, ки ҳукумат амалҳои худро боз ҳам давом доданист, албатта мардум ҳуқуқи ба муқобили ҳукумат қиём бардоштанро доштанд»[2].

Ҳ.Назаров менависад, ки М.Анис дар асари «Буҳрон ва наҷот»–и худ сабабҳои қиёмҳои мардумии солҳои 1928–1929–ро ба табиӣ ва ғайритабиӣ тақсим намудааст. Ба ақидаи муаллиф бекории оммаи мардум, мухолифатҳои байни миллатҳо ва байни қавмҳо ва давраи

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане С.18-19.
[2]Ҳамон ҷо.С.21.

гузариш ба чунин бухрон оварда расонд. М.Анис менависад, ки «бекорӣ ба инқилоб ва изтироби дохилӣ оварда мерасонад»[1].

Муаллифи «Бухрон ва наҷот» М.Анис қайд мекунад, Бачаи Сақо дар ин давра ҳамчун роҳзане, ки аз ҳеҷ чиз биму тарс надошт, машҳур мегардад. Баъзе хонҳою маликҳо бо вай наздик шуда, ба маблағҳои калон ӯро барои нест кардани душманони худ истифода мебурданд. Малик Муҳсин, ки сардори қабилаҳои Кӯҳдоман буд, яке аз душманони худро, ки малик Муҳаммад ном дошт бо маърифати Бачаи Сақо ба қатл расонид[2].

Ба хулосаи Ҳ.Назаров новобаста аз оне ки М.Анис назар ба дигар муаллифони афғон қиёмҳои мардумии солҳои 20–умро дуруст арзёбӣ намудааст, бояд иқрор шуд, ки асари ӯ «Бухрон ва наҷот» бо супориши гурӯҳи феодалӣ–клерикалии М.Нодирхон навишта шуда буд. Маҳз ҳамин гурӯҳ ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро ҳангоми ба сари қудрат омадан аз байн бурданд ва расман худро «наҷотдиҳандаи Афғонистон» аз «исёнҳо, бесарусомониҳо ва бенизомиҳои амалиётии шӯришгарон» эълон намуданд. Барои ҳамин дар таърихнигории афғон баромадҳои оммаи мардум манфӣ аз ҷониби ҳамин гурӯҳи феодалӣ арзёбӣ карда шудааст[3].

Устод асари таърихнигори дигари афғон Бурҳониддини Кушкакӣ «Нодири афғон»–ро таҳлил намуда, навиштааст, ки ӯ М.Нодирхонро ситоиш намуда, ӯро қаҳрамони ҳамин давраи баррасигардида эълон намудааст. Ба андешаи Кушкакӣ дар марҳилаи аввал М.Нодирхон аз тарафи хукумати Бачаи Сақо ба шикаст дучор гардид, чунки ӯро миллати афғон ҷонибдорӣ накард, зеро фикр мекарданд, ки М.Нодирхон барои барқарорсозии ҳукумати Амонуллохон, ки ҳамаи манофеи табақаҳои ҷомеаи афғонро инкор намуда буд, мубориза мебарад. Аммо ҳангоме ки онҳо дарк намуданд, ки М.Нодирхон дигар ҳадафҳои шахсӣ ба ғайр аз ҳифзи номус ва манфиатҳои миллати афғон надорад, дар

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане С.18-19.
[2]Анис М. Бухрон ва наҷот. Кобул, 1932.С.79.
[3]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.22

атрофи ӯ тамоми нерӯҳои миллӣ–ватандӯст муттаҳид шуданд ва мамлакатро аз балво ва хиёнат бо сарварии Бачаи Сақо наҷот доданд[1].

Ҳ.Назаров бовар дорад, ки асари Б.Кушкакӣ «Нодири афғон» дар муқоиса ба М.Анис «Буҳрон ва наҷот» дар хусуси шӯришҳои солҳои 20–ум маълумоти тозаи илмӣ надодааст. Ба ғайр аз ин аксари саҳифаҳои он, ки воқеаҳои солҳои 20–умро дар бар мегирад, аз китоби М.Анис иқтибос гирифта шудаанд. Ҳақназар Назаров ҳар ду асарро ба қатори асарҳои панегирикӣ (маддоҳона) нисбати М.Нодирхон мансуб донистааст.

Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ баъд аз ба сари қудрат омадани Бачаи Сақо инъикоси худро дар асари муаррих ва солноманависии машҳури афғон Файз Муҳаммад «Тазаккур ал–инқилоб» ёфтааст. Ҳарчанд муаллифи асари мазкур берун аз корҳои давлатӣ қарор дошт ва барои ифшои воқеаҳои мазкур асосан ба маълумот ва овозаҳое, ки ба муқобили ҳукумат тарғибу ташфиқ карда мешуданд, такя менамуд. Ба назари Ҳақназар Назаров мавсуф фаъолияти ҳукумати шӯришгаронро бо сарварии Бачаи Сақо якҷониба ва бо як обуранги ғамгинона тасвир намудааст. Ҷойгоҳи муайянро дар хотираҳои Файз Муҳаммад муборизаи ҳазораҳо ба муқобили шӯришгарони тоҷики Кӯҳистон ва Кӯҳдоман ишғол менамуд ва таассуроте бунёд гардида буд, ки натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳамон вақт бешак дар ҷабҳаи ғарбӣ бо ташаббусу иштироки фаъоли ҳазораҳо ҳал мешуд. Ба андешаи Ҳақназар Назаров «мушкил аст, ки бо чунин муҳокимаронииҳо розӣ шуд, зеро ҳукумати шӯришгарон бе ҳеҷ ваҷҳ дар муносибат ба ҳазораҳо рафтори золимона роҳандозӣ накарда буд, баръакс кӯшиш менамуд, ки ба онҳо забон ёбад ва эътирофи ҳокимонаи худро танҳо амалӣ гардонад»[2].

Устод Ҳақназар Назаров дар арзёбии шӯриши Ҳабибуллои Калаконӣ аз тарафи Файз Муҳаммад ба чанд нуктаи ҷолиб таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ менависад, ки Файз Муҳаммад дар сарօғози ёддоштҳои худ

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане..С.23.
[2]Ҳамон ҷо.С.23-24.

дар хусуси сабабҳои изтироби дохилӣ бозистода, таъкид менамояд, ки дар натиҷаи доимо зиёд намудани андозу молиёт, пурзӯршавии зулму ситами маъмурияти Амонуллохон, қиёмҳои васеи оммавии мардумӣ ба миён омаданд. Аммо дар баробари ин Файз Муҳаммад, Ҳабибуллои Калаконӣ ва ёронашро дузд ва ҷинояткор, гурусначашмон ва деҳқонони ҷандапӯш ва асли баромаданашонро аз табақаи иҷтимоии паст эълон намудааст. Аз ин ҷост, ки ба қавли устод Ҳақназар Назаров метавон хулоса кард, ки Ҳабибуллои Калаконӣ ва ҷонибдоронаш барои беҳсозии вазъи иҷтимоӣ қиём намуданд.

Аз таҳлилҳои устод бармеояд, ки Файз Муҳаммад дар ёддоштҳои худ ба фаъолияти табақаи аристократии афғон баҳои баланд дода, ҷунбиши онҳоро миллӣ–озодихоҳӣ номида, аммо ҳукумати шӯришгаронро дар ғасби молиёти хазина ва таъқибот ба муқобили беш аз 200 нафар оилаҳои номдор гунаҳкор мешуморад.

Устод аз таҳлили мӯшикофонаи ин асар ба хулоса омадааст, ки Файз Муҳаммад маълумоти аниқ ва пурра дар хусуси ҳодисаҳои даврai ҷанги шаҳрвандӣ надодааст ва аз нигоҳи арзиши таърихӣ асари ӯ аз таҳқиқоти М. Анис «Буҳрон ва наҷот» бисёр қафо мондааст. Файз Муҳаммад ба ҳайати комиссияи давлатӣ барои барқарорсозии сулҳ байни ҳазораҳо ва ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ шомил гардида буд, ки ягон иқдом роҳандозӣ накарда буд. Мавсуф барои оне ки ҳазораҳо ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро эътироф накунанд ва ба муқобили ӯ қиём намоянд, даъватҳо менамуд. Ҳарчанд қабилаи ҳазораҳо ва пешвоёни онҳо хоҳиши эътирофи ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро доштанд, аммо Файз Муҳаммад норозигии худро нисбати чунин қарор баён намуда, таъкид менамуд, ки то он даме ки мубoризаи байни тоҷикон ва афғонҳо бораи қудрати сиёсӣ давом меёбад ва то вақте ки тамоми афғонҳо ҳукумати Бачаи Сақоро эътироф намекунанд, ҳазораҳо низ ба ӯ тобеъ нашаванд.

Дар хотимаи ин дастхат Файз Муҳаммад як қатор маълумоти оморӣ оварда, таъкид менамояд: «Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1928–1929

барои халқи афғон пайомадҳои ногувор овард. Мувофиқи арзёбии ин таърихнигор дар давраи ҳукмронии 7 моҳаи Ҳабибуллои Калаконӣ барои ҳар як сарбоз 140 рупия пардохт карда мешуд, аммо зарари ба аҳолии Кобул деҳот ва қалъаҳои ба он ҳамшафат расонида, 12 млн рупияро ташкил медод. Дар ин солҳо дар мамлакат 150 ҳазор инсонҳо ҷони худро аз даст додаанд[1].

Таърихи даҳсолаи марҳилаи аввали истиқлолияти Афғонистон ҷамъбасти худро дар боби охири асари нодири муаррихи маъруфи афғон М.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих», ки соли 1967 дар Кобул интишор гардидааст, ёфтааст. Муаллиф ба фаъолияти сиёсии Амонуллохон дар давраи ба даст овардани истиқлолият ва гузаронидани ислоҳоти дохилӣ баҳои баланд дода, дар баробари ин таъкид менамояд, ки бе ҷонибдорӣ ва иштироки фаъоли оммаи мардум ҳукумати Амонуллохон дар амалӣ гардонидани ҳамаи ислоҳотҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ, ки дар солҳои 20–ум гузаронида шуда буданд, комёб намешуд.

Ҳ.Назаров – асари М.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих»–ро таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки тибқи арзёбии Ғубор дар марҳилаи аввал ҳукумати Амонуллохон доимо аз иштироки оммаи мардум бевосита бархурдор буд ва мисолҳои зиёде шаҳодат медиданд, ки деҳқонон, ҳунармандон, тоҷирон дар ноҳияҳои гуногуни мамлакат аз моликияти ихтиёронаи худ мактабҳо, роҳҳо ва амсоли инҳо бунёд месохтанд.

Мубоҳисаҳо ва тасдиқоти муаллифони буржуазӣ ва дигар таҳқиқотчиёнро, ки сабаби нокомии ислоҳоти гузаронидашударо, махсусан дар марҳилаи дуюм, аз рӯи ақибмонӣ ва оҷизии оммаи мардуми Афғонистон ва дасисаю иртиҷои дохилӣ ва берунӣ медиданд, М.Ғубор тасдиқ менамояд, ки таърихи Афғонистон чунин мисолро ёд надорад, ки замоне мардуми кишварамон ба муқобили паҳн намудани маданият ва тамаддун қиём намоянд[2].

---

[1]Файз Мухаммад Книга упоминаний о мятеже.М.:Наука,1988. С.28-29.
[2]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.25.

Аз мутолиаи асари М.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» Ҳ.Назаров ба натиҷа расидааст, ки муаллиф сабабҳои ба муқобили ҳукумати Амонуллохон шӯриш бардоштанро, бисёр медонад. Аз ҷумла, сабабҳои қиёмҳои норозиёнаи оммаи мардумро ӯ дар он медид, ки дар марҳилаи аввал ҳукумати Амонуллохон бо ташаббуси оммаи мардум ба комёбиҳои беназир дар фаъолияти худ ноил гардида, дар натиҷа ба гузаронидани як қатор ислоҳоти дохилӣ гомҳои устувор гузошт, аммо сар аз соли 1928 диққате ба қашоқии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мардум намедод, балки баръакс андози замин боло бурда шуд ва аҳолӣ ӯҳдадор гардиданд ба миқдори 5 афғонӣ барои хариди 50 ҳазор камон ва дигар таҷҳизоти ҳарбӣ маблағ пардохт намоянд[1].

М.Ғубор сабабҳои асосии шӯришро дар истисмори сахти иҷтимоӣ, худсарӣ ва бедодгарии ҳукумат медид ва андешаи он муҳаққиқоне, ки саъй менамуданд, шӯришҳоро ба иртиҷоъ ва дасисаҳои дохилӣ ва беруна робитаи онро пайванданд, муқобили онҳо баромад менамуд. Ба ақидаи ӯ ин қувваи иртиҷои дохилӣ ва берунӣ қаблан низ мавҷуд ва фаъол буданд, аммо новобаста аз ин дар гузаронидани ислоҳоти ҳукумати Амонуллохон монеа намешуданд, зеро вай аз ҷониби мардум ҷонибдорӣ меёфт.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Ҳ.Назаров М.Ғубор сабабҳои суқути ҳукумати Амонуллохонро дар он медид, ки вай аз мардум дур шуда, аз ҷонибдории он маҳрум монд. Дар чунин ҳолат мантиқан сухан рондан мумкин аст, ки ҳукумате, ки мардуми заҳматкашро истисмор менамояд, вазъи ногувори иқтисодии ӯро ба ташвиш намеорад, дар хусуси шароити зиндагии арзандаи ӯ тадбирҳо намеандешад, ҳатман аз ҷонибдории оммаи мардум бенасиб мемонад ва ҳақиқатан оммаи мардум дуруст амал менамояд, ки ба муқобили он қиём намояд. Ҳ.Назаров бо таассуф таъкид менамояд, ки М.Ғубор ба хулосаи аниқ намеояд, балки бар хилофи консепсияи аввалаи дурусти худ ба зудӣ мавқеи салибиро дар арзёбии шӯришҳо ишғол намуда, мавҷудияти ягон қувваи ноаёну номаълумро

[1]Ғубор М. Афғонистон дар масири таърих. Кобул, 1967. С.812

дар фитнаангезӣ, ҷонибдорӣ ва самти амалиёти қиёмкунандагонро роҳбарӣ намудан, таъкид менамояд. Ҳ.Назаров иброз намудаст, ки номуттасилии ақидаҳои М.Ғуборро метавон дар он ифода намуд, ки дар таърихнигории афғон дар ниҳоят шӯришҳои солҳои 20–ум ҳамчун баромадҳои иртиҷоӣ арзёбӣ гардида буданд, ки ҳатто «фоҷиаи таърихи Афғонистон» ёд мешуданд. Аз ин ҷост, ки ба М.Ғубор мушкил буд, ки тафсири аниқи ин шӯришҳоро пешниҳод намояд. Ҷолиб ба назар мерасад, ки шӯришҳое, ки дар арафаи қарни XX дар таърихи Афғонистон ҷой доштанд, дар таҳқиқоти М.Ғубор арзёбии дурусти худро ёфтаанд.

Аз тарафи дигар, ба ақидаи устод дар шароити фишору таъқиботи сиёсӣ М.Ғубор наметавонист пайравии худро дар инъикоси масоили умда, ки бевосита ба барқароршавии диктатураи М.Нодирхон алоқаманд буд, баён намояд. Дар фарқ аз дигар муҳаққиқони афғон, ки М.Нодирхонро пешвои миллати афғон ва наҷотдиҳандаи Афғонистон ситоиш менамуданд, М.Ғубор хоксорона ва ботаҳаммул дар бораи ӯ сухан рондааст.

Ба назари Ҳ.Назаров ифшои ҳақиқии симо ва нақши М.Нодирхон дар таърихи сиёсии Афғонистон танҳо баъд аз ғалабаи инкилоби Савр дар Афғонистон оғоз гардид. Ҳукмронии сулолаи Нодирҳо дар таърихи Афғонистон дар доираҳои демократии мамлакат «истибдоди кабир» ном гирифта, шахсияти ҳақиқии М.Нодирхон илҳомбахши гурӯҳи феодалӣ–клерикалӣ, ки робита бо имперализми англис дошт, ошкор гардид.

Ҳ.Назаров таъкид кардааст, ки нақши муҳимро дар инъикоси воқеаҳои солҳои 20–ум махсусан осори таҳқиқоти С.Юсуфзай «Таърих сукут мешиканад» мебозад, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Анис» дар моҳи октябри соли 1978 ба табъ расид. Муаллифи мазкур ба маъхазҳо ва ҳуҷатҳои махфии англисӣ такя карда, таъкид менамояд, ки ҳамаи қавми нодирҳо сароғоз аз бобокалони онҳо сардор Султон Маҳмудхон, падари М.Юсуфхон ва дар интиҳо бародарони вай дар хидмати ҳукумати англис

қарор доштанд ва нақши муҳимро дар амалигардонии сиёсати англисҳо дар Афғонистон бозӣ ва аз манофеи онҳо ҳимоят мекарданд[1].

Ҳ.Назаров ба хулоса омадааст, ки сулолаи Нодириҳо махсусан М.Нодирхон барои ба сари қудрат омадан аз тамоми имкониятҳо истифода мебурд. Аммо қаблан ӯ аз сиёсати амир Амонуллохон ва ҳукумати ӯ пуштибонӣ намуда, вале баъди ба гурӯҳи феодалӣ–клерикалӣ ба фаъолияти мухолифин ва тахрибкорӣ гузошта, аз ҳукумати англисҳо ҳимоят менамояд. Онҳо ба муқобили Амонуллохон амалӣ гардидани табаддулоти давлатиро ҷиҳати ба даст овардани ҳокимият дар мамлакат роҳандозӣ намуданд. Бо ин мақсад М.Нодирхон суиқасдро ба муқобили Амонуллохон ташкил намуд, ки сардорони афғон, амалдорони калон ва мансабдорон ба манфиати М.Нодирхон зери роҳбарии ҳукумати англисхо бояд 8 марти соли 1928 дар замони сафари хориҷии Амонуллохон ташкил карда мешуд. Дар ҳамин рӯз дар Англия ботантана шоҳи Афғонистон Амонуллохонро истиқбол гирифтанд. Дар он вақт суиқасд ба нокомӣ анҷом ёфт. Баъд аз як сол онҳо барои пиёда сохтани он кӯшиш намуданд, ки ин маротиба ба муқобили ҳукумат шӯришчиёни Ҳабибуллои Калаконӣ равона шуда буд.

Ҳ.Назаров китоби С.Юсуфзай «Таърих сукут мешиканад, Нодир чӣ гуна ба подшоҳӣ расид?»–ро таҳлил намуда, робитаи М.Нодирхонро бо англисҳо рушан тасвир намудааст. Ба ин мақсад ташкили ҳукумати тавоно ва доимӣ дар Афғонистон ҷавобгӯи манфиатҳои Британияи Кабир ҳисоб меёфт ва дар баробари ин як қатор шароитҳоро фароҳам меовард[2].

Як чизро бояд хотирнишон созем, ки ҳукумати англисҳо аз рӯзҳои аввал аз сулолаи Нодирҳо пуштибонӣ менамуд ва барои аз байн бурдани ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебурд. Дар ин хусус С.Юсуфзай иброз медорад, ки дар шаклгирии

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.27.
[2]Ҳамон ҷо.С.28.

дастаи сарбозони ихтиёрии вазирҳо ва масудҳо ба муқобили ҳукумати шӯришгарон англисҳо даст доштанд.

Дар таърихи 15 декабр М. Нодирхон дохили Кобул шуда буд ва рӯзи дигар дар ҳузури хонҳо ва маликҳои ҷанубӣ бар хилофи ваъдаю қавлҳои пешинаашон подшоҳии худро эълон кард. Ба ҳамин тариқ, Ҳақназар Назаров хулосаи С.Юсуфзайро тасдиқ кардааст, ки «ҳукумат дар Кобул ба дасти дуздон ва ғоратгарони ҳақиқӣ ва хоинон ва ватанфурӯшони миллӣ гузашт, ки англисҳо барои ба сари қудрат расонидани онхо 3 куруру 600 ҳазор калдор ё 30 млн 600 ҳазор рупия пул сарф карда буданд. Танҳо барои бомуваффакият гузаронидани маъракаи фатҳи Кобул англисҳо дар бонки Англия ба номи М.Нодирхон ҳисоби махсус кушода, як курур (10 млн) калдор пул гузаронида буданд»[1].

Ба қавли олими тоҷик, С.Юсуфзай дар таҳқиқоти худ М.Нодирхонро аз унвони каҳрамони миллат ва наҷотдиҳандаи Афғонистон маҳрум сохта, ӯро ҳамчун хиёнатгари манфиатҳои миллати афғон арзёбӣ намудааст. Бешак робита ва дасисаҳои ҳукумати англо–ҳиндӣ дар Афғонистон ба фаъолияти гурӯҳи феодалӣ–клерикалии ва сари қудрат овардани пешвои онҳо М.Нодирхон, ки диққати асосӣ ба он равона карда шудааст дар кори С.Юсуфзай инъикос гардидааст. Бо вуҷуди ин Ҳақназар Назаров ба ин ақида аст, ки дар тасвири масъалаҳои дигари таърихи ин давра С.Юсуфзай аз намояндгони пешини афғон хеле ақиб мондааст.

Масалан дар фарқият аз М.Анис ва М.Ғубор ва дигар муаллифони афғон, ки қонуният ва ҳақиқати шӯришҳои солҳои 20–умро дар шароити пурзӯршавии зулму истибдоди иҷтимоӣ–иқтисодӣ таъкид менамуданд, С.Юсуфзай ин қиёмҳоро натиҷаи бевоситаи фитнаангезии ҳукумати англо–ҳиндӣ ҳисоб менамояд. Аз ин рӯ, С.Юсуфзай, Ҳабибуллои Калакониро ҳамчун ҷосуси англисҳо барои иҷрои тарҳҳои онҳо дар дохили мамлакат тасвир менамояд.

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.404.

Ҳ.Назаров менависад, ки бо вуҷуди интиқоди шадид ва маҳкум кардани М.Нодирхон ба андешаҳои С.Юсуфзай дар бораи Ҳабибуллои Калакони ба ҳеҷ сурат розӣ шудан мумкин нест. Зеро дар Афғонистон дар ин ҳангом ба сифати дастнишонандаи амалдорони калон, пешвоёну сардорони афғон муаррифӣ намудани Ҳабибуллои Калаконӣ ба мантиқ ва ҳақиқати таърих то ҷойе шояд мувофиқат менамуд. Аммо вақте ки ба сифати «пойлуч, бенаво ва дузд (Бачаи Сақоро табақаи ҳокими афғон бо ҳамин лақабҳо ном мебурданд.–Д.Қ.) шахсе пешбарӣ мегардад, ки аз тамоми воситаҳо ва таъсир маҳрум аст, ин хилофи сиёсати ҳукумати мустамликадории англис ҳисоб меёфт.

Ҳ.Назаров ба саволи он ки Ҳабибуллои Калакони чӣ тавр тавонист, ки қудрати сиёсиро дар солҳои 20–уми қарни ХХ ба даст оварад? Менависад: Посух сода аст! Қаблан амир Амонуллохон сарфи назар азислоҳоти гузаронидаи худ, натавонист онро то охир амалӣ намояд ва ин ислоҳот ба нокомӣ анҷомид. М.Нодирхон бошад, натавонист дар байни қавму қабилаҳои Афғонистон созишро ба роҳ монад ва хиёнату робитаҳои М.Нодирхон бо англисҳо ифшо гардид. Ҳабибуллои Калаконӣ бошад, сарфи назар аз оне ки қисми зиёди муаррихони афғон ӯро ҷосуси англис ҳисоб менамоянд, новобаста аз ин дар таърихи Афғонистон ҳамчун доҳии оммаи мардуми заҳматкаш ва беҳуқуқ баромад менамуд. Инро метавон дар бадбинии синфҳои ҳукмрон оид ба баромадҳои оммавие, ки Ҳабибуллои Калаконӣ роҳбарӣ менамуд, арзёбӣ кард.

Хизмати устод дар таҳқиқи шӯришҳои солҳои 20–ум аз он иборат аст, ки ӯ инъикоси ин шӯришро дар матбуоти хориҷӣ ва адабиёти илмӣ низ таҳқиқ кардааст. Зеро мавҷи шӯришҳои солҳои 20–ум на танҳо дар мамлакатҳои Шарқи Миёна, балки ба Аврупо низ таъсири худро расониданд.

Муаллифони матбуоти ғарбӣ дар ин хусус мақолоти бисёре навишта, воқеоти ба миён омадаро дар Афғонистон ҳаргуна шарҳу тафсир менамуданд. Он ҳангом дар матбуот дар бораи дахолати

англисҳо ба корҳои дохилии Афғонистон ва оид ба фаъолияти тахрибкории англисҳо дар таҳрики қиёмҳои зидди ҳукуматӣ дар ноҳияҳои гуногуни Афғонистон хабарҳо нашр менамуданд.

Аз таҳқиқоти Ҳ.Назаров бармеояд, ки дар адабиёти англис омилҳои иҷтимоие, ки ба ҷунбишҳои оммавии солҳои 20–ум оварда расонд ифшо нашудааст ва таъкид мегардад, ки ҷоҳилони афғон ислоҳоти пешқадами шоҳро қабул надоштанд. Барои ҳамин баромадҳои оммавии ин давра ба тарзи дигар ҳамчун ҷунбишҳо ба муқобили ислоҳот барои нигоҳдошту пойдории тартиботи асримиёнагӣ нигаронида шуда буданд[1].

Муносибатҳои гуногун дар хусуси қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ низ ҷой дошт. Лондон расман аз ибтидо дар мустаҳкам будани ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ, асли баромади ӯ ва аз ҷонибдории ӯ аз тарафи доираҳои аристократӣ афғон шак дошт. Барои ҳамин аъзои сафорати англис бо сарварии Ф.Ҳемфрис нахуст Афғонистонро тарк гуфтанд, ҳарчанд онҳоро ҳеҷ чиз таҳдид наменамуд. Новобаста аз оне ки сафири англис бо Ҳабибуллои Калаконӣ муносибати хуб дошт.

Ҳ.Назаров ба хулоса омадааст, ки ба ғайр аз дигар андешаҳои сиёсӣ яке аз сабабҳои асосие, ки англисҳоро водор намуд, ки ба ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ шакку шубҳа оранд, тавре рӯзномаи «Манчестер Гардиан» аз 17 январи соли 1929 иттилоъ медиҳад, Ҳабибуллои Калаконӣ, бешак шӯҳрати бузург ба сифати Робин–Гуди афғонро соҳиб шуда, мақсад аз он ғорати сарватмандон бо ҳадафи ёрӣ расонидан ба бенавоён иборат буд[2]. Табиист, ки Ҳабибуллои Калаконӣ аз ҷониби ҳукумати англис ҷонибдорӣ наёфт ва онҳо барои ба сари қудрат овардани сарвари гурӯҳҳои феодалӣ–клерикалии М.Нодирхон мусоидат намуданд.

Ҳ.Назаров ба чунин натиҷа расидааст, ки дар баррасии сабабҳои шӯришҳои солҳои 20–ум ба таври дақиқ нашриёти фаронсавиҳо ва

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.31.
[2]Ҳамон ҷо.С.32.

олмониҳо ҷойгоҳи назаррасеро ишғол менамояд. Дар шумораи моҳи январи маҷаллаи Франсузии «L'Asia Francaise» барои соли 1929 мақолае ҷой дода шуда буд, ки ба таври холисона сабабҳои шӯришҳои солҳои 1928–1929 дар Афғонистон ифшо намудааст.

Ҳ.Назаров менависад: «Дар ин мақола зикр мегардад, ки сарфи назар аз икдом ва ташаббусҳои созандаи амир Амонуллохон, аммо амалишавии ислоҳоти ӯ барояш маҳвкунанда ҳисоб меёфт. Сабаб ва омилҳои нобаробар анҷом ёфтани ислоҳоти ӯро маҷалла дар баробари таъқиби дин, дар сафарбарнамоии хароҷоти калони бефоида дар асоси лоиҳаҳои мутахасисони олмонӣ медид. Сабабҳои дигари шӯриш тибқи ин маҷалла аз ҳад хонахаробшавӣ, қашоқӣ, ришвахӯрӣ, мавҷуд набудани адолати судӣ ва аз будаш зиёд рӯёнидани молиёт, ки аҳолиро буғӣ намуда буд, ташкил медод. Беҳолӣ, қашоқӣ ва гуруснагӣ мардумро маҷбур сохт, ки силоҳ ба даст гиранд»[1].

Устод дар идомаи таҳқиқоти худ таъкид кардааст, ки шароитҳои аз ҳама мусоидро дар Афғонистон барои фаъолияти соҳибкорӣ ширкатҳои олмонӣ соҳиб гардида буданд. Барои ҳамин матбуоти оммавӣ ба чорабиниҳои амир Амонуллохон таввачуҳи худро равона намуд. Рӯзномаи оммавии «Берлингер Тагеблатт» 18 декабри соли 1929 сабабҳои ҷунбишҳои иҷтимоиро ифшо насохта, бар хилофи ҳукумати расмӣ, ки тасдиқ менамуд, аксари афғонҳо бо шоҳ ва сиёсати ӯ розӣ мебошанд, аз ҷониби худ дар саҳифаҳояш саволе медиҳад: «Агар чунин аст, барои чӣ онҳо намешитобанд ба ӯ кӯмак намоянд?»[2]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки на ҳама қишрҳои омма сиёсати пешрифтаи ҳукуматро он замон дастгирӣ менамуданд, зеро аксари онҳо ҳаёти ниҳоят душвори иҷтимоиро он ҳангом паси сар менамуданд.

Рӯзномаи эронии «Баҳор» аз 27 январи соли 1929 сабаби асосии нобаробар анҷом ёфтани фаъолияти ислоҳотхоҳии Амонуллохонро дар шитобкорона анҷом додани он медид.

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане С.33.
[2]Ҳамон ҷо.

14 декабри соли 1928 Ҳабибуллои Калаконӣ ба таври ногаҳонӣ ба Кобул ҳамла оварда, Қалъаи Боғи Боло, мактаби ҳарбӣ ва анбори ярокро ишғол карда, дар давоми як ҳафта дар дасти худ нигоҳ дошт[1]. Аммо вақте ки хабари аз тарафи Мазори Шариф ба Кобул наздик шудани қӯшунҳои ҳукумати маълум ва равшан гардид, 22 декабр Бачаи Сақо шаҳрро ба ҳоли худ гузошта, қафо гашт[2].

Дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони сурх» ва «Овози тоҷик»–и Тоҷикистон дар хусуси ҳамлаи Ҳабибуллои Калаконӣ дар моҳи январи соли 1929 ба шаҳри Кобул ва суқути давлати Амонуллохон ба таври муфассал маълумот дода шудааст[3].

Рӯзномаҳои англо–ҳиндӣ Ҳабибуллои Калакониро таърифу тавсиф намуда, аҳолиро даъват мекарданд, ки ӯро дастгирӣ намоянд. Чунончи Агентии Телеграфии Ҳиндустон мусулмонони Ҳиндустонро ҳатто бовари кунониданӣ мешуд, ки «Ҳабибуллохон пайғамбари нав»[4] мебошад. Рӯзномаи «Дейли Геральд» аз 18 январи соли 1929 аз мусоҳиба бо афсари англис, ки бо Ҳабибуллои Калаконӣ вохӯрдааст, хулоса бароварда менависад, ки «Бачаи Сақо мутаасиби бузурги олами ислом аст»[5]. Аммо бар хилофи он рӯзномаи «Бомбей Кроникл» бошад, дар хабари худ аз 26 январи соли 1929 навишта буд: «Чи тавре ки баъзеҳо мегӯянд, Ҳабибулло фарзанди обкаши оддӣ нест ва маълум аст, ки ин шахси мӯътабар ба обкашҳо монандӣ надорад. Ӯ яке аз намояндагони олиҳимати саидҳои афғон мебошад»[6].

Ҳамин тавр, Ҳ.Назаров ба натиҷа расидааст, ки агар сабабгори шикастхӯрӣ ва сарнагуншавии ҳукумати Амонуллохон, аз як тараф, ошӯби халқи меҳнаткаши қабилаҳои ғайриафғонӣ Кӯҳистон, ки аз зулми феодалӣ ва миллӣ ба дод омада буданд бошад, аз тарафи дигар то як

[1]Реакционное восстание в Афганистан Изд-во Бюро Прессы Среднего Востока при СредАзбюро ЦК ВКП (б), Ташкент, 1928. (спец выпуск декабрь).С.16.
[2]Новый Восток, 1929. С.33.
[3]Муфассал ниг.:Тоҷикистони сурх. 17 январи соли 1929; Овози тоҷик. 21 январи соли 1929 (бо хатти форсӣ)
[4]Бюллетень прессы…, 1929, №1, С.29.
[5]Наступление английского империализма на Афганистан и Персию. С.167.
[6]Ҳамон ҷо.С.168.

дараҷа фаъолияти агентҳои империализми Англия мебошад. Лекин он фикр нодуруст мебуд, ки сабаби асосии шикастхӯрии ҳукумати Амонуллохонро ба фаъолияти англисҳо вобаста намоем. Ӯ андешаи Ғуломмуҳаммад Ғуборро дуруст хондааст, ки сабаби асосии сарнагун шудани Амонуллохонро, на фаъолияти ҷосусони англис ба монанди Лоуренс, на тарғибу ташвиқи матбуоти онҳо ва на бо яроқ таъмин кардани шӯришчиён медонад. Сабаби сарнагун шудани ҳукумати амир Амонуллохон ба қавли Ғубор ин зиёдшавии андозҳо, сӯиистеъмолкунии феодалон, хонахаробшавии деҳқонон ва гузаронидани як қатор ислоҳоти маданӣ–маишие буданд, ки ҳоло барои онҳо дар Афғонистон замина тайёр набуд[1].

Бахши муҳимми таҳқиқи Ҳ.Назаровро муносибати ӯ ба қавму қабилаҳои Афғонистон ташкил медод. Ба назари устод Ҳабибуллохон кӯшиш намуд, ки вазъияти дохилии мамлакатро мӯътадил гардонад ва қабилаҳои дигари гуногуни Афғонистонро, ки аз аввал ӯро дастгирӣ намекарданд ва хусумат доштанд ба тарафи худ кашад. Яке аз ин гуна қабилаҳо қабилаҳои ҳазора буданд. Ин қабилаҳо фақат дар замони Амонуллохон аз ғуломӣ озод шуда буданд[2].Онҳо аз тарси он ки боз ба ғуломии солҳои пеш гирифтор нагарданд, Ҳабибуллои Калакониро дастгирӣ накарда, тарафдори Амонуллохон буданд. Новобаста ба ин Ҳабибуллои Калаконӣ тамоми гуноҳҳои ҳазораҳоро бахшида, фармони худро аз 28 июни соли 1929 ба тасвиб мерасонад, ки мувофиқи он дар Ҳазораҷот дигар ғуломдорӣ ҷорӣ карда намешавад.

Тавре Ҳ.Назаров навиштааст, М.Нодирхон барои ба тоҷу тахт расидан омили қавмиро хеле барҷаста сохта буд ва дар таблиғоти худ ба торҳои ҳассоси миллии қабилаҳои афғон расида, онҳоро талқин мекарда, ки як «тоҷики пойлуч», «беаслу насаб», «дузди ғоратгар» тахти шоҳии афғонҳоро соҳиб шудааст. Ин таблиғот албатта бе асар намонд ва дар матбуот ҳам инъикос ёфт.

---

[1]Ғубор М. Афғонистон дар масири таърих. С.825.

[2]Темирханов Л. Хазарейцы. М.,1972.С.152.

Рӯзномаи олмонии «Берлингер Тагеблатт» аз 28 январи соли 1929 навишта буд: «Ба ин нигоҳ накарда, ки Ҳабибулло шоҳи Афғонистон эълон шуд, аз даст додани ҳокимият аз тарафи ӯ аз эҳтимол дур нест, чунки на танҳо дар Ҷануб, балки қабилаҳои сарҳадии Афғонистони Шимолӣ низ баъди он ки фаҳмиданд, ки Ҳабибулло тоҷик аст на афғон, яъне аз қавмест, ки тамоми афғонҳо ӯро бад мебинанд, вайро чашми дидан надоранд»[1]. Рӯзномаи франсузии «Тайм» ин аҳволро дида қайд карда буд, ки «аҷаб нест, ки Бачаи Сақо дар рӯзҳои наздик аз тахт даст кашида, ба зодгоҳаш баргашта, ба касби дилбохтааш–роҳзанӣ, ғоратгунӣ машғул мешавад»[2].

Ҳ.Назаров менависад, ки ҳукумати Ҳабибуллохон дар сиёсати хориҷии худ низ ба рӯҳонияти калон ва ашрофон, ки мушовир ва маслиҳатчии ӯ буданд, такя намуда, барои давом додани муносибатҳои нек бо мамлакатҳои хориҷӣ кӯшиш мекард. Барои бақои ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ муносибати ӯ бо Иттиҳоди Шӯравӣ бисёр муҳим буд. Муҳаққиқ Л.Б.Теплинский дар ин хусус менависад: «Гарчанде ки ҳукумати Ҳабибулло 27 августи соли 1929 ба сафоратхонаи ИҶШС дар Кобул нота фиристода, дар бораи содиқ будани ӯ ба шартномаи шӯравӣ–афғонӣ ва дигар созишномаҳои байни давлатӣ изҳорот дода бошад ҳам муносибати вай бо дастаи босмачиёне, ки дар ҳудудҳои Афғонистон амал мекарданд, бар хилофи ин буданд»[3].

Устод дар такя бо Н.И.Смирнов менависад, ки ба маълумоти ҳамонвақтаи матбуоти афғон босмачиёни аз Осиёи Миёна омада қисми асосии артиши Ҳабибуллои Калакониро ташкил медоданд. Қувваҳои клерикалӣ–феодалии Афғонистон бо босмачиёни аз Осиёи Миёна омада, аз ҷумла бо собиқ амири Бухоро С.Олимхон алоқаи зич доштанд. Моҳи феврали соли 1929 С.Олимхон маҷлиси умумии тамоми вассалҳои худро

---

[1]Наступление английского империализма на Афганистан и Персию. С.69.
[2]Ҳамон ҷо. С.78
[3]Теплинский Л.Б. Советско–афганские отношения (1919-1961) . М., 1961.С.61

дар Кобул даъват намуда, дар он тарҳи умумии ҳуҷумро ба ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳуриҳои шӯравиии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон кашида буд[1].

Муҳаққиқи Шӯравӣ Л.Б.Теплинский муносибати ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро бо ҳукумати Шӯравӣ муайян намуда, иброз медорад, ки гӯё Бачаи Сақо гумоштаи англисҳо буд ва ӯ дастаҳои босмачиёнро бо яроқу аслиҳа ва маблағҳои молиявӣ дастгирӣ менамудааст. Дар идома ин муҳаққиқ таъкид менамояд, ки ҳукумати Шӯравӣ аз ин иқдоми ҳукумат ба ташвиш омада, бо нотаи эътирозӣ аз ҳукумати Ҳабибуллохон талаб кард, ки ба фаъолияти дастаҳои босмачиён дар ҳудуди Афғонистон хотима диҳад ва онҳоро дигар дастгирӣ накунад[2].

Бешубҳа, ин вазъият ва мавзеъгирии ҳукумати вақти Шӯравӣ нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ бетаъсир намонд. Ҳақназар Назаров ба хулоса омадааст, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати Ҳабибулохон қабилаҳои афғон ва империалистони англисҳоро дигар қонеъ намекард. Мақсади асосии афғонҳо барҳам додани ҳукумати тоҷикии Ҳабибуллохон буд. Империализми Британия бо феодалони афғон бар зидди ҳаракати деҳқонии тоҷикон ва ӯзбекон муттаҳид шуд.

Ба зӯдӣ сарвари муборизаи зидди Ҳабибуллои Калаконӣ генерали ба истеъфо баромада Муҳаммад Нодирхон гардид. Муҳаммад Нодирхон бо тарғибу ташвиқи худ, бо мурочиатномаҳои худ ба ҳисси миллии мардуми афғон таъсир карда, онҳоро ба муборизаи зидди Ҳабибуллои Калаконӣ рӯҳбаланд мекард. Масалан, дар яке аз даъватномаҳояш чунин навишта буд: «Бародарони ҷасури ман афғонҳо! Шумо вазъияти зори Ватан ва халқамонро мебинед. Ба ақл ва адолат рост намеояд, ки шоҳигарии шуморо дузд ва ғоратгари Кӯҳдоман гирифтааст ва худро подшоҳи Шумо ҳисоб мекунад. Ҳазорон афғонҳоро ҳадафи тири худ қарор дода модаронро беписар, занҳоро бе шавҳар кардааст.

---

[1]Смирнов Н.И. Важный этап развития независимого Афганистана. Сб. «Независимый Афганистан», М.,1958.С.81.
[2]Теплинский Л.Б. Советско–афганские отношения (1919-1961)… С.68.

Эй афғонҳо. Ором нагузоред ва хомӯш наистед, ки одами пастарини Афғонистон ба шумо сардорӣ кунад, шуморо ба ғуломӣ табдил диҳад»[1]. Шиору андешаҳоеро, ки Нодирхон ба муқобили ҳукумати Ҳабибуллои Калакоӣ баён намудааст, мо зимни мутолиаи осори Ҳақназар Назаров ва дигар афғонистоншиносон мушоҳида менамоем.

Барои мисол муҳаққиқ Абдушакури Ҳакам дар асари худ менависад: «Ангезаву андешаҳои қавмгароӣ ва фашистии Нодирхон пас аз шикасти пай дар пайи ӯ дар охир ба ҳадде расид, ки ӯ барои таҳрики қавми афғон (паштун) ба қабристонҳо рафта, болои қабрҳои мурдаҳои афғон шамъ рӯшан мекард. Хавонин (хонҳо –Д.Қ.) ва ҳар кас аз вай мепурсиданд, ки чаро ин корро мекунӣ? Мегуфт: Чун зиндаҳои афғон мард нестанд, то ҳукуматро аз тоҷик бигиранд, лизо аз мурдаҳои афғон кӯмак мехоҳам!»[2].

Бо ин роҳ дар байни қабилаҳои афғон ҳисси адовати миллӣ меафрӯхт ва қабилаҳои нав ба навро ба мубориза тела медод. Дар муборизаи Нодирхон англисҳо иштирокчӣ ва ҳамкор буданд ва ӯро бо лавозимоти ҳарбӣ мусаллаҳ мекарданд. Дар ин замина низ давлати Шӯравӣ аз ҳукумати паштунгарои афғон ҳимоя менамуд, ки баъдан дар ин бора мо ба таври муфассал истода мегузарем.

Ҳ.Назаров як сабаби дигари ба шикаст дучор гардидани ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро дар тасмимгириҳои шитобкоронаи ӯ ба муқобили давлати Шӯравӣ ва Британияи Кабир арзёбӣ намудааст. Ин ақидаҳои Ҳабибулло ба муқобили англисҳо ва русҳо боз ҳам ба қавли Ҳ.Назаров пояҳои давлатдории ӯро суст намуданд.

Ҳамин тавр, ба муқобили Ҳабибубуллои Калаконӣ амир сарнагуншуда Амонуллохон, Алӣ Аҳмадхон ва М.Нодирхон ба ҷанг бархостанд.

---

[1] Бюллетень прессы…, 1929, №2, С.78.
[2] Абдушакури Ҳ. Аз айёрӣ то аморат. Пешовар, 2002. С.426.

Новобаста аз ин амир Ҳабибуллои Калаконӣ ва намояндагони ӯ тавонист, ки якчанд маротиба Амонуллохон, Алӣ Аҳмадхон ва М.Нодирхонро дар муборизаҳои гуногун дар қисматҳои Афғонистон шикаст диҳанд. Пеш аз ҳама дар натиҷаи муборизаҳои давомдор Амонуллохон шикаст хурд ва аз муборизаҳои минбаъда даст кашид. Дар ин хусус Ҳ.Назаров дар такя ба М.Анис иброз медорад, ки Амонуллохон тасмим гирифт, ки хоки Афғонистонро тарк намояд ва 23 майи соли 1929 аз сарҳад гузашт ва ҳамин қадар тавонист, эътироф намояд, ки «Ин оқибати давраи даҳсолаи ман аст, ки имрӯз аз ватан матруд мебароям»[1].

Баъдан амир Ҳабибулло ва ҷонибдорони ӯ ба муқобили Алӣ Аҳмадхон муборизаро оғоз намуданд. Дар ин бора устод менависад: «Амонуллохон пеш аз он ки Афғонистонро тарк кунад, ҳукумати Қандаҳорро ба дасти Алӣ Аҳмадхон супорид, вале баъди як ҳафта дар аввали моҳи июн ба Қандаҳор қушунҳои ҳукумати Кобул бо сарварии Пурдилхон расиданд ва Алӣ Аҳмадхони моҷароҷӯй ва ҷоҳталабро аз ҳукумат дур сохтанд. Вай баъди чанде дар Кобул ба қатл расонда шуд»[2].

Зимнан новобаста аз он ки Амонуллохон ва Алӣ Аҳмадхон аз ҷониби ҳукумати Ҳабибулло ба шикаст дучор гардидад, англисҳо дар назди худ мақсад гузошта буданд, ки шахси вафодори худро ба тахти шоҳии Афғонистон шинонад, ки он Муҳаммад Нодирхон ҳисоб меёфт.

Дар ин хусус Ҳ.Назаров менависад: «Аммо ҳариф ва душмани марговари ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ генерал Нодирхон ва бародарони вай Ҳошимхон, Шоҳвалихон ва Шоҳмаҳмудхон ба шумор мерафтанд, ки онҳо бо ёрӣ ва мадади ҳукумати Англия аз муддатҳо ба ин тараф барои ишғол кардани тоҷу тахти Афғонистон тайёрӣ медиданд. М.Нодирхон ба сифати пешво ва роҳбари гурӯҳҳои муҳофизаткор ва иртиҷоӣ дар тамоми давраи ҳукумати Амонуллохон бар алайҳи вай

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.186; Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.388.
[2] Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.388–389.

муборизаи беамон мебурд ва орзу дошт, ки рӯзе дар маснади салтанат биншинад»[1].

Таҳлилу баррасии осори Ҳ.Назаров гувоҳӣ аз он медиҳад, ки М.Нодирхон ва бародаронаш, ки дар Фаронса қарор доштанд, баъд аз он ки дар моҳи декабри соли 1928 хабари қиёми шинвориҳоро шунидан, қарор додан, ки ба Афғонистон ҳарчи зудтар баргарданд. Дар ин замина М.Нодирхон сиёсати духӯраро пеш гирифта, аз як ҷониб вафодории худро аз амири собиқ Амонуллохон ва аз ҷониби дигар бо англисҳо баён намуд. Дар амал бошад, ӯ аз англисҳо пуштибонӣ менамуд. Умуман М.Нодирхон уҳдадор шуда буд, ки ҳар орзуе, ки давлати англис дорад, онро қонеъ намояд.

М.Нодирхон ва Ф.Ҳемфриз вазири мухтори Англия мехостанд, ҳарчи зудтар ҳукумати Ҳабибуллои Калакониро сарнагун кунанд. Дар хусуси даст доштани хориҷиён, хосса англисҳо дар нокомии Ҳабибуллои Калаконӣ М.Шукурзода дар китоби худ менависад: «… монеъаи дигаре, ки дар умури давлатдории ходими дини Расулаллоҳ (с) пеш омад, даъво ва дағдағаи Нодирхон ҷиҳати ба даст овардани зимоми қудрат буд ва ин барнома аз сӯи хориҷиён, ба вижа англисҳо сареҳ ва пухта таҳрезӣ гардид…»[2].

Ҳ.Назаров менависад, ки М.Нодирхон барои ҳарчи тезтар аз байн бурдани ҳукумати Ҳабибулло кӯшиши зиёде ба харҷ дода, дар ин замина қувваҳои худро ба самти Кобул равона намуд. Бинобар ин ба қавли Ҳақназар Назаров аз рӯи нақшае, ки дар назар гирифта буданд, аз самти машриқӣ ва ҷанубӣ бояд ба Кобул ҳамла мекарданд. Бо ин мақсад М.Ҳошимхон аз Пешовур ба тарафи машриқӣ ва М.Нодирхон ва Шоҳвалихон ба сӯи Хуст ва Гардез ҳаракат карданд ва дар таърихи 8-уми март аз сарҳади Афғонистон гузашта, ба маъракаи муборизаи зидди ҳукумати Кобул иқдом намуданд.

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон С.391.
[2]Шукурзода М. Размоварони Ҳиндукуш. Душанбе:Адиб, 2009. С.339.

Ҳабибуллои Калаконӣ, ки хатари ба сараш омадаро ҳис мекард, барои аз даст надодани ҳокимияти ноустувори худ як қатор чораҳо дид. Вай пеш аз ҳама сафи қушунҳои худро зиёд кардан гирифт. Ҳақназар Назаров дар идомаи таҳқиқоташ навиштааст, ки мувофиқи навиштаҳои Шоҳ Валӣ бародари Нодирхон, Ҳабибуллои Калаконӣ 2 муллоро барои гуфтушунид ба пеши Нодирхон ба шаҳри Гардез мефиристад. Онҳо ба сипаҳсолор изҳор мекунанд, ки «Ҳокимияти Ҳабибуллохон қонунӣ буда, ба шариат асос ёфтааст ва касе, ки кӯшиши мубориза бурдан бо ӯ пайдо кунад, дар асоси фатвои рӯҳониён исёнгар эълон карда мешавад»[1]. Лекин Нодирхон таклифҳои онҳоро рад намуда, изҳор кард, ки « барои озодии Ватан то охир мубориза хоҳад бурд»[2].

Муборизаи асосии М.Нодирхон бар зидди ҳукумати Кобул дар назди шаҳри Гардез ба амал омад, ки дар он Ҳабибулло зафар ёфт. Дар ин бора Ҳақназар Назаров менависад: «Ғалабаи назди Гардез дар айни замон аз қудратмандии ниҳоии ҳукумати Кобул дарак медод, ки ҳама ҳарифон ва душманони худро аз саҳнаи муборизаи сиёсӣ дур сохта буд, вале мадори ҳукумати Ҳабибуллохон ҳам кам-кам аз байн мерафт, аломати заъф ва нотавонии вай ошкор мегардид...»[3].

Боз ҳам М.Нодирхон қабоили мухталифи афғонро ба мубориза зидди Ҳабибуллои Калаконӣ барои фатҳи Кобул даъват менамуд, ҳарчанд иддае аз онҳо аз ӯ пуштибонӣ менамуданд. Дар ин хусус Файз Муҳаммад менависад: «Дар набарди фатҳи Кобул қабоили мухталифи афғон: сулаймонхайлҳо, тутохайлҳо, аҳмадзоиҳо, сабриҳо, мангалҳо, ҷадронҳо, ҷоҷиҳои ҷанубӣ ва шарқи Афғонистонро, ки иддае аз онҳо ҳаводори ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ буданд, бо даъвати Нодирхон басиҷ шуданд ва ба ӯ пайвастанд. Нодирхон қабоил ва қавоифро ба иттифоқи паштунволӣ (паштунгароӣ) даъват мекард, то ба таъаҳудоти хеш вафодор боқӣ бимонанд[4].

---

[1]Шах Вали Мои воспоминания. М.: Иностранной литературы, С.63.
[2]Ҳамон ҷо.С.64.
[3]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.216.
[4]Файз Мухаммад Книга упоминаний о мятеже. С.91.

Пас аз шикастҳои пай дар пай М.Нодирхон дар назди худ мақсад гузошт, ки мустақиман ба ҳукуматдорони Англия мурочиат намояд. Дар номаи маҳрамонае, ки М.Нодирхон аз таърихи 18 сентябри соли 1929 тавассути вакили махсуси худ Ҳочи Муҳаммад Акбар ба муншии умури хоричии Ҳинд Д.Бора фиристонида буд, ки он таҳти рақами ОҒ- 40 дар бойгонии миллии Ҳинд маҳфуз аст, иброз намуд, ки эчоди давлати мустаҳкам ва босубот дар Афғонистон мувофиқи манофеи англисҳо буда, барои шумо имтиёзҳои муайяни зайлро дорад:

1. Боиси беҳбуди равобит миёни Афғонистон ва Британия хоҳад шуд.
2. Нуфузи Россияро дар Афғонистон тазъиф мекунад.
3. Аз таблиғоти ҳасмона алайҳи Ҳиндустон чилвагарӣ хоҳад кард.
4. Ба Британия имкони тамдиди хати оҳани Чаман-Қандаҳор ва Ҳирот-Кобулро медиҳад.
5. Муносибат бо қабоили сарҳадӣ шакли матлуб барои Инглистонро мегирад.
6.Афғонистон алорағми истиқлол кӯмаки молии Инглистонро мисли пеш қабул хоҳад кард»[1].

Ҳ.Назаров барои инъикоси шӯриши деҳқонони точик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ ба сарчашмаҳои нодир такя намудааст, аммо маршал Шоҳ Валӣ дар «Ёддошҳои худ» ба таҳрифот нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ даст задааст.

Дар ин бора Шоҳ Валӣ қайд мекунад, ки Ҳабибуллои Калаконӣ акнун бо роҳи таҳдиду тарс гузашта ба назди сипаҳсолор ва бародаронаш яке аз хешовандони онҳо Али Шоҳхон ва муҳочири ҳиндӣ Абдул Латифхонро фиристонданд. Онҳо ба Нодирхон пайғоми Ҳабибуллои Калакониро оварда буданд. Ӯ таҳдид мекард, ки агар Нодирхон бо ҳамроҳии бародаронаш мубориза ро қатъ накунад, ҳамаи аъзоёни оилаи онҳо, ки то ҳол эҳтиром карда мешуданд, аз як сар ба қатл расонида мешаванд. М.Нодирхон, ки аз таҳдиди Ҳабибуллои Калаконӣ

[1]Халилуллоҳи В.Б. Ҳабибуллоҳи Калаконӣ марде дар ҳариқи таърих. Пешовар:Фазл, 1377. С.201.; Назаров Ҳ. Мақоми точикон дар таърихи Афғонистон. С.401.

ба ғазаб омада буд, ба воситаи элчиҳои ӯ чунин нома фиристонд: «Аз вақте ки ин хабари фалокати Ватан ба ман расид, ҳуши худро бохтам. Ман наметавонам Ватанамро дар ин фалокат бубинам, ё ки тамоми ҳаёт ва мавҷудоти худро мебозам ва ё Ватани худро аз ин ҳолат мераҳонам»[1]. Гарчанде М.Нодирхон медонист ва ҳис мекард, ки Ҳабибуллои Калаконӣ аз аҳдаш намегардад, бо вуҷуди ин, дар охири нома қайд мекард, ки «барои наҷоти Ватан худ ва тамоми афрод хонадони худро ба Худо супурдам[2].

Набояд фаромӯш кард, ки Шоҳ Валӣ бародари Нодирхон буд ва дар асари ёддоштияш хизматҳои Нодирхонро аз будаш зиёд карда нишон додааст ва ӯро «наҷотдиҳанда», «озодкунандаи Ватан» номидааст. Ҳоло он ки Афғонистонро ҳеҷ ягон давлати хориҷа забт накарда буд ва Ҳабибуллои Калаконӣ вайро фурӯхтанӣ ҳам набуд.

Ба қавли Ҳ.Назаров зимни арзёбии шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, баъд аз талошҳои зиёд М.Нодирхон ба мусоидати моддӣ, молӣ ва низомии англисҳо аз байни вазириҳо ва масъудҳо то 12 ҳазор аскар ҷамъоварӣ намуданд ва мақсад доштанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат Кобулро фатҳ намоянд ва ҳукумати Ҳабибуллохонро сарнагун созанд. Аммо Ҳабибуллои Калаконӣ ва ҳукумати ӯ, ҳуҷуми нави М.Нодирхонро интизор набуданд. Дастаҳои низомии ӯ дар Мазори Шариф, Қандаҳор, Ғазнӣ, Ҷалолобод ва ғайра пароканда нигоҳ дошта мешуданд ва дар дохили мамлакат аз ҳеҷ тарафе хатари таҳдидро эҳсос намекарданд.

Устод ташкил ва ҷалби қабилаҳои хориҷии Афғонистонро аз ҷониби М.Нодирхон бо дастгирии англисҳо бо мақсади аз байн бурдани ҳукумати Ҳабибулло таҷовуз меҳисобид, зеро хатти Дюранд ба сифати хатти сарҳадии байни Афғонистон ва Ҳиндустон аз тарафи мақомҳои расмии Афғонистон шинохта ва тасдиқ карда шуда буд. Новобаста аз ин нерӯи 10-12 ҳазораи сарбозони вазирӣ ва маъсуди он тарафи хаттии

---

[1]Шах Вали Мои воспоминания.. С.66-67.
[2]Ҳамон ҷо.

Дюранд барои ишғоли тоҷу тахти Афғонистон барои М.Нодирхон хизмат намуданд, ки касе аз ҳукуматдорони Ҳабибулло интизори онро надошт.

Ҳамин тариқ, ба нақл аз Ҳ.Назаров М. Нодирхон қувваҳои низомии худро ба се даста тақсим намуда, дастаи аввалро бо роҳбарии Шоҳвалихон, ки аз 8 ҳазор аскар иборат буд, аз Алихел ба тарафи Лугар ҳаракат дод. Дастаи дуюм, ки теъдодашон ба 4-5 ҳазор мерасид, бо роҳбарии Шоҳмаҳмуд аввал бояд тарафдорони ҳукуматро дар Гардез хунсо месохтанд ва баъд ба ҷониби Кобул пеш мерафтанд. Урдугоҳи низомӣ дар Ҷоҷӣ воқеъ шуда буд, ки М.Нодирхон бо се ҳазор нафар аскари эҳтиётӣ аз дунболи онҳо ба Кобул ҳаракат мекард[1].

Баъд аз ин тақсимнамоии дастаҳои низомии худ М.Нодирхон ба дастаҳои парокандаи ҳукумати Ҳабибубуллоҳ дар маҳалҳои гуногуни Лугар амсоли Танги Боҷон, Муҳаммадоға ва Чоросиё муқовимат ва муқобилияти сахт нишон дода ба пеш ҳаракат менамуданд.

Шадидтарин муҳорибаҳо ба қавли Ҳ.Назаров «рӯзҳои 6,7 ва 8 октябри соли 1929 дар дохили шаҳри Кобул кӯҳҳои Осмоӣ, Шердарвоза ва теппаи Маранҷон ба амал омада буд, ки шабу рӯз садои тиру туп як лаҳзае хомӯш намегашт. Дар асари асобати тиру туп анбори борути арки подшоҳиро оташ фаро гирифта буд, ки дуди ғализи он шаҳрро торик сохта буд. Беҳтарин қумондони Ҳабибуллохон Пурдилхон, ки худро ба кумаки вай расониданӣ буд, дар ҳамин муҳорибаҳо ҳалок шуда буд. Саид Ҳусейн, ки мебоист худро бо қувваҳои имдодӣ аз Мазори Шариф ба Кобул мерасонид таътил варзида, роҳи муросоро пеш гирифта буд»[2].

Баъд аз ишғоли Кобул аз ҷониби М. Нодирхон ва бародаронаш сарбозони онҳо даст ба дӯздӣ ва ғоратгарии ин шаҳр ва сафоратҳои хориҷии дар он ҷойгиршуда даст заданд, ки дар осори Ҳ.Назаров ин рафтори онҳо ба таври муфассал инъикосии худро ёфтаанд.

---

[1]Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане. С.225.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.402-403.

Воқеаҳои он солҳо дар матбуоти ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ ҳар гуна шарҳу эзоҳ дода мешуданд. Аз ҷумла, дар рӯзномаи «Тоҷикистон Сурх» фирори Ҳабибуллои Калаконӣ баъд аз шикаст додани нерӯҳои ӯ аз ҷониби М.Нодирхон чунин тасвир ёфтааст: «Ҳабибуллои Калаконӣ дар назди дарвоза қолину молҳои қиматбаҳо ва дигар ҷавоҳирот партофта фармон медиҳад, ки дарвозаро кушоянд. Аскарони Нодирхон ба арк дохил шуда, ба кашокаш ва ғораткунии чизҳои қиматбаҳо сар мекунанд ва Бачаи Сақо дарвозаи паси Аркро кушода оромона баромада меравад. Муҳаммад Нодирхон ба Арк дохил шуда, 15 октябри соли 1929 шоҳи Афғонистон эълон гардид»[1]. 13 октябр ҳукумати нав бо сардории бародари Муҳаммад Нодирхон, Муҳаммад Ҳошимхон ташкил ёфт. Ҳабибуллои Калаконӣ дар Ҷабал Сироҷ дастгир карда шуда, 21 октябри соли 1929 ба Кобул оварда шуд.

Ба таъкиди Ҳ.Назаров дар такя ба Х.Халилӣ «М.Нодирхон баъди эълони подшоҳии худ як ҳайати уламо ва рӯҳониёнро ба назди Ҳабибллохон фиристонида, ӯро ба тарки муқовимат даъват намуд ва ба қуръони шариф қавл дода, дар он имзо гузошта буд, ки ба вай ва ҳамроҳонаш осеб намерасад. Онҳо ба қавли як хоин ва ватанфурӯш бовар карда, худро таслим намуданд, аммо М.Нодирхон сарнавишти онҳоро ба ихтиёри руасои қабоили ҷанубӣ ва вазирӣ супорид...»[2]. 1-уми ноябри соли 1929 дар Чаман 12 кас (аз 14 кас 2 кас гӯрехта буд) аз аъзоёни ҳукумати Ҳабибулло аз ҷумла худӣ ӯ ба дор овехта шуданд[3]. Ҳ.Назаров бошад, ин арқомро 17 нафар нишон додааст[4].

Ҳамин тавр, Ҳ.Назаров менависад, ки ба сари ҳокимият яке аз сулолаҳои иртиҷоитарини Афғонистон сулолаи Нодирӣ омад. Ин сулола манфиати феодалон, рӯҳониёни калони афғонро ҳимоя намуда, сиёсати

[1]Тоҷикистони Сурх 14 октябри соли 1929
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.404
[3]Наступление английского империализма на Афганистан и Персию. С.91.
[4]Ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.404.

зиддихалқӣ мебурд. Деҳқонон мисли пештара безамин, нимгурусна, қашоқ ва пойбанд монданд.

Бешубҳа китоби Ҳ.Назаров таҳқиқоти бисёр пурарзиш дар бораи давраи бисёр ҳасоси таърихи Афғонистон мебошад. Роҷеъ ба асари устод устод «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX» як зумра муҳаққиқон тақризҳои пурмуҳтаво навиштааанд. Аз ҷумла, дар тақризи афғонистоншиносони номӣ Қ.Искандаров ва П.Қаландарбеков зери унвони «Таҳқиқоти муҳиме дар афғоншиносӣ» таъкид мешавад: «Ҳ.Назаров дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва таҳқиқоти олимони мухталиф ба хулосае омадааст, ки шӯриши зиддиҳукуматии деҳқонони тоҷик, натиҷаи рушди ноҳамвори ҷамъияти афғонӣ буд, ки вазъи зиндагии оммаи васеи аҳолиро бисёр ҳам тоқатфарсо сохта буд»[1].

Дигар афғонистоншиноси шинохтаи тоҷик С.Шохуморов дар тақризи худ ба ин асари Ҳ.Назаров баҳои баланд дода, менависад: «Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши амиқи таносуби авомили миллӣ ва иҷтимоӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҷунбиши зиддифеодалии деҳқонон бо далелҳои муътамад нишон додааст, ки ҳукумати Ҳабибуллои Калаконӣ манофеи табақаи мазлуми тамоми гурӯҳҳои қавмиро ифода мекард ва шикасти он натиҷаи шиддат гирифтани ихтилофоти миллию қавмӣ набуда, балки вобаста ба он буд, ки низоми вай ба як истибдоди феодаливу амирӣ табдил ёфт»[2].

Асари Ҳ.Назаров «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX» як саҳифаи наверо дар афғонистоншиносии шӯравӣ ва тоҷик боз намуд. . Шахсияти Калаконӣ ва сабаби зуҳури шуриши деҳқонон бо

[1]Искандаров Қ., Қаландарбеков П. Таҳқиқоти муҳиме дар афғоншиносӣ. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане Душанбе, 1989 //Тоҷикистон.– 1990.-№10.С.24

[2]Шохуморов С. Х. Назаров Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане.– Душанбе:Дониш, 1989.– 265 с.// Изв. АН ТаджССР. Сер. Востоковедение, история, филология.– 1990.– №3(19). С.78.

раҳбарии ӯ дар афғонистоншиносии шӯравӣ воқеъбинона таҳқиқ гардид, ки натанҳо арзиши илмӣ, балки аҳамияти сиёсиро низ доро мебошад.

Афғонҳо баъд аз инқилоби Савр ҷуръати бештаре пайдо намуданд, ки дар бораи шӯриши Ҳабибуллои Калаконӣ, шахсияти ӯ матолиби тозае нависанд, ки воқеиятро беҳтар инъикос кунанд. Аз ҷумла, китобҳои навиштаи устоди забардаст Халилуллоҳи Халилӣ тағйироти муайяне дар афкори мардум ба вуҷуд овард. Соли 1979 берун аз Афғонистон «Шӯрои ёдбуди Ҳабибуллохон – намояндаи фақирон ва мазлумини Афғонистон» ташкил гардид.

Бо сукути давлати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои он ақидаҳо дар арзёбии ҷунбиши иҷтимоии солҳои 20–ум, хосса шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ дар байни муҳаққиқон ҳар гуна шакл гирифт.

Халиллулоҳи Видод соли 1996 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Кишвардории амир Ҳабибуллоҳхон–Бачаи Сақо (январ–октябри соли 1929)»[1] дар шаҳри Маскав ҳимоя намуд. Дар рисола таъкид мегардад:
«Ҳабибулло аҳамияту имконоти ёрмандиро аз ҷониби ИҶШС дарк наменамуд, ҳатто мавсуф кӯмакро бо босмачиён тақвият мебахшад. Аммо дар ИҶШС ҳамаи имкониятҳои ҳамкорӣ бо Ҳабибуллоро низ сарфаҳм намерафтанд. Дар соли 1929 Сталин ҳатто ба монанди солҳои 1921–1922 иттифоқ бо ҷонибдорони шариат ва урфу одати мусулмониро иҷозат намедод. Ғайр аз он, мавсуф, ҳамон замон махсусан таъқиботи бераҳмонаи на танҳо босмачиён, балки ҷонибдорони Султон Галиевро, ки кӯшиши мафкураи коммунизм ва ислом, ғояҳои адолати иҷтиморо бо урфу одатҳои мусулмониро якҷоя кардан мехостанд, ба муқобили онҳо мубориза оғоз намуданд.

Устод низ ба ин мавзӯъ бо нигоҳи нави илмӣ бархурд намуда, дар сукути ҳукумати тоҷикон дар Афғонистон бо сарварии Ҳабибуллои Калаконӣ дар солҳои 20–уми қарни XX даст доштани абарқудратҳо

[1]Халилулла В. Правление эмир Хабибуллы-хана Бачаи Сакао (январь-октябрь 1929 года): автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. ист. наук. – М.,1996.– 16 с.

Россияи Шӯравӣ ва Британияи Кабирро бо далелҳои муътамад исбот намудааст.

Махсусан, дар асари машҳури худ «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» ин мавзӯъ бори дигар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст[1].

Ёддоштҳои резиденти кумитаи бехатарии шӯравӣ (ОГПУ) Г.Оқобеков дар Кобул далели равшани он мебошанд, ки нисбати ҳукумати тоҷикҳо дар Кобул бо сарварии Ҳабибуллои Калаконӣ байни ниҳодҳои шӯравӣ дидгоҳи мухталиф мавҷуд буд. Иттиҳоди маъмурияти сиёсии давлатӣ (ОГПУ) дастгоҳи иттилоотии махфии шӯравӣ таъкид медошт, ки Ҳабибулло писари як нафар сақо аз табақаи ранҷбар аст, ҳукумати шӯравӣ бояд аз ӯ пуштибонӣ намояд. Аммо вазорати корҳои хориҷии шӯравӣ қиёми Ҳабибуллои Калакониро таҳрикдиҳанда аз ҷониби англисҳо меҳисобид. Аз ин рӯ, онҳо кӯмаки худро ба Амонуллохон барои ноком сохтани англисҳо рӯи даст гирифтанд. Ин буд, ки як даста нерӯҳои мусаллаҳи Шӯравӣ бо сарпарастии В.Примаков ва Ғулом Набихон ба кӯмаки Амонуллохон фиристода шуданд, аммо онҳо низ ӯро наҷот дода натавонистанд. Ҳарчанд Г.Оқобеков таъкид менамуд, ки ҳукумати Аммонулохон дигар тавоне надорад ва мардум онро дастгирӣ намекунанд ва ҷонибдорӣ аз Ҳабибуллои Калаконӣ ба манфиати шӯравӣ ҳисоб меёбад, дар акси ҳол англисҳо М.Нодирхонро ба сари қудрат меоранд. Дар ҷавоб муовини вазири корҳои хориҷӣ В.Карахонов иброз медорад: «...барои мо аз Бачаи Сақо дида бо Нодирхон сару кор кардан афзалтар аст, зеро Бачаи Сақо як тоҷик аст ва ҳамқавмони ӯ дар Туркистон мавҷуд ҳастанд ва табиист кӯшиш мекунад, ки ба тарафи сарҳадоти мо ҳаракат кунад. Нодирхон як афғони асил аст, талошҳои худро ба тарафи сарҳадоти Ҳинд мутаваҷҷеҳ хоҳад кард»[2]. Ҳарчанд бо далелҳои муътамад Г.Оқобеков таъкид менамуд, ки тоҷикҳо аз сарҳадоти Туркистон то соҳилҳои уқёнуси Ҳинд ҳама ҷо сукунат

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.372-405.
[2]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон С.399- 400.

доранд, аммо қаноатмандии тарафи муқобилро ба даст оварда натавонист.

Дар хусуси ҷунбиши Ҳабибуллои Калаконӣ Ҷамолиддин Сино Далерӣ чунин менигорад: «Ҷунбиши Ҳабибуллои Калаконӣ аз назари нигоранда ба ҳеҷ ваҷҳ ҷунбиши деҳқонӣ пиндошта намешавад. Зеро ҷунбиш худ ангехтаи деҳқони мавлуди муборизаҳои табақотӣ ва қиём дар баробари заминдорон ва феодалони бузург мебошад, ки бо ситами маҳсул ва самараи кишт ва кори деҳқононро ғасб намуда ва ононро ногузир, беҳаракат дар дифоъ аз ҳуқуқҳои хеш менамояд. Дар ҳоле, ки дар ҳаракати Ҳабибуллои Калаконӣ ва басиҷи мардумони норозӣ ба нафъи ӯ, бештарин саҳмро рӯҳониён ва заминдорони бузург ва бархе дигар табақоти ҳоким, ки ислоҳоти Амонуллохонро муғайири манофеи хеш мепиндоштанд, донистаанд. Лизо мояи феодалии ин ҳаракат барҷастатар аз намуди деҳқонии он мебошад»[1].

Умуман, китобҳои Халилулоллоҳи Халилӣ «Айёре аз Хуросон», «Таҷовузи рус бар Афғонистон», Ёддоштҳои ҷосуси русӣ дар Кобули Оқобеков, ки дар Ғарб чопшуда бо чандин забонҳои дунё аз ҷумла ба забони форсӣ тарҷума ва нашр шудаанд, ин дасисаро ошкор ва дурустии андешаҳо ва консепсияи пешниҳодкардаи Ҳ.Назаровро исбот карданд.[2]

Шарофиддин Имом дар китоби худ «Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX», перомуни Ҳабибуллои Калаконӣ чунин нигоштааст: «Давлати Ҳабибуллои Калаконӣ дар амри шинохти байналмилалӣ низ ноком монд. Зиёда аз он, бо баҳонаи он ки давлат аз амири собиқи Бухоро Сайид Олимхон аз муқовиматгарони мовароуннаҳрӣ пуштибонӣ менамояд, Иттиҳоди Шӯравӣ фишори худро болои давлат афзоиш дод. Эрон дар фикри

---

[1]Ҷамолиддин Сино Далерӣ. Ҷойгоҳи рушанфикрони Афғонистон дар пойдории сулҳ Душанбе:Деваштиҷ, 1383 (2004). С.216.
[2]Искандаров Қ.Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон… С.52.

ишғоли Ҳирот шуд. Британиё кӯмаку мусоидати худро ба Муҳамаднодирхон васеъ менамуд»[1].

Бар хилофи онҳо муғризоне чун Самсури Афғон дар китоби «Сақовии дувум» (Халилуллоҳи Видоди Бориш ин китобро китобчаи шайтон номидааст– Д.Қ.) ва ҳатто оқои М.Ғубор ва иддае аз миллатгароёни камзарфу тирамағзи дирӯзу имрӯз амир Ҳабибуллоро дар навиштаҳои хеш чандин сол ба ин тараф муттаҳам ба бесаводӣ, одамкушию роҳзанӣ намуда, виҷдони худро дар пешгоҳи халқ ва Худо ба оташ мезананд ва ин сангандозиҳои ноҷавонмардона танҳо як сабаб дорад, яъне «Бачаи Сақо» аз табори тоҷик аст ва аз миёни ақвоми мухталифи Афғонистон (Хуросон ё Кобулистони дирӯз) нахустин фарде, ки пас аз гузашти ду қарн, сулолаи худкомаи қабоили афғонро аз арки қудрат парт намуд, ҳамин «Бачаи Сақо»–и тоҷик буд ва ин кина аз дили ташнагони қудрату томеъони салтанат нарафт ва намеравад[2].

Мақолаҳои дар сомонаҳои интернетӣ дар дохил ва хориҷ аз кишвар дар мавзӯи Ҳабибулои Калаконӣ навишта шуда низ паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти давлатдории ин шахсиятро инъикос намудаанд, ки дар умум ба назариёти Ҳ.Назаров мушобеҳ ва ё якхелаанд.

Амир Ҳабибуллохон бо ин ки мухолифи давлат ва ислоҳоти Амонуллохон буд, вале баъд аз ин ки ба қудрат расид, дар суханронии худ аз подшоҳии собиқ ба хотири талош дар ҷиҳати гирифтани истиқлоли Афғонистон аз ӯ ситоиш кард, вале гуфт, ки «истиқлол на аз ман аст ва на аз Амонуллохон, балки аз Шумо мардум аст»[3].

Ҷумъахон Алимӣ дар рӯзномаи «Миллат» дар ду нашри он таҳти унвони «Бачаи Сақќо ё Ҳабибуллохон кӣ буд?»[4] мақолаи пурмӯҳтавое

---

[1]Имом Ш.Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX.С.119.

[2]Шукурзода М. Размоварони Ҳиндукуш С.302.

[3]Меҳди А.Ҳабибуллоҳи Калаконӣ кӣ буд ва чӣ гуна кушта шуд? [манбаи электронӣ] *http://rokh.af/archives/447* (санаи истифодабарӣ:25.02.2019);

[4]Ҷумъахони А. Бачаи Сақќо ё Ҳабибуллохон кӣ буд? [манбаи электронӣ] http://www.millat.tj/articles/ravzanabajahon/2818-bachai-saqqo-yo-habibullohkhon-ki-bud-2818.html 7.12.2011 08.58 (санаи истифодабарӣ:27.02.2019); http://www.millat.tj/articles/ravzanabajahon/2833-bachai-saqqo-yo-habibullohkhon-ki-bud-2833.html 17.12.2011. 09.26 (санаи истифодабарӣ:27.02.2019);

навиштааст, ки дар он дар хусуси кору пайкори Ҳабибуллохон ва сабабҳои сукут ва ҳалокати ӯ ва ёронашро бо далелҳои муътамад нишон додааст. Мувофиқи арзёбии ин муҳаққиқ Британиё ва русҳо иттиҳоди тоҷиконро дар ҳеҷ замону макон аз сари нав дар як давлати бузургу калон муттаҳид гаштани тоҷикон ва тоҷикзабонҳоро хуш надоштанд ва инро ҳамчун як амри табиӣ қабул карда наметавонистанд.

Дар мақолаи «Подшоҳи дилдода», ки муаллифи он Муҳаммадолам Абдулло Сарварӣ ва баргардон аз хаттӣ форсӣ бо забони тоҷикӣ Насибҷон Амонӣ мебошад, дар хусуси Ҳабибуллои Калаконӣ маълумоти нодир аз таълифоти муҳақиқони афғон оварда шудааст. Барои мисол дар мақола аз андешаҳои Сайид Қосимхони Риштиё дар хусуси Бачаи Сақо оварда шудааст. Қосимхони Риштиё аз ҷавонмардии Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ ёддоштҳое дорад, ки аз ин қарор аст: «Баъд аз ин ки Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ ба қудрат мерасад, як даста хоҳарони ҷавони Амонуллохон дар арк мавҷуд буданд. Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ на танҳо нагузошт, ки дастони душманони Амонуллоҳ ба домони он духтарони ҷавон бирасад, балки посдори обрӯ ва иззаташон гардид»[1].

Мақолае таҳти унвони «Тобути оташин», ки бо қалами С.Аюбзод тааллуқ дорад, далелҳои тозаи илмӣ дар хусуси қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ дар худ нигоҳ доштааст. Муаллиф менависад: «1–уми сентябри соли 2016, дар Кобул турбати Амир Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ, машҳур ба Бачаи Сақоро, ки 9 моҳ подшоҳи Афғонистон буд, бо риояти расму ойини мусалмонӣ ба хок супурданд. Тирамоҳи соли 1929, вақте амири нави Афғонистон, Нодиршоҳ, ки бо ёрии Британиё ва Россия, қудратро ба даст оварда буд, Ҳабибуллоҳхон ва ёрони ӯро ба қатл расонд, аммо иҷоза надод, ки бино бар ойини мусалмонӣ дафн карда шаванд[2]. Баъд аз

[1]Муҳаммадолам А.С. Подшоҳи дилдода [манбаи электронӣ] http://tajikam.com/tajik/index.php?option=com_content&view=article&id=38:2012-02-22-09-24-46&catid=5:personalities&Itemid=3 (санаи истифодабарӣ 28.02.2019)

[2]Аюбзода С. Тобути оташин [манбаи электронӣ] **https://aioubzod.wordpress.com/2016/09/01/%D1%82%D0%BE%D0%B1%D1%83%D1%82%D0%B8-%D0%BE%D1%82%D0%B0%D1%88%D0%B8%D0%BD/** (санаи истифодабарӣ 1.03.2019)

86 сол пайкараи ӯ бо иззату икром бо хондани намози ҷаноза дар масҷиди Идгоҳи Кобул аз нав дар теппаи Шаҳроро ба хок супурда шуд.

Мақолаи «Амир Ҳабибулло– шоҳи тоҷик дар Афғонистон», ки дар сомонаи «Азия–Плюс» маҳфуз аст, андешаҳои таърихнигор Камол Абдуллоевро дар хусуси ин шахсият ва таърихи сари давлат омадани ӯ ва дигар маълумоти ҷолибро дар бар мегирад. Ин таърихнигор низ дар суқути ҳокимияти Ҳабибуллохон даст доштани давлатҳои Ғарб хосса Британиё ва Маскавро мебинад. Дар охири мақола таърихнигор Камол Абдуллоев андешаҳои бархе аз таърихнигорони ватанӣ ва хориҷиро дар хусуси ин қиём баён намудааст. Барои мисол шахсияти Ҳабибулло ва табиати ҷунбиши ӯ барои муҳаққиқони тоҷик Ҳақназар Назаров, шогирдони ӯ ва як қатор муаллифони афғон ҳамчун тоҷики миллатпараст ва ватандӯст, ки муқобили шовинизми паштунҳо баромадааст, арзёбӣ карда мешавад. Халилуллоҳи Халилӣ содиқ будан ба ғояҳои исломӣ аз ҷониби Ҳабибулло ва ҷунбиши Сақовиро ҳамчун ғояи динӣ дошта тасвир намудааст. Муҳаққиқи муосири фаронсавӣ Оливе Руа Ҳабибуллоро фундаменталистӣ исломӣ мешуморад. Аксари зиёди муаллифони афғон ҳукмронии амир Ҳабибуллоро коррупсионӣ ва ҷинояткорона ҳисоб мекунанд. Ҳастанд нафароне, ки ӯро ҷинояткоре, ки исломи воқеиро нодуруст бо услуби ҳаракати Толибон тафсир додааст, ҳисоб менамоянд. Дар хотима муҳаққиқи ҳиндӣ Сензел Навид чунин меҳисобад, ки сабаби қиёми Сақовӣ мавҷуд будани камбудиҳои иҷтимоии хислати ғайридинӣ буданд, ки баъдан рӯҳониён сарварии ҷунбишро ба даст гирифтанд ва ба он хислати динӣ доданд[1].

Ҳамин тавр, дар маҷмӯъ устод Ҳ.Назаров дар арзёбии ҷунбишҳои иҷтимои солҳои 20-ум дар фарқият аз дигар афғонистоншиносон ба чунин натиҷа мерасад, ки ҷунбишҳои деҳқонони қашшоқ ба муқобили зулми феодалӣ ва бахри беҳсозии аҳволи иҷтимоӣ ва моддии худ нигаронида шуда буданд. Аммо гурӯҳҳои гуногуни феодалию

[1]Абдуллоев К.Эмир Хабибулла– таджикский король Афганистана[электронный ресурс] *www/news.tj/ru/ news/emir-khabibulla-tadzhikskii-korol-Afganistana/09:51/6.08.(дата обращения:19.11.2018 г.)*

аристократӣ ва рӯҳониён кӯшиш менамуданд, қиёмҳои одилонаи оммаи мардумро барои баровара сохтани манфиатҳои танги синфии худ истифода баранд.

Дар баробари ин Ҳ.Назаров зимни таҳлили ҷунбиши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ ва дар суқути ҳукумати ӯ даст доштани абарқудратҳо – Иттиҳоди Шӯравӣ ва Британияи Кабирро бо далелҳои қотеъ муайян намудааст, ки ин ақидаи Ҳ.Назаровро бисёре аз афғонистоншиносони дигар низ ҷонибдорӣ намудаанд.

## 3.3. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон

Ҳ.Назаров дар радифи дигар корҳои илмии анҷомдода оид ба Афғонистон ба масъалаи таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанг дар ин кишвар даст зада, мақолаҳо ва асарҳои арзишманд навиштааст.

Таҳлилу баррасии осори муҳаққиқ шаҳодат аз он медиҳад, ки мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон бемуболиға калон мебошад.

Аммо аз чӣ бошад, ки бархе аз муҳаққиқони ғарбӣ, шӯравӣ ва афғон бо таъсиси давлати Дурроиён дар соли 1747 дар сарзамини Хуросон ҷойгоҳи тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳанги нодида мегирифтанд.

Бархилофи бархе аз муҳаққиқони афғонистоншинос устод Ҳ.Назаров мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон муҳим арзёбӣ намудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ саҳми тоҷикони Хуросон дар ҳаёти сиёсӣ ва офаридани фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик аз саҳми тоҷикони Мовароунаҳр зиёд набошад, камтар нест.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои он устод тасмими қатъӣ гирифт, ки як асари мукаммали таҳқиқотӣ дар бораи тоҷикони Афғонистон таълиф намояд ва он ҳама

далелу арқоми бардурӯғе, ки нақши тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон равшан инъикос наменамуданд, бо нигоҳи нав ба риштаи таҳқиқ кашад. Зеро дар қарни XIX мустамликадорони англис ва рус дар миёни тоҷикони ду самти соҳили дарёи Ому як сарҳадбандии маснӯи эҷод кардаанд. Мардумони Хуросон ва Мовароуннаҳр баъд аз ин тақсимот ҳаққу ҳуқуқ надоштанд, бо ҳам иртибот ва муомилоти доимӣ дошта бошанд. Бо ғалабаи Инқилоби Октябр иртибот қатъ шуд, ки ин ба сарнавишти мардумони тоҷики ҳар ду соҳил таъсири фоҷиабор гузошт.

Дар 70– соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ низоми сиёсии он имкон намедод, ки муҳаққиқоне чун Ҳақназар Назаров мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Хуросон (Афғонистони кунунӣ–Д.Қ) холисона арзёбӣ намоянд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар осори Ҳ.Назаров, ки ба Афғонистон бахшида шуда буданд, истилоҳи «тоҷик» ба таври ошкоро хотирасон карда намешуд ва истилоҳи «мардумӣ», «мардумони ғайриафғон» ва дар баъзе аз саҳифаҳои осори худ «тоҷик» ба кор бурда мешуд.

Ҳукумати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар зарфи 70–соли мавҷудияти худ аз сиёсати азаматалабии паштунҳо пуштибонӣ намуда, ҷойгоҳи миллатҳои ғайрипаштун, хосса тоҷиконро нодида мегирифт, ки он сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дошт.

Яке аз шогирдон ва пайравони консепсияи устод Ҳақназар Назаров, профессор Қ.Искандаров таъкид менамояд: «Дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ сиёсате пеш гирифта шуда буд, ки иртиботи тоҷикони Афғонистонро бо тоҷикони Осиёи Миёна мамнӯъ мекард. Дар таҳқиқоти олимони Шӯравӣ аз ҷумла Тоҷикистон ҳам маҳали сукунат ва фаъолияти тоҷикон танҳо ба Мовароуннаҳр маҳдуд карда мешуд. Хоста ё нохоста таърих ва сарнавишти тоҷикони Афғонистон аз мадди назар дур гузошта мешуд»[1].

Аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 90–уми қарни XX ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои он, новобаста аз мушкилоте, ки

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.64.

баъд аз истиқлолият ҷомеаи Тоҷикистонро ба асари ҷанги бародакушӣ фаро гирифта буд ва муассисаҳои илмӣ хосса Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ низ ба ин мушкилот мувоҷҷеҳ гардид, аммо Ҳ.Назаров дар ин солҳои душвор низ аз кори таҳқиқоти илмӣ даст накашид. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва ба ваҳдати комил расидани миллати тоҷик дар соли 1997, бори дигар умедҳои аҳли равшанфикри тоҷикро, ба вижа устод Ҳ.Назаровро ба кори таҳқиқоти илмӣ дубора гарм намуд.

Ҳамаи ин боиси он гардид, ки соли 1998 асари бунёдии Ҳ.Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар ҳаҷми 656 саҳифа ба чоп расонида шуд, ки натиҷаи заҳмати чандинсолаи устод ҳисоб меёфт.

Дар пешгуфтори ин китоб суханони пурҳикмати Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ҷой дода шудаанд, ки фармудааст: «Ман ба золим ва мазлум яксон адоват дорам. Ба золим барои зулмаш ва ба мазлум барои он ки зулмро қабул кардааст»[1].

Мутолиаи ин асари пурарзиш, ки аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар бораи тоҷикони Афғонистон аст, муҳаққиқони риштаи афғонистоншиносиро ба чунин натиҷагирӣ оварда расондааст, ки мо низ ин андешаҳоро ҷонибдорӣ менамоем:

1. Тоҷикон бар хилофи афғонҳо (паштунҳо), ки дар як минтақаи силсилакӯҳҳои Сулаймонӣ, ки дар шарқи ин сарзамин зиндагӣ мекарданд, аз сокинони бумии он мебошад ва аксари кулли сокинони онро ташкил медоданд[2]. Ин андешаи муҳаққиқ Ҳ.Назаровро муҳаққиқоне, ки холисона ба таҳқиқоти Афғонистон машғуланд, ҷонибдорӣ менамоянд.

2. Ташкилшавии давлати Дурраниҳо дар нимаи қарни XVIII дар сарнавишти халқҳои Афғонистон нақши якхела надоштааст. Робитаҳои таърихию фарҳангӣ миёни марказҳои асосии тамаддуни тоҷикон

---

[1]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.С.3.
[2]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.65.

Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, Балх, Кобул, Ғазнӣ ва ғайра то ҳадде гусаста шуданд, ки ба пешрафти фарҳанги тоҷикон садама ворид намуд[1].

3. Ин минтақа то ибтидои асри XIX, яъне то ташкилшавии давлати Дуррониҳо ҳам ба номи Хуросон ёд мешуд ва номи «Афғонистон» ба ин давлат ба таври сунъӣ аз тарафи хориҷиён гузошта шудааст[2].

4. Тибқи муқаррароти мавҷуда низоми давлатдории пешина ва баъдинаи Афғонистон бар асоси анъанаҳои қадимии эронӣ тартиб дода мешуд ва аз он иборат буд, ки новобаста аз мансубияти қавмӣ, хонадони салтанатӣ, ҳангоми интихоби вазирону соҳибмансабони дигар кордонӣ, қобилият, сулукот ва вафодории шахси муаззаф ба эътибор гирифта мешуд ва мансубияти қавмӣ аҳамият надошт. Лекин дар давлати Дуррониҳо қавмпарастӣ ва қабилагароӣ дар ҳама сатҳҳо боло гирифт. Вазифаҳои муҳимми давлатӣ ва низомӣ дар байни хонҳои қабоили гуногуни Дурронӣ ба таври меросӣ тақсим шуда буданд ва аз болои иҷрои он Ҷиргаи хонӣ назорат мекард[3].

5. Ба маҳдудиятҳо ва табъизоти қавмии афғон нигоҳ накарда, тоҷикон ба ҳайси як миллати соҳибватан дар ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ ва рушду нумӯи Афғонистон ҷоннисориҳои бедареғ карданд. Ба хусус қаҳрамониҳои онон дар ҷангҳои зиддианглисӣ солҳои 1838–1842, 1878–1880, 1919 мубориза ба муқобили таҷовузи Шӯравӣ солҳои 1979–1989 хеле бузург аст[4].

6. Тоҷикҳо дар тули таърих ҳеҷ гоҳ ба сифати нерӯи таҷзияталаб ё марказгурез баромад накарданд, баръакс амирони афғонӣ – чӣ Дӯстмуҳаммадхон (1843–1862), Шералихон (1862–1880) ва чӣ Абдураҳмонхон (1880–1901) маҳз бо ёрӣ ва мадади тоҷикон на танҳо

---

[1]Искандаров Қ., Нуриддинов Ҳ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ. Душанбе, 1998.//Шоҳроҳи Ваҳдат.–1999.–№6.С.62.

[2]Искандаров Қ. Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008).С.94.

[3]Искандаров Қ. Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон//Шарқшиносии тоҷик (1958-2008)..С.95.

[4]Ҳамон ҷо.

соҳиби тоҷу тахт шуданд, балки ба ташкили давлати мутамарказ ва муттаҳид сохтани сарзамини Хуросон муваффақ шуданд[1].

7. Тоҷикон дар ҳама таҳаввулоти муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон пешсафу пешқадами ҷомеа буданд. Нақши тоҷикон дар наҳзати машрутахоҳӣ, таҳаввулоти буржуазӣ–демократии солҳои 20 ва 40, ҷунбишҳои демократии солҳои 60 ва 70–уми асри гузашта ва амалӣ сохтани барномаҳои иқтисодии ҳукуматҳои Амонуллохон ва Зоҳиршоҳ чашмрас буд[2].

8. Дар хусуси таркиби миллии Афғонистон бояд мутазаккир шуд, ки дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ саршумори нуфус гузаронида нашудааст ва ягона саршумор соли 1979 гузаронида шуда буд, аммо ноқис ва арқоми он дар хусуси таркиби миллӣ аз назари ҷомеаи афғон пинҳон нигоҳ дошта мешуд. Табақаи ҳокими Афғонистон шумораи паштунҳоро дар ҳама маврид ба маротиб зиёд нишон медод. Афғонистоншиносони Шӯравӣ ва рус, ҳам бинобар манофеи геопалитикии давлат ҳамеша аз паштунҳо ҳимоят ба амал меоварданд. Ҳ.Назаров бо иттико ба маълумотҳои Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор паштунзабонҳоро 6 млн ё 40 дар сад ва даризабонҳоро 8 млн ё 53 дар сад муайян намудааст, ки ин арқомро таҳқиқоти мустақили олимони Ғарб низ тасдик мекунанд[3].

9. Бо вуҷуди ҳодисаҳои таърихӣ, ки ба коста шудани теъдоди тоҷикон дар қисматҳои ҷанубии Афғонистони имрӯза сабаб гардид, тоҷикон ҳоло ҳам яке аз ду унсури асосии этникии Афғонистон мебошанд ва ба ҳайси соҳибватанони асил, тамоми масъулияти сарнавишти ояндаи ватанашонро ба дӯш доранд, чуноне ки то ҳол доштанд[4]. Умуман сарнавишти ояндаи Афғонистон бидуни тоҷикон ва дигар халқҳои ин кишвар қобили тасаввур нест.

10. Ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон муаллифи «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»–ро ба диди якҷониба ё иғроқомез айбдор кард, зеро

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон. С.66.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон.С.67.
[4]Искандаров Қ., Нуриддинов Ҳ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ.С.63.

тамоми фикру андешаҳои асар бо далелҳои муътамад тақвият дода шудааст[1].

Умуман, муҳаққиқ дар ин асари худ аз мардумони мазлум ва ситамдидаи ғайрипаштун ҷонибдорӣ намудааст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ муқобил гузоштани ақвоми паштун ва ғайрипаштунро ҳадафи ниҳоии худ қарор надодааст. Аз ҷониби дигар муаллиф сиёсати азаматалабӣ, тафриқаандозӣ, бартариҷӯйии табақаи ҳокимро маҳкум намуда, таъкид менамояд, ки чунин идома ёфтани сиёсат дар байни миллатҳои сокини Афғонистон тухми нифоқ ва норозигиҳои зиёдеро ба бор хоҳад овард. Бо ин мақсад Ҳ.Назаров иброз медорад, ки бояд байни тамоми ақвоми Афғонистон ҷиҳати ба кишвари пешрафта табдил ёфтани мамлакат созиши умумӣ ба миён ояд, вагарна ояндаи сулҳу ваҳдат дар Афғонистон зери суол аст.

Хулосаҳое, ки аз ин асари бунёдии муҳаққиқ ироа гардидаанд, бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳаққиқ таҳқиқоти пурарзише дар хусуси мақому манзалати таърихии тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон анҷом додааст.

Ба табъ расидани ин китоб дар байни донишмадон ва ватандӯстони асили ҳам Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон хеле хуб истиқбол гардид.

Қабл аз ҳама шогирдони устод донишмадони забардаст Қ.Искандаров ва Ҳ.Нуриддинов мулохизахои худро оид ба ин китоб дар маҷаллаи «Шоҳроҳи ваҳдат» баён намуданд ва таҳқиқоти устод Ҳақназар Назаровро таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ номиданд[2].

Муҳаққиқи дигари тоҷик М.Лутфуллоев дар се шумораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз таърихи 17, 20 ва 24–уми марти соли 1999 ба таври муфассал аз ин асар таъриф ва тавсиф намудааст[3].

---

[1]Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон. С.67.

[2] Искандаров Қ., Нуриддинов Ҳ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ. С.54-63.

[3]Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон//Ҷумҳурият.– 1999.– 17 март.– №22 (20.092); //Ҷумҳурият.– 1999.– 20 март.– №23 (20.093); //Ҷумҳурият.– 1999.– 24 март.– №24 (20.094).

Устод М.Лутфуллоев дар тақризаш «Таърихи холисонаи соҳибватанон», оид ба китоби Ҳ.Назаров навиштааст, ки ҷоҳилон ҳеҷ гоҳ ҳақиқатро эътироф намекунанд ва агар тавонанд, онро гӯр мекунанд.

М.Лутфуллоев таъкид менамояд: «Баъди шикасти Ҳабибуллои Калаконӣ, октябри соли 1929 то табаддулоти низомии апрелии соли 1978, яъне қариб 50 сол ҳукумати паштунгарои афғон перомуни инкишофи забони пашту даҳҳо қонуну қарор қабул, миллионҳо афғонӣ сарф карда бошад хам, он аз доираи маҳдуди хонаводаи кӯчиёни саҳронишин берун набаромад. Чи тавре ки худашон эътироф мекарданд, забони мо то майдони ҳавоист. Тазодди зиндагиро бубинед, ки дар Афғонистон на танҳо таи 50 сол умуман роҷеъ ба инкишофу такмили забони дарӣ–тоҷикӣ аз ҷониби давлат ягон хел таваҷҷуҳе зоҳир нашудааст. Вале ин забон табиатан тоза ва гуворо мондааст ва тадриҷан инкишоф ёфтааст ва ҷои аввали худро байни 38 забонҳои дигари Афғонистон аз даст надодааст»[1].

Донишмади дигари тоҷик доктори илмҳои таърих, профессор Ф.Зикриёев ба китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» тақризи калоне навишта аз он истиқбол намудааст. Ба таъкиди Ф.Зикириёев муҳаққиқ Ҳ.Назаров солҳои тӯлонӣ дар Афғонистон кор ва зиндагонӣ намуда, дар асоси мавод ва сарчашмаҳои нодир ва гуногунранг, ки ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, англисӣ ва арабӣ мебошанд, як асари пурмазмунеро навиштааст. Асар аҳамияти методологӣ, назариявӣ ва илмӣ–амалӣ дошта, ба бисёр масоилҳои мавзӯи тадқиқшаванда рӯшанӣ андохтааст.

Профессор Ф.Зикриёев менависад: «Имрӯз вақте ки имконияти аз нигоҳи нав омӯхтани таърихи гузашта ба миён омадааст, ҳақ ба ҷониби муаллиф мебошад, ки чунин навиштааст: «Маҳз дар зери таъсири ҳаракати миллӣ–озодихоҳии тоҷикони Афғонистон бо сарварии Ҳабибуллои Калаконӣ, машҳур ба Бачаи Сақо буд, ки ҳукумати Шӯравӣ

[1]Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон//Ҷумҳурият.– 1999.– .– 20 март.– №23 (20.093);

бо таъсис намудани ҷумҳурии мустақили Шӯравии Тоҷикистон ризоят дод»[1]. Дар умум Ф.Зикриёев дар тақризи худ менависад, ки Ҳ.Назаров дӯстии байни тоҷикону дигар миллату қавмҳои Афғонистонро нишон дода, ба ҳеҷ ваҷҳ паштунҳоро бо тоҷикон муқобил нагузоштааст.

Муҳаққиқи дигари тоҷик профессор Ш.Имом шогирд ва ҳамкори устод Ҳ.Назаров аз китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» низ бо як хурсандии зиёде пуштибонӣ намуда, таълифи онро амри зарурӣ меҳисобад.

Профессор Ш.Имом иброз медорад, дар осори таърихнигорони муосир таваҷҷуҳи асосӣ ба масоили мухталифи тоҷикони Мовароуннаҳр мабзул гардида, сарнавишти таърихии тоҷикони Хуросон нимаи дуввум пайкари миллати тоҷик амалан сарфи назар мешуд. Дар идома Ш.Имом менависад: «Хусусияти муҳимми дидгоҳи таърихнигории муаллиф дар ин китоб барррасии масъалаҳои асосии сарнавишти тоҷикон дар робитаи ногусаста бо тамоилоти бунёдӣ ва амиқи таҳаввули ҷомеаи Хуросонзамин мебошад. Ин дидгоҳи муаллиф мақом ва нақши носутурдании тоҷиконро ҳамчун эҷодгарон ва нигаҳбонони арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, фарҳанг ва тамаддуни ғановатманди созмони давлатӣ ва асолати таърихии Хуросонзамин ба таври барҷаста собит кардааст. Ин нуктаи ҷавҳарӣ ва калидӣ бо далелҳои зиёди таърихӣ ҳамаҷониба асоснок шудааст»[2].

Соҳибназари дигари тоҷик узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, профессор Ҷ.Назриев яке аз шогирдон ва дӯстони дигари шодравон Ҳ.Назаров низ аз китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» баъди мутолиа, ба ин асари устод баҳои баланд додааст.

Аз ҷумла, профессор Ҷ. Назриев дар хусуси ин китоб чунин навиштааст: «Китоби калонҳаҷму пурмӯҳтавои Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» асари вежаест. Мақсад аз

[1]Зикриёев Ф. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, (Тақриз ба китоби Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»)// Анис.–1999.–.№2. С.85-87.
[2]Имом Ш. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, (Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»)// Анис.–2000.-№1.С.81-82.

навиштани ин асар нишон додани мақому мартабаи ростини миллати тоҷик дар Афғонистон ва рафъи тасҳиф ва таҳрифи «таърихнигорон», аниқтараш паштугароёну дуруғгӯёни олами илм дар Афғонистон аст»[1].

Дар умум тамоми равшанфикрони ватанӣ ва хориҷӣ шоҳасари «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»–ро таҳқиқоти мукамалу пурарзиш меҳисобанд, ки бидуни муболиға китоби рӯимизии ҳар як ватанпараст ва рӯшанфикр дар замони муосир ва оянда хоҳад гардид. Арзиши илмӣ ва қимати ин китоб бо гузашти замон барҷастатар ва возеҳтар мегардад.

Мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон (Хуросон) чӣ дар гузашта, чӣ дар замони муосир ва чӣ дар оянда барҷастатар хоҳад гардид.

Афғонистон шахсиятҳои барҷастаи фарҳангӣ аз қабили Борбад, Монӣ, Залон, Сароҳанг, Ношинос, Хаёл, Нағма, Ҳангома, Сорбон, Аҳмад Зоҳир ва амсоли инҳоро парваридааст, ки аз сурудаҳои онҳо на танҳо мардумони Шарқ, балки олами Ғарб ҳам баҳравар гардиданд. Аксари чеҳраҳои фарҳангии Афғонистон тоҷик буданд ва бо забони ноби форсии дарӣ сурудҳо мехонданд.

Хуросони Бузург (Афғонистони имрӯза) садҳо ахтарони тобноки назми оламгири форсиро аз қабили Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва шогирди он бузургвор Алишери Навоӣ, Саноиву Носири Хусрав, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Робиаи Балхӣ, Мавлоно Ҳотифии Ҳиравӣ, Камолиддини Биноӣ, Нозими Ҳиротӣ, Абумансури Муваффақ, наққоши мониқалам Камолиддини Беҳзод парваридааст.

Бунёдгузори фиқҳи ҳанафӣ– Имоми Аъзам бо тахаллуси Имом Абу Ҳанифа аст, ки форситабор ва зодаи Парвони бостонист.

Дар садаи XX мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон боз ҳам густариши бесобиқа пайдо намуд. Дар ин хусус

---

[1]Назриев Ҷ. Аввалин таърихшиносе, ки унвони номзади фанҳои таърихро гирифт *[манбаи электронӣ].* http://www.ruzgor.tj/tarih/4995-avvalin-tarikhshinose-ki-unvoni-nomzadi-fanhoi-tarikhro-girift-9295.html *(санаи истифодабарӣ:* 24.11.2018*)*

шодравон М.Бобохонов дар шоҳасари худ «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» дар бахши тоҷикони Афғонистон марҳилаҳои шаклгирии давлатро дар Афғонистон аз замони бостон то ибтидои қарни XXI бо такя ба муаллифони дохилию хориҷӣ хосса Ҳ.Назаров ба ришати таҳқиқ кашидааст. Устод М.Бобохонов ба мисли Ҳақназар Назаров хизмати таърихии тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон баён намуда, аз чанд шахсияти таърихии сиёсӣ ва фарҳангӣ аз қабили Холмуҳаммади Хаста, Муҳаммад Ҳошими Шоиқ, Муҳаммад Башири Бағлонӣ, Тоҳири Бадахшӣ, Маҳбубуллоҳи Кошонӣ дар асараш ёд намудааст[1].

Тоҷикон дар ҷанги сеюми Англия ва Афғонистон низ корнамоиҳои зиёде нишон дода, дар дастёбӣ ба истиқлолияти сиёсии мамлакат саҳми бузург гузоштанд. Яке аз муборизони роҳи озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон ва ҳамсафи наздики шоҳ Амонуллоҳ, Муҳаммад Валихони Дарвозӣ буд. Ӯ дар вазифаҳои вазири дифоъ, сафири сайёр ва вазири хориҷии Афғонистон кор карда, дар муаррифии истиқлолияти Афғонистон дар сатҳи ҷаҳонӣ хидматҳои пурарзиш намудааст. Генерал Муҳаммад Валихони Дарвозӣ ду бор бо В.И.Ленин дар Кремл мулоқот намудааст ва аввалин шартномаи дӯстии Россияи Шӯравӣ бо Афғонистонро дар 28 феврали соли 1921 имзо намуда буд. Россия аввалин давлати хориҷӣ буд, ки истиқлолияти Афғонистонро ба расмият шинохт ва В.И.Ленин зимни мулоқот бо Муҳаммад Валихони Дарвозӣ дар бораи ӯ гуфта буд, ки «Афғонистон инчунин шахсиятҳои фаҳим ва кордон дорад, ки тавонистанд истиқлоли худро аз Британияи Кабир ҳосил намоянд»[2].

Афғонистон дар садаи XX ва XXI чеҳраҳои дигари мондагорро аз қабили бузургтарин шоири форсизабон нобиға устод Халилулоҳи Халилӣ, шаҳидони роҳи озодӣ амир Ҳабибуллои Калаконӣ, устод

[1]Ниг.: Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон.Душанбе:Ирфон, 2002.С.207-209.
[2]Искандаров Қ. Тоҷикони Афғонистон дар раванди рақобатҳои қавмию сиёсии кишвар //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ.– 2017.– №3/6.С.17.; Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ.С.201.

Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмашоҳи Масъуд, маршал Муҳаммадқасими Фаҳим, генерал Довуд, меҳанпарасти донишманд Латифи Пидром, устодон Атомуҳаммади Нур, Юнуси Қонунӣ, бародарони қаҳрамони миллии Афғонистон Масъуди Кабир – Аҳмадвалии Масъуд ва Аҳмадзиёи Масъуд, муҷоҳидони қаҳрамон Исмоилхон ва устод Шодоб, вазири умури хориҷӣ Салоҳиддини Раббонӣ ва амсоли инҳоро ба майдон овард, ки аксаран тоҷик мебошанд.

Намояндагони паштунҳо назарияҳои бунёди давлати якқавмӣ ва якзабониро пешниҳод намуда, кӯшиш доранд, то он амалӣ гардад. Аммо онҳо дарк намекунанд, ки дар кишваре ба мисли Афғонистон, ки дар он қавму қабоили мухталиф иқомат доранд, ин назариётро амалӣ сохтан кори мушкил ҳисоб меёбанд. Онҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки дар садаи XXI низ аз ин амали худ даст накашанд ва нақши тоҷикон ва дигар ақвоми ғариафғонро дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи Афғонистон нодида гиранд.

Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Қ.Искандаров, Р.Давлатов ва Р.Абдуллоев намояндагони ин гурӯҳҳо устод Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъудро «Сақавии дуввум» хонданд. (Сақавии аввал Ҳабибуллои Калакониро меномиданд) ва дар китобе, ки бо номи «Сақавии дуввум» дар соли 1998 ба нашр расид, ба таври возеҳ нақшаи дар инзиво қарор додани тоҷикон, кӯч додани онҳо аз минтақаҳои истиқоматии доимӣ, махсусан аз сарҳадҳои шимол ва атрофи Кобул ба минтақаҳои дигарро таҳия намуданд[1].

Ин андешаи муаллифонро дигар муҳаққиқон аз ҷумла М.Шукурзода ҷонибдорӣ намудааст ва дар асари худ таъкид менамояд: «Муаллифи китоби «Сақовии дуввум» (Самсури Афғон–Д.Қ.) ва дастёрону ҳамандешонаш барои он, ки дар оянда «Сақовии саввум», яъне фарди тоҷик ё ғайрипаштун дар Афғонистон ба сари қудрат наояд, ҷиҳати ҷилавгирӣ аз он ва ҳифзи вахдати миллӣ ва тамомияти арзии

[1]Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ.С.204.

кишвар дар бахши ниҳоии «китобчаи шайтон» ба таври мушаххас чанд пешниҳод матраҳ месозад, ки дарбаргирандаи дидгоҳҳои фашистии созмонҳои ҷосусии хориҷӣ, ҳизби натсионалистии «Афғон миллат» ва иддае афроди маризаҳвол ва дар маҷмӯъ, душманони Афғонистон дар ҳоли оромиш ва тавсиа мебошанд»[1].

Умуман нақши тоҷикони Хуросон ба мисли тоҷикони Мовароуннаҳр дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии олами Шарқ ва Ғарб бениҳоят калон аст. Ҳарчанд дар қарни XIX мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро дар натиҷаи «бозиҳои бузург» хосса байни абарқудратҳо Британияи Кабир ва Россияи подшоҳӣ аз ҳам тариқи дарёи Ому ҷудо намудаанд, вале асолати таърихии онҳоро шикаста натавонистанд. Бори дигар ҳамфарҳанг, ҳамтабор ва ҳамҷавор будани мардумони ҳар ду соҳили Ому дар замони истиқлолият ҳувайдо гардид.

Дар ин бора М.Шукурзода дар асари худ чунин менигорад: «–Мо тоҷикони ду соҳили Омуро, ба фармудаи Лоиқ, ҳамҷавор гуфтан кам аст, мо ҳамтаборем, ҳамканорем, дар замин ҳамгавҳарем, дар осмон ҳамсайёраем!»[2].

Ҳамин тавр, саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон бениҳоят бузург арзёбӣ карда шудааст. Устод бо аснод ва далелҳои муътамади илмӣ мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар китобу мақолаҳои гуногуни худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Махусан дар шоҳасари нодири худ, «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», ки нисфи умри бобаракати худро дар таълифи он сарф намудааст, бо дидгоҳи нави таърихнигорӣ саҳми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ бо як маҳорати баланд тасвир намудааст. Муҳаққиқони дигар низ баъди рӯи чоп омадани асари шодравон Ҳ.Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар заминаи он китобу мақолаҳои зиёде чоп намуданд. Аммо арзиши илмию амалии

[1]Шукурзода М.Размоварони Ҳиндукуш… С.436.
[2]Шукурзода М. Фарёди фоҷиаи Афғонистон.Душанбе:Илм, 2017.С.285.

шоҳасари устод дар ҳеҷ замоне коста нахоҳад гашт ва дар заминаи ин асар вақти он расидааст, ки мактаби тоҷикшиносии Ҳ.Назаров дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёбад.

Умуман ба қавли Ҳ.Назаров ва пайравони консепсияи илмии ӯ, бидуни тоҷикон, ҳеҷ ҳукумате дар Афғонистон пойдор намемонд. Тоҷикон дар тамоми таҳаввулоти ин сарзамин шарик мебошанд ва ояндаи ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистонро бидуни тоҷикон наметавон тасаввур кард. Ин андешаи Ҳ.Назаров, шогирдони ӯ ва дигар муҳаққиқони беғарази афғонистоншиносӣ низ ҷонибдорӣ намуданд.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таъкид мегардад, ки таҳқиқи ҳаматарафаи фаъолияти илмӣ ва педагогии профессор Ҳ.Назаров на танҳо барои илми таърих, балки барои ҳаллу фасл намудани як қатор масъалаҳои баҳсталаби дигар илмҳо аз аҳамият холӣ нест. Ҳамин тавр, аз таҳлилу таҳқиқи муфассали осор ва фаъолияти илмию педагогии Ҳ.Назаров метавон ба чунин **хулоса** омад:

1. Ҳ.Назаров (1931-2006) роҳи мушкилро дар раванди ташаккули шахсият ва соҳибкасб шудани худ паси сар намудааст. Ӯ дар 11 солагӣ аз падару модар маҳрум гардид. Ҳ.Назаров соли 1943 ба хона - интернати бачагони Шулмак пазируфта шуд, ки то дараҷае зиндагии ӯро ҳамвор сохт. Ташаккулёбии шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳ.Назаров баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1953 оғоз мегардад. Зеро хатми ин боргоҳи маърифат ва сабақ гирифтан аз устодони донишманди он дар он замон дар ташаккулёбии шахсияти устод мусоидат намуданд. Хатми аспирантура, ҳимояи рисолаи номзадӣ ва докторӣ ба фаъолияти касбии Ҳ.Назаров такон бахшиданд[1-М; 5-М].

2. Саҳми доктори илмҳои таърих Ҳ.Назаров ҳамчунин дар омодасозии кадрҳои илмии соҳаи таърих, хусусан афғонистоншиносӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бе муболиға метавон иброз намуд, ки инкишофи имрӯза ва дурнамои минбаъдаи илми афғонистоншиносӣ ҳамчун илм дар Тоҷикистони соҳибистиқлол то ҳол бо номи ин шахсият сахт алоқаманд аст. Мавсуф олим ва муҳаққиқи барҷаста ҳисоб меёбад, ки дар омодасозии даҳҳо кадрҳои илмӣ-педагогӣ саҳми назаррас гузоштааст. Фаъолияти илмию омӯзгории устод шаҳодат медиҳад, ки имрӯз дар Тоҷикистон як мактаби қавии афғонистоншиносӣ ташаккул ёфтааст, ки муассиси он Ҳ.Назаров мебошад[2-М].

3. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX дар осори Ҳ.Назаров бо як маҳорати

баланд дар асоси маъхазҳои бойгонӣ, таҳқиқоти муаллифони афғон, Шӯравӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқоти худ диққати муҳаққиқро бештар самти сиёсати молиёт ва вазъи иқтисодии оммаи заҳматкаш, муносибатҳои молиётӣ–пулӣ, заминдорӣ ва заминистифодабарӣ, тафриқаи иҷтимоӣ ва амсоли инҳо дар Афғонистон ҷалб сохтааст[3-А; 6-А; 7-А].

4. Ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров мақеи марказиро ишғол менамоянд. Олими тоҷик ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон, хосса шӯриши қабилаҳои ғилҷоӣ дар солҳои 1886–1887, қиёмҳои оммаи мардум дар Бадахшон ва фирӯзкӯҳиҳо соли 1890, шӯриш дар Ҳазораҷот солҳои 1890–1893, Вардак соли 1897, Хуст соли 1912, Қандаҳор соли 1913 ва ғайрарро таҳлил намуда, сабаби ба миён омадани онҳоро дар маҷбуриятҳои феодалӣ, болоравии молиёт, сарбозгирии маҷбурӣ, меҳнати маҷбурӣ («бегор»), худсарӣ ва бедодгарии молиётгирандагон, сӯистифода ва фасоди ҳокимияти мустабиди амир мебинад. Консепсияи илмии устод Ҳ.Назаров оид ба ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баъдан қобили дастгирии аксари муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ қарор гирифт.

5. Арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон яке аз масъалаҳои меҳварии эҷодиёти Ҳ.Назаровро ташкил медиҳад. Ҷунбишҳои оммавии мардумӣ охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX дар Афғонистон ба қавли Ҳ.Назаров новобаста ба номуташаккилии худ ба рушди афкори сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ шароит фароҳам оварданд.

Ба ақидаи муаллиф ҷунбишҳои иҷтимоӣ заминаро барои нуҳзатҳои машрутахоҳӣ, маорифпарварӣ ва ҷунбиши ҷавонафғонҳо муҳайё сохтанд. Фаъолияти машрутахоҳон, маорифпарварон ва ҷавонафғонҳое, ки дар арафаи истиқлолияти Афғонистон ба майдон омаданд, инкишофи ҷомеаи афғонро аз тариқи ислоҳоти дохилӣ, густариши маориф ва илму

техника таблиғ мекарданд. Бешак онҳо истиқлолияти сиёсии пурраи кишварро аз ҷониби Британияи Кабир хостор буданд. Аз ҷониби дигар ба ақидаи Ҳ.Назаров, онҳо дар андешаи он набуданд, ки як ҷунбиши инқилобии оммаи мардумро созмон дода, низоми мавҷударо аз тариқи зӯрӣ сарнагун кунанд. Онҳо ҷонибдорони таҳаввулоти тадриҷӣ буданд.

6. Таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон яке аз масъалҳои рӯзмара ва мубрами таҳқиқоти Ҳ.Назаровро ташкил медиҳад. Ба ин масъала дар фарқият аз дигар муҳаққиқони афғонистоншинос ӯ холисона назар намудааст. Ҳ.Назаров дуруст иброз медорад, ки аз ташаккули давлати мутамарказ, ки бо номи Афғонистон ёд мешавад, беш аз 150 сол гузаштааст, аммо ин сарзамин то омадан ва дар он маскан шудани афғонҳо бо номи Хуросон ёд мешуд ва баъд аз мустақар шудани афғонҳо дар сарзамини Хуросон онҳо сиёсати табъизхоҳӣ, тафриқаандозӣ, имтиёзҷӯйӣ, азаматхоҳӣ, миллатгароии нажодиро ба муқобили халқиятҳои дигари сокин дар ин ҳудуд пиёда сохтанд.

Ба қавли Х.Назаров дар заминаи тақсимоти миллӣ–ҳудудӣ дар Осиёи Марказӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аксарияти халқҳои он соҳиби давлати мустақил гардиданд, худшиносии миллии қабилаҳо ва халқиятҳои ғайриафғон низ боло рафт. Аз ҷониби дигар ин муҳаққиқ аз он нигаронӣ дошт, ки доираҳои миллатгарои ҳокими афғон ба ҳеҷ сурат аз сиёсати золимонаи худ ба муқобили халқиятҳои ғайриафғон даст кашиданӣ нестанд ва ин раванд дар солҳои баъди низ давом хоҳад кард. Зимни таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон профессор Ҳ.Назаров ба эҷодиёти шарқшиносони Шӯравӣ хосса И.М.Рейснер, муаррих ва ходими машҳури сиёсию ҷамъиятии Афғонистон М.Ғ.М.Ғубор ва дигарон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Дар асоси асари муаллифи охирин «Афғонистон дар масири таърих» ва дар заминаи сафарҳои худ ба Афғонистон дар асари худ «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20–уми қарни XX дар Афғонистон» ба чунин хулоса омадааст, ки Афғонистон давлати касирулмиллат аст. Ба қавли ӯ новобаста аз аксарият будани аҳолии ғайриафғон(ғайрипаштун) назар ба афғонҳо таи ду даҳсола ҳокимияти

давлатӣ ба паштунҳо тааллуқ дорад ва онҳо аз имтиёзҳои моддӣ ва маънавӣ, аз пардохти молиёт озод буданд, ё онро бо арзиши имтиёзӣ ва сабук дар фарқият аз дигар намоядагони миллатҳо пардохт менамуданд[8-М].

7. Профессор Ҳ.Назаров диққати махсусро ба арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ равона намудааст. Бо ин мақсад устод ҷиҳати холисона ва амиқ баҳо додан ба ин шӯриш бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ зимни таҳқиқу баррасии маъхазҳои бойгонӣ, Афғонистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ, таълифоти осори шарқшиносони барҷастаи Шӯравӣ махсусан И.М.Рейснер, П.Алексеенков, К.Н.Соколов – Страхов ба натиҷаи зарурӣ омада, консепсияи нисбатан дурусти ин шӯришро пешниҳод намуд. Консепсияи пешниҳод намудаи устод Ҳ.Назаров перомуни шӯриши Бачаи Сақо дар солҳои 20–уми қарни XX аз дигар афғонистоншиносон ба куллӣ фарқ менамояд. Ин фарқият, аз ҷумла дар муайян намудани сабабҳои шӯришҳои деҳқонон дар солҳои 20-уми асри XX ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи консепсияи Ҳ.Назаров дар осори худ иллати асосии ба миён омадани ин шӯришро дар он медид, ки дар Афғонистон дар солҳои 20–уми қарни XX дар замони салтанати амир Амонуллохон новобаста аз пешравиҳои назаррас дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба мисли гузашта аҳволи оммаи табақаи заҳматкаш боз ҳам бадтар гардид. Аз ҷониби дигар табақаҳои болоии афғон сиёсати табъизхоҳӣ, имтиёзҷӯйӣ, азаматталабии миллӣ ва афзоиши андозҳоро дар байни аҳолии ғайриафғон роҳандозӣ намуданд, ки сабаби ба миён омадани шӯришҳо гардиданд. Дар соли 1929 аввалин бор дар таърихи Афғонистон тоҷикон, тавонистанд, зимоми қудратро аз афғонҳо ба даст гиранд. Ҳ.Назаров бар хилофи дигар афғонистоншиносон, ки Ҳабибуллои Калакониро ҷосус ва дастнишондиҳандаи англисҳо, иртиҷоъпараст арзёбӣ намудаанд, иброз медорад, ки Ҳабибулло ба муқобили зулму ситами иҷтимоӣ, барои таъмини адолати иҷтимоӣ, кам

намудани молиёт ва баробарии тамоми аҷвоми кишвар муборизаро дар солҳои 20–уми қарни XX оғоз намуда буд.

8. Саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон аз ҷониби мутахассисон ниҳоят бузург арзёбӣ карда мешавад. Муҳаққиқ дар осори худ дар такя ба адабиёти нодири илмии олимони шӯравӣ, хориҷӣ, афғон ва хулосаҳои худ аз сафарҳояш ба Афғонистон ҷойгоҳи тоҷиконро дар тамоми таҳавулоти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон холисона ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аммо аз чӣ бошад, ки бархе аз муаллифони Ғарбӣ ва афғон дар садаи XX ва имрӯз низ мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон нодида мегиранд ва тамоми дастовардҳои Хуросони Бузургро ба афғонҳо нисбат медиҳанд. Муҳаққиқоне, ки таърихи Афғонистонро холисона мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, таъкид менамуданд, ки агар ҳаёти иқтисодиро дар Афғонистон мавриди таҳқиқ қарор диҳем, маълум мегардад, ки минтақаи сукунати афғонҳо “масрафкунада” ва халқиятҳои ғайри афғон “тавлидкунанда”–и неъматҳои моддӣ ҳисоб меёфтанд. Дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ низ чунин фарқиятгузорӣ дида мешуд ва ин раванд имрӯз давом дорад. Маҳз бо дастгирии халқиятҳои ғайриафғон, хосса тоҷикон таърихи дирӯз, имрӯз ва ояндаи Афғонистон муайян гардидааст. Тамоми сулолаҳое, ки дар Афғонистон ба сари қудрат омадаанд, бо дастгирӣ ва кӯмаки беғаразонаи тоҷикон соҳиби тахту тоҷ гардидаанд. Умуман, ба қавли устод Ҳ.Назаров, саҳми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон ниҳоят бузург аст. Шогирдон ва тарафдорони устод дар пайравӣ ба мактаб ва консепсияи пешниҳоднамудаи ӯ оид ба масъалаҳои мубрами Афғонистон дар оянда низ роҳашро идома медиҳанд[4-М].

Бо мақсади омӯзиши минбаъдаи таҳқиқот ва истифодаи мероси илмии профессор Ҳ.Назаров зарур мешуморем, ки чунин корҳои хайр анҷом дода шаванд:

1. Дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои муддавар оид ба

масъалаҳои мубрами таърихи Шарқ, хосса афғонистоншиносӣ ва нақши олимони тоҷик дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърих ва фарҳанги Афғонистон бо иштироки олимон, донишҷӯён, магистрантон, аспирантону унвонҷӯёни мамлакатамон баргузор карда шавад.

2.Зарур мешуморем, ки дар Маркази мероси хаттии АИ ҶТ, ки фаъолияти Ҳ.Назаров ҳамчун муҳаққиқи Афғонистон оғоз гардидааст, намолавҳаи махсус ташкил карда шавад, ки фаъолияти Ҳ.Назаровро ҳамчун таърихшинос–афғонистоншинос инъикос намояд.

3.Маҷаллаи махсус бо номи «Афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» эҳё ва аз қайди давлатӣ гузаронида шавад, ки барои ба низом даровардани мероси илмии на танҳо олимону муҳаққиқони тоҷик, балки муаллифони хориҷӣ дар бораи Афғонистон, хосса барои таҳқиқи вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикони Афғонистон замина фароҳам созад.

4.Таъсиси осорхонаи Ҳ.Назаров дар заминаи Маркази мероси хаттии АИ ҶТ рӯи даст гирифта шавад.

5.Мероси илмии баитмомнарасидаи Ҳ.Назаровро оид ба Афғонистон, ки дар бойгонии ӯ маҳфузанд барои нашр омода карда шуда, ҳамчунин осори ба нашр расидаи устодро аз сари нав ва бо теъдоди зиёдтар бо забонҳои дигар миллатҳои хориҷӣ бояд нашр намуд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни мактабҳои олии таълимӣ истифода хоҳанд шуд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


## 1.Сарчашмаҳо

### а) бо забони дарӣ ва форсӣ

1. Абдурраҳманхон. Тоҷ у-т-таворих.–Ҷ.1.–Машҳад, 1319/1902.–Ҷ.2.– Лахор, 1319/1902.– 436 с.
2. Анис М. Буҳрон ва наҷот/М.Анис.– Кобул, 1932.–272 с.
3. Ғубор М. Ғ. М. Афғонистон дар масири таърих/Ғ.М.М.Ғубор.– Кобул, 1967. –840 с.

### б) бо забони русӣ

4. Бюллетень прессы Среднего Востока при СредАзбюро ЦК ВКП(б), Ташкент, 1928, №1, 3– 7, 1929, №1– 5, 1930, №6– 9.
5. Вавилов Н.И. Земледельческий Афганистан/Н.И.Вавилов, Д.Д.Букинич.– Л., 1929.–566 с.
6. Наступление английского империализма на Афганистан и Персию Изд–во Бюро Прессы Среднего Востока при СредАзбюро ЦК ВКП (б), Ташкент, 1929.–144 с.
7. Реакционное восстание в Афганистане Изд– во Бюро прессы Среднего Востока при СредАзбюро ЦК ВКП (б), Ташкент, 1928(выпуск декабрь).
8. Шах Вали. Мои воспоминания.– М.: Иностранной лит– ры, 1960.- 101 с.

## 2.Ҳуҷҷати бойгонӣ

9. Маводҳои бойгонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти меросӣ хаттӣ, парвандаи хидматии №5 Ҳақназар Назаров. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус.

## 3.Мусоҳибаҳо

10. Мусоҳиба бо д.и.т., профессор Искандаров Қ., декабри соли 2017.
11. Мусоҳиба бо д.и.ф., профессор Назриев Ҷ., январи соли 2018.

12. Мусоҳиба бо н.и.т., дотсент Нуриддинов Ҳ., марти соли 2018.
13. Мусоҳиба бо котиби илмии Маркази мероси хаттии АИ ҶТ Абдуллоев Р., апрели соли 2018.
14. Мусоҳиба бо ҳамсари профессор Ҳақназар Назаров, Назарова Ирина Борисовна, майи соли 2018.

## 4. Адабиёти таҳқиқотӣ

### в) бо забони тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ

15. Абдуллоев Р. Искандаров Қосимшо /Р.Абдуллоев //Шарқшиносии тоҷик (1958– 2008) /таҳти назари К. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009.–С.365–370.
16. Абдушакури Ҳ. Аз айёрӣ то аморат/Ҳ.Абдушакур.–Пешовар, 2002.
17. Амирбеков М. Ҳақназар Назаров/М.Амирбеков //Фарзонагони Раштонзамин. – Душанбе: Эр–граф, 2015. – С.339–340.
18. Амиршоҳӣ Н. Давлати куртҳои Ҳирот (1245–1381) /Н.Амиршоҳӣ. – Душанбе,1996.–152 с.
19. Амиршоҳӣ Н. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX–XIV Н.Амиршоҳӣ.– Душанбе, 1999.–1008 с.
20. Амиршоҳӣ Н. Холиқназаров Худобердӣ /Н.Амиршоҳӣ //Шарқшиносии тоҷик (1958– 2008) /таҳти назари К. Олимов.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. –С.523–526.
21. Асадуллоев Қ. Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи миёна /Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т.Муҳиддинов./Муҳаррири масъул Д. Саидмуродов; Ун–ти. давл. Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Фак. таърих.– Душанбе, 1973.– 260 с.
22. Бобоев Д. Ситоиши бародарӣ. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, И. Раҳматов. «Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон».– Душанбе, Дониш.– 1987. /Д.Бобоев //Адабиёт ва санъат.–1988.–10 март.
23. Бобохонов М. Олими намоён ва муаллими меҳрубон (Ба муносибати 60–солагии рӯзи таваллуд ва 35–солагии фаъолияти илмии

З.Ш. Раҷабов) /М.Бобохонов., Ҳ.Назаров //Комсомоли Тоҷикистон.– 1966.– 16 ноябр.

24. Бобохонов М. Муҳаққиқ ва омӯзгори нуқтасанҷ /М.Бобохонов, А.Слонимский, Д.Исмоилов Д //Газетаи муаллимон.– 1981.– 28 апрел.

25. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон /М.Бобохонов.– Душанбе:Ирфон, 2002.– 368 с.

26. Гулҷонов М. Тадқиқот оид ба таърихи Афғонистон /М. Гулҷонов //Маориф ва маданият.– 1977.– 17 март.

27. Дӯстмуроди С. Афғоншиноси номдор /С.Дӯстмурод ва диг. //Садои мардум.– 1991.– 22 май.

28. Дюпре Л. Қавминигарӣ /Л.Дюпре //Афғонистон.–Теҳрон:Бунёди доиратулмаорифи исломӣ, 1367(1997). –С.47-63.

29. Ёрмаҳмадов А. Равшанфикри озодипараст. Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров, Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, –Душанбе: Дониш, 1980. /А.Ёрмаҳмадов//Газетаи муаллимон.– 1981.– 28 апрел.

30. Зикриёев Ф. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.– Душанбе:Дониш, 1998. /Ф.Зикриёев // Анис.–1999.–№2.– С.85–87.

31. Имом Ш. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.– Душанбе:Дониш, 1998. /Ш.Имом // Анис.–2000.–№1.– С.81–83.

32. Имом Ш. Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон/Ш.Имом.–Душанбе,2003.–368 с.

33. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афгонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX /Ш.Имом.– Душанбе, 2013. – 268 с.

34. Искандаров Қ. Таҳқиқоти муҳимме дар афғоншиносӣ.Тақриз ба китоби Ҳ. Назаров «Социальные движения 20–х годов XX века в Афганистане». –Душанбе, 1989. /Қ.Искандаров, П.Қаландарбеков //Тоҷикистон.– 1990.–№10.–С.24.

35. Искандаров Қ. Очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии Ҳақназар Назаров /Қ. Искандаров// Ҳақназар Назаров.

Материалҳо оид ба библиографияи олимони Тоҷикистон, барориши 55, Душанбе, 1993.– С.13–26.

36. Искандаров Қ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ. Тақриз оид ба китоби Ҳ. Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», Душанбе, 1998 /Қ.Искандаров, Ҳ.Нуриддинов //Шоҳроҳи Ваҳдат.–1999.–№6.–С.54–63.

37. Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон /Қ. Искандаров. – Душанбе: Амри илм, 2001.– 118 с.

38. Искандаров Қ. Муҳаққиқи равшанзамир /Қ.Искандаров, Ҳ.Нуридинов //Шоҳроҳи Ваҳдат.– №6(30) июн 2001.– С.28–37.

39. Искандаров Қ. Афғоншиносии тоҷик дар 10 соли истиқлол /Қ.Искандаров// Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе, 2003, № 1.

40. Искандаров Қ. Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ/Қ.Искандаров //Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009.–С.244–252.

41. Искандаров Қ. Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон /Қ.Искандаров //Шарқшиносии тоҷик (1958–2008) /таҳти назари К. Олимов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. – С.85–97.

42. Искандров Қ. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир /Қ.Искандаров // Масъалаҳои муҳимми таърих ва фарҳанги Афғонистон. (маводи конфронси илмӣ бахшида ба ёдбуди олими шинохта, профессор Ҳ. Назаров). –Душанбе, 2014.– С.3–8.

43. Искандаров Қ. Тоҷикони Афғонистон дар раванди рақобатҳои қавмию сиёсии кишвар /Қ.Искандаров//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ .– 2017.– №3/6.– С.12– 20.

44. Искандаров Қ. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ /Қ.Искандаров, Р.Давлатов, Р.Абдуллоев.– Душанбе: Дониш,2018.–219 с.

45. Қодиров М. Дастпарвари университет– Нахустин номзади илми таърих /М.Қодиров //Ба қуллаҳои дониш.– 1958.– 20 февр.
46. Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон /М.Лутфуллоев //Ҷумҳурият.– 1999.– 17 март.– №22 (20.092).
47. Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон /М.Лутфуллоев //Ҷумҳурият.– 1999.– 20 март.– №23 (20.093).
48. Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон /М.Лутфуллоев //Ҷумҳурият.– 1999.– 24 март.– №24 (20.094).
49. Мирзошоев М.Ташаббуси нек. Тақриз ба китоби Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов, Таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои Шарқи Миёна.–Душанбе,1973. /М.Мирзошоев //Комсомоли Тоҷикистон.– 1974.– 7 апрел.
50. Назаров Ҳ. Рӯзи истиқлолияти Афғонистон /Ҳ.Назаров //Тоҷикистони Советӣ.– 1959. – 27 май.
51. Назаров Ҳ. Орзӯю умедҳои ба амал омада (Ба муносибати 100–солагии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия) /Ҳ.Назаров //Тоҷикистони Советӣ.– 1959. – 21 май.
52. Назаров Ҳ. Равобити Бухоро ва Афғонистон аз барпо шудани давлати Дурронихо то ғалтидани аморати Бухоро /Ҳ.Назаров. / Муҳаррири масъул М. Боқиев. Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон.– Душанбе,1963.– 179 с.
53. Назаров Ҳ. Робитаҳои иктисодӣ ва фарҳангии мо.(Дар бораи ҳамкориҳои шӯравию афғонӣ) /Ҳ.Назаров //Маориф ва маданият.– 1976.– 22 июл.
54. Назаров Ҳ. Бачаи Сақко /Ҳ.Назаров //Энсиклопедияи советии тоҷик.– Душанбе,1978.– Ҷилди 1.– С.389–390.
55. Назаров Ҳ. Инқилоб ақиб намегардад /Ҳ.Назаров //Тоҷикистони Советӣ.– 1980.–24 янв.
56. Назаров Ҳ. Омолу афкори Саид Ҷамолиддини Афғонӣ /Ҳ.Назаров. / Муҳаррири масъул Ғ.А. Ашуров; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фалсафа.– Душанбе: Дониш, 1980.– 105 с.

57. Назаров Ҳ. Афғонистони навин /Ҳ.Назаров, С.Мерганов. – Душанбе: Ирфон, 1982– 174 с.

58. Назаров Ҳақназар /Ҳ.Назаров //Энсиклопедияи советии тоҷик.– Душанбе,1984.– Ҷ.5.–С.66–67.

59. Назаров Ҳ. Назаре ба равобити фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон /Ҳ.Назаров , И. Раҳматов ./Муҳаррири масъул С. Мерганов; Акад. фанҳои РСС Тоҷикистон. Ин–ти шарқшиносӣ.– Душанбе: Дониш, 1987.– 41с.

60. Назаров Ҳ.Тоҳири Бадахшӣ кист? /Ҳ.Назаров //Адабиёт ва санъат.– 1991.–7 ноябр.

61. Назаров Ҳ. Афғонистон дар панҷ қарни охир.Тақриз ба китоби М. Фарҳанг, Афғонистон дар панҷ қарни охир.–Вирҷиния, 1988–1990.– Ҷилди 1. 1988.–617 с.; Ҷилди 2.–1990.–152 с.– Замима С.1–94.– Бо (хатти форсӣ) /Ҳ.Назаров //Ҷумҳурият.– 1992.– 3 март.

62. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон/Ҳ.Назаров. – Душанбе: Дониш,1998.–656с.

63. Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён /Ҳ.Назаров. / Муҳаррири масъул М. Диноршоев. – Душанбе:Ирфон, 1999.– 138 с.

64. Назаров Ҳ. Афкор ва андешаҳои Сайид Ҷамолиддини Асадободӣ /Ҳ.Назаров./Ба хатти форсӣ. Тарҷумаи Сайид Ҷамолиддини Шафеӣ ва Муҳаммад Алии Аҷамӣ. Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва ҳунари исломӣ.– Теҳрон,1999.– 119 с.

65. Назаров Ҳ. Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон /Ҳ.Назаров //Фарҳанги Ориёно, Шумораи 7,8,9, – Душанбе,2000.– С.55–59. (Ба хатти форсӣ).

66. Назаров Ҳ. Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон /Ҳ.Назаров //Ёдномаи Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ.– Душанбе,2000.– С.40–54. (Ба хатти форсӣ).

67. Назаров Ҳ. Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон /Ҳ.Назаров //Ому, Шумораи 2. Соли 2001. – С.151–165. (Ба хатти форсӣ).

68. Назаров Ҳ. Абармарде, ки дар пешгоҳи мардуми Афғонистон ояндаи дурахшонро ифтитоҳ намуд. 7–9[1] 2003. /Ҳ.Назаров //Фарҳанг.– С.18–21.
69. Назаров Ҳ. Нақши эрониён–тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон/Ҳ.Назаров.– Душанбе:Пайванд,2005.– 492 с.
70. Нурмуҳаммади А. Пири афғонистоншиносии тоҷик /А.Нурмуҳаммад//Фарҳанг март–апрели 2006.– С.49–51.
71. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён /Э.Ш. Раҳмонов. – Лондон, 2001.-127 с.
72. Саидмуродов Д. Афғонистон /Д.Саидмуродов//Энсиклопедияи советии тоҷик.–Душанбе, 1978.–Ҷилди 1.–С.310.
73. Сайидзода З.Ш. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон /З.Ш. Сайидзода.– Душанбе, Контраст, 2018.– 422 с.
74. Самсури Афғон Саққовии дуввум. Мутарҷим аз забони пашту Халилуллоҳ Видоди Бориш.– Кобул, 1998.– 164 с.
75. Соҳибназар М. Кобул дар гузаргоҳи таърих /М.Соҳибназар. – Душанбе, 2000.–329 с. (Ба хатти форсӣ).
76. Фарҳанг Муҳаммад Сиддиқ. Афғонистон дар панҷ қарни охир/М.С.Фарҳанг.– Теҳрон, 1380/2001. – 899 с.
77. Ҳабибӣ А. Ҷунбиши машрутият дар Афғонистон /А.Ҳабибӣ. – Кобул, 1363 (1984). –С.55-56.
78. Ҳақшинос Ш.Н. Дасоис ва ҷинояти рус дар Афғонистон аз амир Дуст Муҳаммадхон то Бабрак /Ш.Н.Ҳақшинос.– Теҳрон, 1984.– 421 с.
79. Халиллулоҳи В.Б. Ҳабибуллоҳи Калаконӣ марде дар ҳариқи таърих /В.Б.Халиллулоҳ.–Пешовар: Фазл, 1377.–286 с.
80. Ҷамолиддин Сино Далерӣ. Ҷойгоҳи рушанфикрони Афғонистон дар пойдории сулҳ /С.Д.Ҷамолиддин. – Душанбе: Деваштич, 1383 (2004).–404 с.
81. Шохуморов С. Таърихи ду кишвари ҳамсоя.Тақриз ба китоби Қ. Асадуллоев, Ҳ. Назаров, Т. Муҳиддинов, Таърихи нав ва навтарини

мамлакатҳои Шарқи Миёна, Душанбе, 1973. /С.Шохуморов, У. Абдураҳмонов //Маориф ва маданият.– 1974.– 23 июл.
82. Шукурзода М. Размоварони Ҳиндукуш /М.Шукурзода.– Душанбе:Адиб, 2009.–480 с.
83. Шукурзода М. Фарёди фоҷиаи Афғонистон /./М.Шукурзода.– Душанбе: Илм, 2017.– 288 с.

**г) бо забони русӣ**

84.Абдуллаев Р. Современный Афганистан: этнополитическая ситуацияи /Р.Абдуллаев. –Душанбе, 2006.–95 с.
85. Алексеенков П. Аграрный вопрос в Афганском Туркестане /П.Алексеенков.–М.:МАИ, 1933.–107с.
86. Бабаходжаев М.А. Очерки социально–экономической и политической истории Афганистана (конец XIX в.) /М.А.Бабаходжаев.– Ташкент: Госиздат УзССР, 1975. – 196 с.
87. Бабаходжаев М.А. К вопросу о национальном составе население Афганистане в конце XIX /М.А.Бабаходжаев //Очерки по новой истории Афганистана.–Ташкент:Фан, 1966. –С.5-22.
88. Байматова Т.А. Общее собрание отделения общественных наук. Список действительных членов (академиков) и членов–корреспондентов АН ТаджССР. от 11 декабря 1987 г. /Т.А.Байматова // Изв. АН ТаджССР.Сер.: Философия, экономика, правоведения.– 1988.– №1(9).– С.69–70.
89. Бойко В.С. Мировая афганистика между наукой и политикой: проблемы истории и модернизации Афганистана в XX– начале XXI вв.: учебное пособие /В.С.Бойко.– Барнаул: АлтГПУ, 2016.– 138 с.
90. Гульджанов М. Новое исследование по истории Афганистана /М.Гульджанов //Изв. АН ТаджССР. Отд–ние обществ. наук.– 1979.– №1(95) – С.113–115.
91. Гуревич Н.М. Афганистан: некоторые особенности социально-экономического развития (20-50-е гг.) /Н.М.Гуревич.–М.:Наука, 1983.– 128 с.

92. Давыдов А.Д. Аграрный строй Афганистана /А.Д.Давыдов.–М.:Наука, 1967.–182 с.
93. Зарипов Ш. Кочевники Афганистана (на рубеже XIX-XX вв.) /Ш.Зарипов. –Душанбе:Ирфон,1991.–176 с.
94. Искандаров К. Малодежное движение в Афганистане 1945–1990 гг. /К.Искандаров. – Душанбе, 1992.– 148 с.
95. Искандаров К. Краткий очерк научной и научно–организаторкской деятельности Х. Назарова /К.Искандаров //Хакназар Назаров. Материалы к библиогрфии ученых Таджикистана, Вып. 55.–Душанбе,1993. –С.27–41.
96. Искандаров К. Основные даты жизни и деятельности Х. Назарова /К.Искандаров //Хакназар Назаров. –Душанбе,1993. – С.10–12.
97. Искандаров К. //Хакназар Назаров. Библиография материалы библиографии ученых Таджикистана, Вып. 55. /К.Искандаров, М.Р. Раджабова –Душанбе,1993.– С.42–46.
98. Искандаров К. Политические партии и движения Афганистана во второй половине XX века /К.Искандаров. -Душанбе: Ирфон, 2004. -500 с.
99. Искандаров К. Хакназар Назарович Назаров. Жизнь, отданная науке/К.Искандаров // Ирано-славика.–2006.–№4;
100. Искандаров К. Талантливый ученый и блестящий организатор науки/К.Искандаров, С.Шохуморов//Ирано-славика.–2006.–№4.;
101. История Афганистана с древнейших времён до наших дней/ Отв. ред. Ю. В. Ганковский.–М.: Мысль, 1982.–368 с.
102. Коргун В.Г. К вопросу о роли кочевников в Афганистане новейшего времени /В.Г.Коргун //Арабские страны, Турция, Иран, Афганистан. История, экономика. –М.: Наука, 1973. –С.89–97.
103. Коргун В.Г. Афганистан в 20–30– е годы XX века: страницы политической истории /В.Г.Коргун. – М.: Наука, 1979. – 158 с.
104. Коргун В.Г. История Афганистана XX век /В.Г.Коргун. – М.: Крафт+, 2004. – 526 с.

105. Массон В.М. История Афганистана. Т.2. Афганистан и новое время /В.М.Массон, Б.А.Ромодин. – М., 1965. – 546 с.
106. Мальцев Ю. Новое пособие Рец. на кн.: К. Асадуллоев, Х. Назаров, Т. Мухиддинов, Новое пособие. Новая и новейшая история стран Среднего Востока.– Душанбе, 1973.– 173 с. /Ю.Мальцев //Коммунист Таджикистана.– 1973.– 19 декабр.
107. Махмадшоев Р. Таджики Афганистана в новое время (Очерки истории, хозяйства и материальной культуры) /Р.Махмадшоев.– Душанебе:Дониш, 2001.– 200 с.
108. Махмадшоев Р. История этнополитического развития таджиков Хорасана ( Афганистан) /Р.Махмадшоев. – Душанбе: Ирфон, 2009.–206 с.
109. Мирзоев А. Молодой ученый /А.Мирзоев //Комсомолец Таджикистана. – 1958.–19 октябр.– №126(2239).
110. Мухтаров А. Новое по истории Афганистана /А.Мухтаров, М.Бобохонов //Коммунист Таджикистана.– 1977.– 9 феврал.
111. Назаров Х. Социально–экономический строй Кухистана во второй половине XIX и начала XX вв. /Х.Назаров // Из истории Таджикистана/ Тадж.гос. ун–т. Им. В.И. Ленина.– Сталинабад, 1957. Вып.1 Сборник работ аспирантов кафедры истории.– С.3–50.
112. Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане /Х.Назаров. / Тадж. гос. ун–т. им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1968.– 48 с.
113. Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века /Х.Назаров./Отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун–т. им. В.И. Ленина.– Душанбе: Ирфон, 1969.– 87 с.
114. Назаров Х.Страницы истории Гиндукуша. Рец. на кн.: Искандаров Б.И. Гиндукуш во второй половине XIX в /Х.Назаров.– М.: Наука,1968. //Коммунист Таджикистана.– 1969. –26 авг.
115. Назаров Х.Народные и просветительско–антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков) /Х.Назаров. /

Отв. ред. Б.И. Искандаров; Тадж. гос. ун–т. им. В.И. Ленина– Душанбе: Ирфон, 1976.– 262 с.
116. Назаров Х. Апрельская революция и решение аграрного вопроса в Афганистане /Х.Назаров // Изв. АН ТаджССР. Отд–ние обществ. наук.– 1980.– №3.– С.75–81.
117. Назаров Х. Восстание 1920–х годов в Афганистане (по оценке афганского историка М. Губара в его книге «Афганистан на пути исторического развития») /Х.Назаров //Иран и Афганистан: Науч. тр. по истории Ирана и Афганистана/Тадж. гос.ун–т. им. В.И. Ленина. ист. фак.– Душанбе, 1981.– С.55–70.
118. Назаров Х.Развитие востоковедение в Таджикистане /Х.Назаров //Изв. АН ТаджССР. Отд–ние. Обществ. наук.– 1983.– №4.– С.75–81.
119. Назаров Х. Приоритетные направления в изучении истории и истории культуры Афганистана //Изв. АН ТаджССР. Сер.: Востоковедение. история. филология.– 1988.– №3.– С.66–67.
120. Назаров Х. Саид Джамолиддини Афгани–предвестник конституционного движения на Востоке /Х.Назаров // III Всесоюзная конференция востоковедов «Взаимодействия и взаимопонимания цивилизации и культур на Востоке». Тез. докл. и сообщ. (Душанбе, 16–18 мая 1988 г.). –М., 1988– Т.2.– С.138–139.
121. Назаров Х. Социальные движения 20–х годов XX века в Афганистане /Х.Назаров. /Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН ТаджССР.Ин–т востоковедения. – Душанбе: Дониш, 1989.– 265 с.
122. Назаров Х. К постановке национального вопроса в Афганистане /Х.Назаров // Изв. АН. ТаджССР. Сер.: Востоковедение, история, филология.– 1991.– №2.– С.10–20.
123. Назаров Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно–политическая школа /Х. Назаров /Отв. ред. М. Диноршоев; АН Республики Таджикистан.– Душанбе: Дониш,1993.– 268 с.
124. Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии /Х.Назаров.– Душанбе, 2004.– 103 с.

125. Очильдиев Д.Я. Младоафганское движение (1900–1929) /Д.Я.Очильдиеев. – Ташкент, 1985.
126. Примаков В.М. Афганистан в огне /В.М.Примаков. – Л., 1929.154 с.
127. Рейснер И.М. Развитие феодализма и образование государства у афганцев /И.М.Рейснер. – М., 1954.–416 с.
128. Рейснер И.М. Независимый Афганистан /И.М.Рейснер. – М., 1929.
129. Риштия С. Афганистан в XIX в / С. Риштия. – М.: Наука, 1958.–487с.
130. Ромодин В.А. Афганистан во второй половине XIX– начале XXвв.: официальная история и историография /В.А.Ромодин. – М., 1990. – 145 с.
131. Смирнов Н.И. Важный этап развития независимого Афганистана. Сб. «Независимый Афганистан», – М., 1958.
132. Соколов–Страхов К.И. Гражданская война в Афганистане 1928–1929 гг. /К.И. Соколов–Страхов. – М., 1931.–145 с.
133. Темирханов Л. Хазарейцы.(Очерки новой истории) /Л.Темирханов. – М.:Наука, 1972.–140 с.
134. Теплинский Л.Б. Советско–афганские отношения 1919–1961 /Л.Б.Теплинский.– М., 1961.–382 с.
135. Файз Мухаммад Книга упоминаний о мятеже /М.Файз.– М.:Наука,1988. –280 с.
136. Халилулла В. Восстание и правление эмира Хабибуллы–хана Бачаи Сакао (январь–октябрь 1929 г.) /В.Халилулла. –М., 1996.–71 с.
137. Шохуморов С. Х. Назаров Социальные движения 20–х годов XX века в Афганистане.– Душанбе:Дониш, 1989.– 265 с. / С.Шохуморов // Изв. АН ТаджССР. Сер. Востоковедение, история, филология,– 1990.– №3(19). – С.77–78.

### ғ) бо забони англисӣ

138. Becka I. Contsribution to new Afghan history / I. Becka //Archiv orentalni.–1978.–Vol.3.– P.258–264.
139. Becka I. //Archiv orentalni/–1966.–Vol.34.– P.467–469.

140. Dupree, Louis. Afghanistan, Princeton Univ. Press. – Princeton, New Jersey, 1980.
141. Mohammed Ali. Afghanistan (The Mohammedzai period) / Ali Mohammed. – Lahore, 1959.
142. Sykes P.A. History of Afghanistan / P.A. Sykes. Vol. 1–2. London, 1940.

## 5.Автореферат ва диссертатсияҳо

143. Амиршоев Н.К. Государство Куртов Герата (1245–1381): На основе «Таърих– нама–и Хирот» Сайфи Харави и др. персид. письм. источников: дис. … канд. ист. наук. /АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. истории, археологии и этнографии им. А. Дониш /Н.К. Амиршоев. – Душанбе, 1996.-205 с.
144. Искандаров К. Молодежное движение в Афганистане 1945– 1988 гг.: дис. … канд. ист. наук. АН ТаджССР., Ин–т востоковедения /К. Искандаров.– Душанбе, 1989.– 200 с.
145. Искандаров К. Общественно–политические движения в Афганистане (1945– 2001гг.): дис. … д–ра. ист. наук. /АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие /К.Искандаров. – Душанбе, 2004.– 381с.
146. Назаров Н. Дж. Из истории культурных связей Советского Таджикистана с Афганистаном (1945– 1988 гг.): дис. … канд. ист. наук. / Тадж. гос. ун–т им. В.И. Ленина /Н.Дж. Назаров. –Душанбе, 1990.– 199 с.
147. Назаров Н.Дж. Организационно–правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917–2006 гг.): автореф. дис. … д–ра. на соиск. учен. степ. юрид. наук. /Акад. управ. МВД России /Н.Дж. Назаров. – М., 2007.–63 с.
148. Назаров Х. Народные и просветительско–антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков): автореф. дис. … д–ра. ист. наук / Ин–т стран Азии и Африки при МГУ им. М.В. Ломоносова /Х.Назаров.– М., 1977.– 36 с.

149. Назаров Х.Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начале XX вв.: дис.… канд. ист. наук /Х.Назаров..– Сталинабад, 1957.– 237 с.
150. Назаров Х.Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начале XX вв.: автореф. дис.… канд. ист. наук. /Тадж. гос. ун–т им. В. И. Ленин /Х.Назаров.– Сталинабад, 1957.– 17 с.
151. Нуриддинов Р.Ш. Идейная борьба лево-демократических и право-исламистских сил в Афганистане: дис. … д-ра. политических наук./АН. Респ. Таджикистан. Ин-т. востоковедение и письменного наследие /Р.Ш. Нуриддинов. – Душанбе, 2003.–371 с.
152. Сохибназар М. Кабул в исторических источниках: автореф. дис.… на соиск. учен. степ. канд. ист. наук/АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие /М. Сохибназар.– Душанбе, 2002.– 23 с.
153. Халилулла В. Правление эмир Хабибуллы–хана Бачаи Сакао (январь–октябрь 1929 года): автореф. дис. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук /В.Халилулла. – М., 1996.– 16 с.
154. Холикназар Х. Вклад Республики Таджикистан в становление и развитие Шанхайской организации сотрудничество (1996–2014 гг.): дис. ... д–ра. ист. наук. /ЦСИ при Президент Респ. Таджикистан /Х.Холикназар.– Душанбе, 2015.– 357 с.
155. Холикназаров Х. Общественно–политическая деятельность Джамаль–ад–Дина Афгани и его последователей в Иране в конце XIX начале XX вв. дис. … канд. ист. наук. /АН ТаджССР., Ин–т востоковедения /Х.Холикназаров.– Душанбе, 1987.– 190 с.
156. Хома А. Ирано–таджикские отношение в 1991-2005 гг.: дис.… на соиск. учен. степ. канд. ист. наук/АН. Респ. Таджикистан. Ин–т. востоковедение и письменного наследие /А.Хома.– Душанбе, 2006.–159 с.

### 6.Маҷаллаҳо

157. «Звезда Востока», 1976, №1.

158. «Новый Восток», 1924– №6, 1925, №8– 9,1929, №25, 1930, №28,

## 7.Рӯзномаҳои даврӣ

159. «Овози тоҷик», 21 январи соли 1929 (бо хатти форсӣ).
160. «Тоҷикистони Сурх», 14 октябри соли 1929 (бо хатти форсӣ).
161. «Тоҷикистони Сурх», 17 январи соли 1929. (бо хатти форсӣ).

## 8.Манбаҳои интернетӣ бо забони тоҷикӣ, дарӣ ва русӣ

162. Абдуллоев К. Эмир Хабибулла– таджикский король Афганистана[электронный ресурс] /К.Абдуллоев www/news.tj/ru/ news/emir– khabibulla– tadzhikskii– korol– Afganistana/09:51/6.08.(дата обращения:19.11.2018 г.).
163. Аюбзода С. Тобути оташин [манбаи электронӣ] /С. Аюбзода **https://aioubzod.wordpress.com/2016/09/01/%D1%82%D0%BE%D0%B1%D1%83%D1%82%D0%B8%D0%BE%D1%82%D0%B0%D1%88%D0%B8%D0%BD/** (санаи истифодабарӣ 1.03.2019).
164. Искандаров Қ. Нақши профессор Хақназар Назарӣ дар пажӯҳиш перомуни Афғонистон/Гузориш дар намоиши бузургдошт аз 75 солагии шарқшиноси маъруф Ҳақназар Назарӣ/Қ.Искандаров//Маҷаллаи посдори фарҳанги Ориё.–Канада, 2006. Манбаи электронӣ: http://www./apfariaye.com. (санаи истифодабарӣ: 20.04.2017.)
165. Меҳди А. Ҳабибуллоҳи Калаконӣ кӣ буд ва чӣ гуна кушта шуд? [манбаи электронӣ] /А.Меҳди http://rokh.af/archives/447 (санаи истифодабарӣ:25.02.2019).
166. Муҳаммадолам А.С. Подшоҳи дилдода [манбаи электронӣ] /А.С. Муҳаммадоламhttp://tajikam.com/tajik/index.php?option=com_content&view=article&id=38:2012– 02– 22– 09– 24– 46&catid=5:personalities&Itemid=3 (санаи истифодабарӣ 28.02.2019).
167. Назриев Ҷ. Аввалин таърихшиносе, ки унвони номзади фанҳои таърихро гирифт [манбаи электронӣ] /Ҷ.Назриев. http://www.ruzgor.tj/tarih/4995– avvalin– tarikhshinose– ki– unvoni–

nomzadi– fanhoi– tarikhro– girift– 9295.html (санаи истифодабарӣ: 24.11.2018).

168. Раҳмон Э. Суханронӣ ба муносибати 20– умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ 08.09.2011 с.– Манбаи дастрасӣ: /Э.Раҳмон //http://www.president.tj/node/196 (санаи мурочиат:31.10.2018 ).

169. Ҳамид М. Доктор Ҳамид Муфид: Анқариб 40 дарсади чамъияти Афғонистон точиканд. 11.03.2018 с. /М.Ҳамид http://tajikam.com/tajik/index.php?option=com_content&view=article&id=218:– – – – 40– – – – &catid=6:2012– 02– 06– 07– 19– 05&Itemid=5 (санаи мурочиат: 14.11.2018 с.).

170. Чумъахони А. Бачаи Сақко ё Ҳабибуллохон кӣ буд? [манбаи электронӣ] /А.Чумъахон http://www.millat.tj/articles/ravzanabajahon/2818–bachai– saqqo– yo– habibullohkhon– ki– bud– 2818.html 7.12.2011 08.58 (санаи истифодабарӣ:27.02.2019); /А.Чумъахон http://www.millat.tj/articles/ravzanabajahon/2833– bachai– saqqo– yo– habibullohkhon– ki– bud– 2833.html 17.12.2011. 09.26 (санаи истифодабарӣ:27.02.2019).

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАЧАИ ИЛМӢ

### 1.Мақолаҳо дар мачаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Қодиров Д.С. Ҳақназар Назаров–таърихшинос ва афғонистоншинос /Д.С. Қодиров //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон. – 2017.– №3/5.– С.37-41.

[2-М]. Қодиров Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии муҳаққиқони соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ дар Точикистон / Д.С. Қодиров //Паёми Донишгоҳи миллии Точикистон.–2018., Қисми II. – №3/7.– С. 45-48.

[3-М]. Қодиров Д.С. Таҳлили вазъи ичтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва дар ибтидои асри XX дар осори

Ҳақназар Назаров /Д.С. Қодиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2018.– №1.– С.88-93.

[4-М]. Искандаров Қ., Қодиров Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон /Қ.Искандаров, Д.С. Қодиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2019.– №9.– С.126-131.

**2.Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[5-М]. Қодиров Д.С. Муҳаққиқи варзидаи таърихи Осиёи Марказӣ ва Хуросон /Д.С. Қодиров //Идоракунии давлатӣ.–2018.– №1 (37). – С.128-134.

[6-М]. Қодиров Д.С. Инъикоси ҳунарҳои мардумӣ дар Афғонистон дар осори Ҳақназар Назаров /Д.С. Қодиров //Идоракунии давлатӣ.–2018.– №2 (38).– С.86-89.

[7-М]. Қодиров Д.С. Пажӯҳиши авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори Ҳақназар Назаров /Д.С. Қодиров //Идоракунии давлатӣ.–2018.– №4 (40). –С.82-87.

[8-М]. Қодиров Д.С. Таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон дар осори Ҳақназар Назаров /Д.С. Қодиров //Идоракунии давлатӣ.–2019.– №1 (41). – С.85-92.